# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КУҲИСТОНИ БАДАХШОН
### МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ
### ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪА

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪА БАРОИ СОЛҲОИ 2015-2019



Роштқалъа – 2014

**МУНДАРИҶА**


**Рӯйхати ихтисорот** ........................................................................................................

**Пешгуфтор** ........................................................................................................

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА**
**ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪА** ..........................................

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ**........................................................................................
2.1. Соҳаи кишоварзӣ
2.2. Соҳаи саноат. ........................................................................................
2.3. Соҳибкории хурд ва миёна ........................................................................................

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ** ........................................................................................
3.1. Соҳаи маориф ........................................................................................
3.2. Соҳаи тандурустӣ ........................................................................................
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ........................................................................................
3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат ........................................................................................
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш........................................................................................

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР**........................................................................................
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ........................................................
4.2. Таъмини барқ ........................................................................................
4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ........................................................................................
4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ........................................................................................

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА**
5.1. Ҳифзи муҳити зист........................................................................................
5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода, пешгирӣ ва кам кардани ҳолати хатари онҳо .........

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ**........................................................................................

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ** .....................................................

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди ноҳияи Роштқалъа аз рӯи соҳаҳо**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| БДИ | Барномаи давлатии инвеститсионӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВЭС | Вазорати энергетика ва саноат |
| ГК | Гуруҳҳоикории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МБҲ | Маркази барқии ҳароратдиҳанда |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| РЕАКТ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| РИМ | Рушди иқтисодии маҳал |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015” |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

# ПЕШГУФТОР

Ноҳияи  Роштқалъа 6,7 фоизи ҳудуди умумии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро ташкил медиҳад. Роштқалъа ноҳияи аграрӣ буда, аҳолии он асосан ба чорводорӣ ва зироаткорӣ машғуланд. Ноҳия дар тақсимоти меҳнати вилоят ҳамчун истеҳсолкунандаи маҳсулоти чорводорӣ ва растанипарварӣ ба ҳисоб меравад. Ҳиссаи он дар истеҳсоли маҳсулоти чорводории вилоят, аз ҷумла картошка 16,3%, сабзавот 14,2%, шир 11,3%, гӯшт 12,1%, пашм 5%, меваҷот 7,1% ва асал 8,4 фоизро ташкил медиҳад. Табиати хушманзара ва ландшафти мафтункунандаи ноҳия барои рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ хеле мувофиқ мебошад. Дар қаламрави он захираҳои зиёди канданиҳои фоиданок (ёқут, лоҷуварт, кварс, мармар, зумуррад, обҳои маъдани) мавҷуданд.

Боиси тассуф аст, ки айни замон захираҳои табии дар ноҳия мавҷудбуда аз сабаби ҷалби нагардидани сармояи ватанию хориҷӣ ва ворид нагардидани технологияи муосир коркард намешаванд. Аз ин лиҳоз, бо мақсади дар оянда ба кор даровардан ва самаранок истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ, дастгирии бештару сифатноки соҳаҳои иҷтимоӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани инфрасохтори ноҳия зарурияти тарҳрезии чунин барномаи комплексӣ ба миён омадааст.

Дар сурати ба роҳ мондани коркарди захираҳои мавҷудаи табиии мавҷуда ва истифодаи самараноку оқилонаи чашмаҳои шифобахшу обҳои минералӣ, соҳаҳои саноату инфрасохтори иқтисодиёти ноҳия басо рушд хоҳад намуд. Қатъи назар аз иқтидорҳои зиёди мавҷудаи ноҳияи Роштқалъа, мушкилиҳое ҷой доранд, ки ба пешрафти иқтисодиёти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад ва мақсади  асосии Барнома дар панҷ соли оянда ҳаллу фасл ва бартараф намудани ин мушкилиҳо мебошад.

Дар раванди тарҳрезии Барномаи рушди ноҳияи Роштқалъа талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», "Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" (аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои  Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шудааст) ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ (Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015", "Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ ба инобат гирифта шудааст. Барномаи мазкур бо кӯмаки машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, аз ҷониби Гурӯҳи кории ноҳия, ки бо қарори Раиси ноҳияи Роштқалъа № 237 аз 21 майи соли 2014 (оид ба таҳияи барномаи рушди ноҳия) тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст. Дар раванди таҳияи он намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои ҷамъиятиву хусусӣ ва мутахассисони соҳавии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии (МИҲД) ноҳия ҷалб гардидаанд.

Ҳадафи асосии Барномаи тарҳрезигардида таъмин намудани рушди устувори соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт, дар асоси коркарди саноатӣ ва истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, беҳтар намудани хизматрасонии заминавии иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии мардуми ноҳия мебошад. Барномаи зикргардида ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамуҳлат муайян мекунад.

Ба Барномаи рушди ноҳия 185 лоиҳа бо маблағи 335217,4 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 65 лоиҳа бо маблағи 141555 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 67 лоиҳа бо маблағи 37477,4 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 32 лоиҳа бо маблағи 147170 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 10 лоиҳа ба маблағи 3,23 млн. сомонӣ бахши ҳифзи муҳити зист, 6 лоиҳа бо маблағи 5,08 млн. сомонӣ ба бахши ҳолатҳои фавқулодда ва 5 лоиҳа бо маблағи 0,7 млн. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

| ***Тақсимоти маблағҳои "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рошткалъа барои солҳои* 2015-2019 *аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ).*** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Соҳаҳо*** | ***Ҳамагӣ*** | ***Соли*** 2015 | ***Соли*** 2016 | ***Соли*** 2017 | ***Соли*** 2018 | ***Соли*** 2019 |
| *Саноат* | 9505 | 457 | 1190 | 1358 | 3000 | 3500 |
| *Сохтмон* | 103815 | 42905 | 27985 | 20325 | 6400 | 6200 |
| *Кишоварзӣ* | 3944 | 611 | 1050 | 1111 | 796 | 376 |
| *Соҳаи соҳибкории хурду миёна* | 24291 | 2143 | 7775 | 9043 | 4530 | 800 |
| ***Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ*** | 141555 | 46116 | 38000 | 31837 | 14726 | 10876 |
| *Маориф* | 18802 | 5018 | 4472 | 2862 | 3870 | 2580 |
| *Тандурустӣ* | 7671,4 | 196 | 1572,4 | 2480 | 2016 | 1407 |
| *Ҳифзи иҷтимоӣ* | 1780 | 530 | 260 | 360 | 280 | 350 |
| *Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ* | 9224 | 1330 | 2109 | 2135 | 2535 | 1115 |
| ***Ҳамагӣ, блоки иҷтимоӣ*** | 37477,4 | 7074 | 8413,4 | 7837 | 8701 | 5452 |
| *Таъминот бо оби нӯшокӣ* | 2175 | 345 | 350 | 730 | 350 | 400 |
| *Барқтаъминкунӣ* | 127255 | 60370 | 55975 | 10400 | 300 | 210 |
| *Нақлиёт, роҳ ва алоқа* | 17740 | 6082 | 4009 | 1615 | 2120 | 3914 |
| ***Ҳамагӣ, блоки инфрасохтор*** | 147170 | 66797 | 60334 | 12745 | 2770 | 4524 |
| ***Ҳифзи муҳити зист*** | 3230 | 530 | 700 | 880 | 510 | 610 |
| ***Ҳолатҳои фавқуллода*** | 5085 | 1122 | 1600 | 1978 | 185 | 200 |
| ***Таъминоти захиравӣ*** | 700 | 135 | 160 | 140 | 140 | 125 |
| ***Ҳамагӣ, арзиши БРН*** | 335217,4 | 121774 | 109207,4 | 55417 | 27032 | 21787 |
| *Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ* | 138404 | 53054 | 34558 | 25805 | 13096 | 11891 |
| *Буҷети вилоятӣ* | 3921,4 | 1245 | 2386,4 | 275 | | 15 |
| *Буҷети маҳаллӣ* | 875 | 349 | 104 | 402 | 20 | |
| *Сохибкорон* | 19468 | 2643 | 6120 | 4840 | 4010 | 1855 |
| *Сармояи хориҷӣ ва дохилӣ* | 151606 | 62800 | 62179 | 19775 | 3436 | 3416 |
| *Маблағҳои худӣ* | 2980 | 300 | 1030 | 550 | 550 | 550 |
| *Қарзи бонкӣ* | 3557 | 457 | 830 | 1170 | 1100 | |
| *Лоиҳаҳои манбаи маблаггузориашон айни ҳол номуайян* | 14406 | 926 | 2000 | 2600 | 4820 | 4060 |

Ҷиҳати татбиқи "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рошткалъа барои солҳои 2015-2019" аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 335217,4 **млн. сомонӣ** пешбинӣ шудааст, аз он ҷумла, аз ҳисоби:

Буҷети ҷумҳуриявӣ 138404 млн. сомонӣ;

Буҷети маҳаллӣ (вилоят 3921,4 ва ноҳия 875 ) – 4796,4 млн. сомонӣ;

Маблағҳои худии ташкилоту муассисаҳо – 2980 млн. сомонӣ;

Маблағҳои соҳибкорон – 19468 млн. сомонӣ;

Маблағҳои сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ – 151106 млн. сомонӣ;

Лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон айни ҳол номуайян – 14,406 млн. сомонӣ.

## БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪА.

**Маълумоти таърихӣ**. Ноҳияи Роштқалъа дар ҳудуди таърихии водии Шохдара соли 1936 таъсисёфта, соли 1963 бо УказИ Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон барҳам хурд ва бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3-юми январи соли 1992 аз нав таъсис дода шудааст. Ноҳия таърихи ниҳоят қадим дорад, вале мутаасифона то кунун пурра тадқиқ нашудааст. Бостоншиносон ягона нишонаҳои асри биринҷро дар ҳудуди Помири Ғарбӣ, маҳз дар Шохдара дар водии Ҷавшангоз ёфтаанд, ки он дар илми бостоншиносӣ бо номи Южбок машҳур буда таърихаш ба ҳазорсолаҳои II-I пеш аз милод рост меояд. Ҳамчунин бисёр ёдгориҳои таърихии асримиёнагӣ аз қабили қалъаи Ҷирӯҷи Ҷавшангоз, Чқарқалъа, Роштқалъа, Қалъаи Дашт, зиёратгоҳҳои Шоҳ Бурҳони Валӣ, Шоҳ Абдоли Валӣ, Фақеъмуҳаммад, остонҳои Хоҷаи Нур, Чилтанон ва топонимикаи таърихии деҳаҳо, бозёфти олоту асбобҳои қадима аз он шаҳодат медиҳанд, ки водии Шохдара (ноҳияи кунуни Роштқалъа) таърихи бою рангин ва қадима дорад. Номи яке аз ҳокимони Роштқалъа дар асри IX ва номи ҳокимони баъдинаи маҳаллӣ, ки зиёда аз 200 сол дар Роштқалъа ҳукмронӣ намудаанд дар сарчашмаҳои таърихӣ ёдрас шудаанд.

*Харитаи ҳудудҳои маъмурии ноҳияи Роштқалъа*




Рис. 96. Карта древних памятников Рошткалинского района

**Маълумоти ҷуғрофӣ ва иқлими ноҳия**. Ноҳияи Роштқалъа дар қисмати ҷанубу шарқии Помир ҷойгир шуда, аз шимол ба ноҳияҳи Мурғоб, аз шарқ ба ноҳияи Ишкошим, аз ғарб бо ноҳияи Шуғнон ва аз ҷануб бо шаҳри Хоруғ ҳамсарҳад аст. Ноҳия дар арзи шимолии 37 дараҷа ва тӯли шарқии 71-72 дараҷа ҷойгир буда, аввал аз маркази вилояти мухтори кухистони Бадахшон шаҳри Хоруг ба самти ҷануби

шарқи ва сипас аз километри 57 ба самти шимоли шарқи ба масофаи 154 км тӯл кашидааст. Аз ҳудуди ноҳия дарёчаи Шохдара ҷорӣ буда онро ба соҳилҳои чап ва рост чудо мекунад.

Маркази ноҳияи Рошткалъа деҳаи Медон буда, дар баландии 2600 метр аз сатҳи баҳр қарор дорад. Масофа аз маркази ноҳия то шаҳри Хоруғ 40 км ва то пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе тавассути роҳи Хоруғ-Кӯлоб-Душанбе 740 км ва тавассути ағбаи Хобуробот бо роҳи Хоруғ-Тавилдара-Душанбе 580 км мебошад. Ноҳия 6,7% ҳудуди умумии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро ишғол менамояд. Масоҳати умумии ноҳия 4,2 ҳазор км$^2$-ро ташкил медиҳад.

Қисми зиёди масохати ноҳияро (96%) кӯҳҳо ташкил дода, заминҳои кишоварзӣ 68412 га, заминҳои корам 1524 га, чарогоҳҳо 66532 га, заминҳои ғайри кишоварзӣ 352861га-ро ташкил медиҳад. Ҳамагӣ дар ноҳия 1516 гектар замини обӣ мавҷуд аст.

Қуллаҳои баландтарини ноҳия ин қуллаҳои Маяковский ва Павел Лукниский (5605 метр) , Мирзо Турсунзода (6200метр) ва баландтарин қулла ин Карл Маркс (6700метр) аз сатҳи баҳр буда, ҳамсарҳад бо қаторкӯҳҳои Ишкошим ва водии Ғунди ноҳияи Шуғнон мебошад. Баландии қаторкӯҳҳои ноҳия аз 3000 то 6700 метрро ташкил медиҳад.

Иқлими ноҳия континенталӣ буда, ба чор давраи минтақавӣ ҷудо мешавад. Шароити зонаи чоруми минтақа (водии Ҷавшангоз) хело вазнин буда, давраи хунукии ин мавзеъ то 7-8 моҳ давом мекунад, бинобар ин дар водии Ҷавшангоз кишти зироатҳои кишоварзӣ ба ғайр аз кишт ва тайёр кардани хӯроки чорво, амри маҳол аст. Хунукии ҳаво дар фасли зимистон тибқи маълумотҳои стансияи обуҳавосанҷии водии Ҷавшангоз то ба -45-50 градус Селсия расида, ғафсии барф ба 1-1,5 метр мерасад. Миқдори солонаи боришот ба ҳисоби миёна 96-99 миллиметрро ташкил медиҳад.

Олами набототи ноҳия бағоят ғанист. Дар минтақаи кухӣ растаниҳои мавсимӣ ва буттаҳои гуногун месабзанд. Дар ноҳия дарахтони себ, зардолу, олуболу ва олуча дарахтони сояфкан мерӯянд.

***Захираи об***. Дар ҳудуди ноҳияи Рошткалъа пиряххҳои Бачандара, Вездара дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Барвоз ва Юбендара дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Сежд мавҷуд мебошанд, калонтарини онҳо пиряхи “Вездара” (51,8 км$^2$) мебошад. Инчунин дар ноҳия кӯлҳои Дуромкӯл (1,9 км$^3$), Турумтайкӯл (2,2 км$^3$) ва Кокбойкӯл (0,94 км$^3$) дар ҷамоати деҳоти Сежд, Ойкӯл (0,83 км$^3$) ва Зардевкӯл (2,1 км$^3$) дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Барвоз мавҷуданд ва тақрибан дар баландии аз 3269 то 4908 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошанд.

Аз ҳудуди ноҳия ба масофаи 110 км дарёи Шоҳдара равон буда, он аз шохобаҳои дараҳои водии Ҷавшангоз ва дараҳои Ричез, Дударгӣ, Шошбувад, Снез, Чандин, Бодомдара, Вездара, Тусёндара, Шарвдара ва Бодомдара сарчашма мегирад, ки заминаи хубе барои рушди минбаъдаи соҳаи гидроэнергетика мебошанд.

**Захираҳои табиӣ ва имкониятҳои истеҳсолӣ**. Ноҳия аз канданиҳои фоиданоки табиии лоҷуворд (дар мавзеъи Бодомдараи ҷамоати деҳоти Барвоз), сангҳои нодиру қимматбаҳо, аз ҷумла ёқут, квартс ва зумуррад (дар мавзеи Тусиёндараи ҷамоати деҳоти Тусиён), тахтасангҳои мармар (дар мавзеъи Тирбари ҷамоати деҳоти ба номи Мирсаид Миршакар ва дар мавзеи Куки чамоати деҳоти Сежд) бой мебошад. Бояд қайд намуд, ки коркади онҳо то ба ҳол ба роҳ монда нашудааст ва роҳандозӣ намудани коркарди захираҳои конҳои мавҷудаи ноҳияи Рошткалъа метавонад ба рушди минбаъдаи иқтисодиёти он таъсири мусбӣ расонад. Инчунин дар ноҳия чашмаҳои гарму шифобахши Кук (61,4$^0$ С) ва Реговтанг (56,7$^0$ С) (дар деҳаи Ҷараҷан ва мавзеи Реговтанги ҷамоати деҳоти Сежд) ва манбаъи оби минералӣ (дар деҳаи Вездараи ҷамоати деҳоти Барвоз) мавҷуданд, ки тавъам бо табиати дилпазиру мафтункунандааш ва боду ҳавои мусоидаш ҷиҳати рушди бахши саёҳату табобат ва сайри кӯҳсору алпинизм камназир аст.

Дарёҳои мавҷудаи ноҳияи Рошткалъа барои бунёди силсилаи НОБ-ҳои хурду миёна хеле қулай мебошанд. Айни ҳол дар ноҳия 3 адад НОБ-ҳои хурди Вездара 1, Вездара 2 бо иқтидори умумии 560 кв/с ва НОБ-и Тусиён бунёд гаштаанд.

Дар панҷ соли оянда дар доираи Барномаи мазкур бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ сохтмони якчанд адад НОБ-ҳои дигар, (аз ҷумла НБО-и Себзор бо иқтидори 10 МВт, НОБ-и Андарстез бо иқтидори 70 кВт ва НОБ-и Сорж бо иқтидори 55 кВт) пешбинӣ мегардад.

Ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ шароити ҷуғрофию табиии, ёдгориҳои таърихӣ ва мавқеъи ҷойгиршавии ноҳия хеле мусоид мебошанд, аммо феълан имкониятҳои имрӯзаи иқтисодӣ ва инфрасохтории мавҷудаи ноҳия барои рушди соҳаи сайёҳӣ мувофиқ набуда, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷиро тақозо менамояд.

Дар сурати азхудкунӣ ва обёрии 112 гектар заминҳои мавзеъҳои Ҷавшангоз дар ноҳияи Роштқалъа имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли картошка то 9%, ғалла то 15%, асал то 27%, сабзавот то 11% ва хӯроки чорво то 31% фароҳам мегардад.
Феълан инфрасохтори ноҳияи Роштқалъа дар ҳолати ғайриқаноъатбахш қарор дорад ва ин омил ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия таъсири манфӣ мерасонад. Бо назардошти солҳои тӯлонӣ таъмир нагаштани роҳҳои маҳаллӣ, айни замон барқарорсозӣ ва таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ низ яке аз масоили ҳалталаб маҳсуб меёбад.

*Маълумотнома оид ба ҳудудҳои маъмурии ноҳияи Роштқалъа*

| № | Номи ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо | Масофа то маркази ноҳия (км) | Шумораи аҳолӣ (нафар) | Шумораи хонавода | Мактаби миёна | Мактаби асосӣ | Мактаби ибтидоӣ | Муассисаҳои томактабӣ | Китобхонаҳо | Мактаби мусиқии бачагона | Беморхонаҳо | Маркази саломатӣ /бунгоҳҳо | Нуқтаи фурӯши сузишворӣ | Тарабхона | Ошхона | Дукон ва мағоза | Ҳаммом | Сехҳои дузандагӣ | Сартарошхона | Ҷувози барқӣ ва обӣ | Корхонаҳои саноатӣ ва хурду миёна | НОБ- ҳои хурд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **Қ.Гадолиев** | 24 | 40 | 7750 | 970 | 7 | 3 | - | 6 | 4 | | | 10 | 2 | | | 26 | | 1 | | 1 | | 1 |
| 2 | **Тусиён** | 13 | 22 | 3135 | 381 | 1 | 2 | 2 | 1 | 2 | | | 4 | 1 | | | 13 | 1 | | | 1 | | 3 |
| 3 | **М.Миршакар** | 20 | 15 | 5444 | 665 | 4 | 3 | 1 | 4 | 2 | | | 5 | 1 | | | 13 | | | | 1 | | |
| 4 | **Роштқалъа** | 11 | | 3417 | 467 | 3 | - | - | 3 | 2 | 1 | 2 | 2 | 5 | | 4 | 27 | 1 | 1 | 1 | 2 | 1 | |
| 5 | **Барвоз** | 17 | 8 | 3245 | 409 | 6 | - | 1 | 4 | 4 | | | 6 | | | | 11 | | | | 1 | | 1 |
| 6 | **Сежд** | 22 | 50 | 3470 | 410 | 4 | 1 | 2 | 3 | 4 | | 1 | 4 | | | | 4 | | | | - | | |
| | *Ҳамагӣ*: | 107 | | 23461 | 3302 | 25 | 9 | 7 | 21 | 18 | 1 | 3 | 31 | 9 | | 4 | 94 | 2 | 2 | 1 | 6 | 1 | 5 |

Ноҳияи Роштқалъа аз 6 ҷамоати деҳот (ҷамоатҳои деҳоти ба номи Қурбоншоҳ Гадолиев, Тусиён, Мирсаид Миршакар, Роштқалъа, Барвоз ва Сежд) иборат мебошад.

**Вазъи демографии ноҳия**. Шумораи умумии аҳолии ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2014 (бо назардошти шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ) 26461 нафарро ташкил медиҳад, ки ба 9,8 фоизи аҳолии ВМКБ ва 0,33 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ баробар аст. Аз шумораи умумии аҳолӣ 48 фоизро мардҳо (12701 нафар) ва 52 фоизро занҳо (13760 нафар) ташкил медиҳанд. Суръати афзоиши солонаи аҳолӣ 1,8 фоиз мебошад. Ноҳия аз рӯи хусусияташ аграрӣ буда, 100 фоизи аҳолӣ дар деҳот истиқомат менамоянд. Зичии ҷойгиршавии аҳолии ноҳия дар 1 километри мураббаъ 16 нафарро ташкил медиҳад.

*Маълумотҳои демографии ноҳияи Рошткалъа*

| № | *Нишондиҳандаҳо* | *Воҳид и ченак* | *Шумораи умумии аҳолии ноҳияи Рошткалъа* | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *Соли* 2010 | *Соли* 2011 | *Соли* 2012 | *Соли* 2013 |
| 1 | *Хоҷагии хонавода* | *адад* | 3048 | 3191 | 3266 | 3302 |
| 2 | *Аҳолии доимӣ* | *нафар* | 23872 | 24642 | 25882 | 26461 |
| - | *Аз ин, мард* | *нафар* | 11459 | 11828 | 12423 | 12701 |
| - | *Зан* | *нафар* | 12413 | 12814 | 13459 | 13760 |
| | *Аз ҷумла, кӯдакони синни* 3-6 *сола* | *нафар* | 2220 | 2292 | 2407 | 2457 |
| - | *Кӯдакони то синни* 14 *сола* | *нафар* | 3762 | 3684 | 3597 | 5973 |
| - | *Кӯдакони то синни* 17 *сола* (*умумӣ*) | *нафар* | 4012 | 4072 | 3976 | 3995 |
| | *Шумораи умумии маъюбон.* | *нафар* | 489 | 598 | 701 | 855 |
| | *Аз ҷумла, кӯдакони маъюб* (*то* 18 *сола*) | *нафар* | 132 | 147 | 159 | 192 |
| - | *Гурӯҳи миёнасолон (*15-62 (57 *барои занон*) *сола)* | *нафар* | 11920 | 12701 | 13320 | 13739 |
| - | *Гурӯҳи калонсолон (*63 (*занон*-57*сола*) *ва боло)* | *нафар* | 2148 | 2218 | 2329 | 2347 |
| - | *Муҳоҷирони меҳнатӣ* (*маълумоти сатҳи ҷамоатҳо*) | *нафар* | 4376 | 4392 | 4381 | 4402 |
| 3 | *Аҳолии қобили меҳнат* | *нафар* | 11936 | 12321 | 12941 | 13151 |
| 4 | *Бекорон* | *нафар* | 2615 | 3005 | 3395 | 3785 |
| 5 | *Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо* | *нафар* | 4655 | 4805 | 5047 | 5212 |
| 6 | *Шумораи коргарони дар иқтисодиёт машғулбуда* | *нафар* | 4655 | 4805 | 5047 | 5212 |
| 7 | *Шумораи субъектони ба соҳибкорӣ машғулбуда* | *адад* | 297 | 303 | 310 | 313 |

Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 39,6 фоиз ба кор машғул буда, 33,5 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 28,8 фоиз бекорон мебошанд. Дар давоми солҳои 2010-2013 шумораи бекорон дар ноҳия 10,3 фоиз зиёд гардидааст. Дар сурати давом ёфтани чунин ҳолат дар соли 2019 эҳтимолияти ба 6839 нафар зиёдшавии теъдоди бекорон ба вуҷуд омада, он яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳалталаби ноҳия хоҳад гардид. Барои ҳаллу фасли саривақтии ин масъала ва бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани бекорон дар доираи Барномаи рушди ноҳия дар давоми солҳои 2015-2019 ба кор андохтани иқтидорҳои маҳаллӣ дар заминаи бунёди коргоҳҳои истихроҷ ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ пешбинӣ мегардад, ки ин ба коҳиши сатҳи бекорӣ метавонад мусоидат намояд. Мақсади асосӣ дар ин самт тавассути ба кордарории иқтидорҳои мавҷуда таъсис додани ҷойҳои нави корӣ дар солҳои минбаъда мебошад. Сатҳи баланди бекорӣ дар деҳот мушоҳида мегардад. Аксарияти деҳаҳо дар баландии аз 2600 то 4200 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир гаштаанд ва ғайр аз чорводорӣ дигар намуди фаъолият вуҷуд надорад. Деҳаҳо аз маркази ноҳия дар масофаи то 105 км дур ҷойгир мебошанд ва ба омаду рафти аҳолӣ, хусусан дар фасли зимистон, душвориҳои зиёдро ба вуҷуд меорад.

*Аҳолии ноҳияи Рошткалъа аз рӯи ҷамоатҳо ба ҳолати* 1 *январи соли* 2014.

| *Ҷамоатҳо* | *Шумораи деҳот* | *Шумораи оилаҳо/хоҷагиҳо* | *Шумораи аҳолӣ/гоиб* |
|---|---|---|---|
| *Қ.Гадолиев* | 24 | 970 | 7750 (2300) |
| *Тусиён* | 13 | 381 | 3135 (987) |
| *М.Миршакар* | 20 | 665 | 5444 (1728) |
| *Рошткалъа* | 11 | 467 | 3417(853) |
| *Барвоз* | 17 | 409 | 3245 (810) |
| *Сежд* | 22 | 410 | 3470 (734) |
| ***Ҳамагӣ***: | 107 | 3302 | 2646 (7412) |

Аз рӯи мансубияти миллӣ 99,98%-и аҳолии ноҳияро тоҷикон ва 0,02%-ро дигар миллатҳо (русҳо) ташкил медиҳанд.

*Ҳайати этникии аҳолии ноҳияи Роштқалъа*




Қисми зиёди аҳолиро миёнасолон ва наврасон ташкил медиҳанд.

*Сохтори ҷинсӣ ва синнусолии аҳолии ноҳия ба ҳолати* 1 *январи соли* 2014

| *Нишондиҳандаҳо* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла духтарон/занон* | *Бо %* |
|---|---|---|---|
| *Наврасони то* 14 *сола* (*кӯдакон*) | 5973 | 2917 | 49 |
| *Миёнасолон* | 18141 | 9650 | 53 |
| *Нафақахӯрон* (63 *мард*/ 58 *зан*) | 2347 | 1193 | 51 |
| *Ҳамагӣ*: | 26461 | 13760 | 52 |

Шумораи умумии аҳолии ноҳия дар соли 2013 дар қиёс бо соли 2012 тақрибан 102% зиёд шудааст.

*Афзоиши демографии аҳолии ноҳияи Роштқалъа* (*ба* 1-01-2014)

| *Солҳо* | *Шумораи таваллудшудагон* | *Шумораи издивоҷ* | *Шумораи талоқ* | *Шумораи фавтидагон* | *Шумораи муҳоҷирон* | *Афзоиши табиии аҳолӣ* | *Афзоиши табиии аҳолӣ бо %* | *Шумораи умумии аҳолӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2011 | 482 | 293 | 9 | 150 | 5442 | 332 | 101,4% | 24642 |
| 2012 | 451 | 327 | 14 | 140 | 4366 | 311 | 103,2% | 25442 |
| 2013 | 550 | 338 | 6 | 143 | 7412 | 307 | 104% | 26461 |

## Биниши ноҳияи Роштқалъа

(*Тасаввуротиояндаи ноҳия бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда*)

*Ноҳияи Роштқалъа минтақаи рушдёфтаи агросаноатӣ, ки дар он корхонаҳои коркарди маҳсулоти саноатию кишоварзӣ бо истифодаи ашёи хоми маҳалли, хусусан коркарди сангҳои қимматбаҳою ороишӣ ва истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ ва хӯрокворӣ, дорои инфрасохтори замонавии иҷтимоию сайёҳӣ ва шароити мусоиди рушди гидроэнергетика ва соҳибкории хурду миёна, бо фазои мусоиди сармоягузорӣ ва муҳити зисти тозаю шоиста, ки дар он аҳолии соҳибзавқу бофарҳанг ва меҳмоннавозу ҳунарманд зиндагию фаъолият менамоянд ва аз хизматрасониҳои босифати иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ бархурдоранд.*

***Таҳлили ҳолати воқеии ноҳияи Роштқалъа*** (SWOT)

| **Тарафҳои қавӣ** | **Тарафҳои заиф** |
|---|---|

| | |
|---|---|
| • Мавҷуд будани захираҳои табии, аз ҷумла, сангҳои қиматбаҳои ёқут, лоҷуверд, зумуррад, кварс, мармар, обҳои шифобахши маъданӣ.<br>• Шароити хуб барои чорводорӣ, боғдорӣ, растанпарварӣ ва занбӯрпарварӣ дар минтақаҳои поёнии ноҳия.<br>• Мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилию беруна.<br>• Мавҷудияти чарогоҳои васеъ барои инкишофи соҳаи чорводорӣ дар минтақаҳои болоии ноҳия.<br>• Мавҷудияти захираҳои фаровони об барои рушди соҳаи гидроэнергетика.<br>• Мавҷуд будани «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон то давраи 2015».<br>• Мавҷуд будани захираҳои озод ва арзони меҳнатӣ дар ноҳия.<br>• Мавҷуд будани ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ (асрҳои қадим).<br>• Дастрасӣ ба инфрасохтори аввалиндараҷа.<br>• Шароити хуби ҷуғрофӣ ва табиати ҷолиб барои рушди соҳаи туризм (этнографӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ).<br>• Мавҷудияти обҳои шифобахши менералию ошомиданӣ ва чашмаҳои гарм.<br>• Мавҷудияти захираи ҷангалзорҳо, ангат ва хуч.<br>• Захираи бойи гиёҳҳои шифобахш ва ҳайвонотҳои шикорӣ. | • Ҷалби нокифояи сармояи дохилию хориҷӣ.<br>• Сатҳи пасти даромаднокиии сокинони ноҳия.<br>• Набудани воситаҳои молиявӣ барои коркарди захираҳои табии ва ашёи хоми маҳаллӣ, ворид нагардидани технология ва таҷҳизотҳои муосир.<br>• Андозаи нокифояи коэффисиэнтҳои бо назардошти баландкӯҳӣ ва меъёрҳои ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ба сохторҳои хоҷагидорӣ пардохтшаванда.<br>• Набудани нуктаҳои қабул ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия;<br>• Дар сатҳи паст қарор доштани хизматрасонии бойторӣ ва набудани нуктаҳои фурӯши дору барои ҳайвонот.<br>• Рушди сусти соҳаи соҳибкорӣ ва кӯҳтоҳмуддату баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ.<br>• Мавҷуд набудани ҷойҳои кории зарурӣ ва музди меҳнати ночиз;<br>• Нокифоягии техникаи роҳсозӣ, ҳолати ғайриқаноъатбахши роҳҳои маҳаллӣ, таъмирталабии роҳҳои маҳаллӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ наёфтани ноҳия;<br>• Мавҷуд набудани ширкатҳои сайёҳӣ, дуруст ба роҳ намондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ оиди ҷалби сайёҳон ва бад будани ҳолати инфрасохтори дохилӣ, дар сатҳи паст қарор доштани соҳаи туризм;<br>• Аз кор рафтани мутахассисони бсоҳибтаҷрибаи баландихтисос, норасогии мутахассисони ботаҷриба.<br>• Сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатии кадрҳои баландихтисос.<br>• Маоши пасти кормандони сохторҳои буҷавӣ;<br>• Маданияти пасти соҳаи чорводорӣ;<br>• Тарақиёти нокифояи инфросохтори заминавии ноҳия;<br>• Нокифоя будани маблағ барои татбиқи Барномаҳо ва дастрас нагардидани сармоягузории дохилию хориҷи барои рушди иқтисодиёти ноҳия;<br>• Надоштани бозори замонави ва содироту воридоти мустақил бо хориҷ ва дохили мамлакат.<br>• Дататсиони будани ноҳия.<br>• Воридоти маҳсулоти пастсифати хориҷӣ |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| • Таҷдиду барқарорсозии инфрасохтори ноҳия.<br>• Бунёди бозорҳои замонавӣ (фурӯши чорво ва маҳсулоти ниёзи мардум) дар ноҳия.<br>• Ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, аз ҷумла бунёди корхонаҳои истеҳсоли семент дар деҳаи Анҷин, истеҳсоли оҳак, корхонаи хурди коркарди ҷӯб, корхонаи коркарди гӯшту шир, меваю сабзавот ва моҳӣ, таҷдиду барқарорсозии корхонаи коркарди сангҳои ороишӣ ва сохтмонӣ, ташкили коргоҳҳои истеҳсоли обҳои минералӣ ва | • Боловавии сатҳи таваррум;<br>• Афзоиши нархи сӯзишворӣ ва хизматрасонӣ;<br>• Тағйирёбии иқлим ва бадшавии вазъияти экологӣ (тағйирёбии экология);<br>• Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, ярҷ, тарма, обхезӣ, заминларза ва ғайра).<br>• Паҳншавии касалиҳои ҳайвонот ва ҳашаротҳои зараррасон, инчунин зарари зироатҳо аз касалиҳо (сурха, гарма ва ғайраҳо).<br>• Паҳншавии касалиҳои сироятӣ аз ҳисоби зиёдшавии муҳоҷирони меҳнатӣ. |

| | |
|---|---|
| махсулоти фармасефтӣ.<br>• Дастгирии соҳибкории хурду миёна дар доираи қонун ва ғанӣ гардонии буҷаи ноҳия аз ҳисоби молистеҳсолкунандагони ватанӣ ба тариқи ташкили корхонаҳои хурду миёна.<br>• Ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ.<br>• Рушди кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба аҳолӣ.<br>• Баланд бардоштани сатҳи тахассусии кадрҳо.<br>• Мусоидат ба рушди соҳаҳои асосии хоҷагии халқ, махсусан кишоварзӣ ва саноат.<br>• Баланд бардоштани нақши мақомоти худидоракунии маҳаллӣ.<br>• Ҷорӣ кардани технологияҳои нави иттилоотӣ.<br>• Ҳамкорӣ бо созмонҳои молиявии байналхалқӣ.<br>• Баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ ва пешгирии хатари таъсири офатҳои табии.<br>• Истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ тавассути коркарди он ва ба бозор баровардани он.<br>• Бунёди нерӯгоҳҳои хурду миёнаи барқии обӣ<br>• Муҳоҷирати ихтиёриву экологӣ дар ҳудуди ноҳия.<br>• Сохтмони роҳҳои аҳамиятӣ стратегии байналмилалӣ дошта. | |

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ.

Ноҳияи Роштқалъа аз нигоҳи хусусияти иқтисодиаш ноҳияи аграрӣ буда, кишоварзӣ дар рушди иқтисодии ноҳия нақши асосиро мебозад. Дар соҳаи кишоварзӣ 76% аҳолии қобили меҳнат фаъолият менамоянд ва барои қисми зиёди сокинони ноҳия кишоварзӣ манбаи ягонаи даромад ба шумор меравад. Самтҳои асосии соҳаи кишоварзии ноҳия чорводорӣ ва растанипарварӣ мебошад. Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзии ноҳия хоҷагиҳои деҳқонӣ (94%), хоҷагиҳои инфиродӣ (1%) ва ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (5%) мебошанд. Ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, алалхусус дар истеҳсоли картошка, ғалладонагиҳо ва сабзавот ва хоҷагиҳои инфиродӣ бошад, дар истеҳсоли гӯшт, шир, пашм, тухм, асал, мева зиёд мебошад.

Аҳолии ноҳия асосан ба чорводорӣ ва парвариши растаниҳои ғалладонагӣ (гандум, ҷав ва лӯбиёгӣ (мушунг, боқило), картошка, сабзавот, мева, хӯроки чорво (юнучқа, испарсет, ҷавдор) машғул мебошанд. Аксарияти аҳолии деҳот даромади худро аз ҳисоби фурӯши картошка, сабзавот, мева ва маҳсулоти чорводорӣ ба даст меоранд. Ҳиссаи умумии маҳсулоти истеҳсолнамудани хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия дар соли 2013 дар маҷмӯъ 12,9 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии вилоятро (аз ҷумла ғалладонагӣ 7,2%, сабзавот 6,1%, картошка 13 %, меваҷот 5,4 %, хӯроки чорво 23,7 %, шир 17,9 %, гӯшт 18,3 %, тухм 6,9 %, асал 14,8 % ва пашм 15,7 %) истеҳсол намудаанд.

Мақсади асосии кишоварзони ноҳия дар давоми панҷ соли оянда (2015-2019), дар доираи Барномаи рушди ноҳия ташкили корхонаҳои хурди коркарди меваю сабзавот ва пӯсту пашм, хушзоткунии чорвои маҳаллӣ, рушди занбӯриасалпарварӣ беҳтар

намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда, азхудкунии заминҳои нав, бо роҳи интенсивӣ бунёд намудани боғҳои нав ва истифодаи самараноки чарогоҳхои мавҷуда мебошад.

***Шакли фаъолияти соҳаи кишоварзӣ***. Дар ноҳияи Роштқалъа 34 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки аз он 7 ададаш хоҷагии коллективӣ мебошад, 1 хоҷагии давлатии навтаъсиси зотпарварии самти қутоспарварии "Азизхон" ва 27 адад хоҷагиҳои оилавӣ фаъолият намуда истодаанд. Шумораи умумии хоҷагиҳои хонагӣ дар ноҳия 3302 ададро ташкил медиҳад. Шумораи хонаводаҳое, ки аз 3-4 нафар зиёд мебошанд 92 фоизро ташкил медиҳад. Дар ноҳия тамоми хоҷагиҳои деҳқониро мардон роҳбарӣ менамоянд. Аксарияти аҳолие, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд занҳо мебошанд, зеро қисми зиёди мардони қобили меҳнат дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Шумораи занҳои дар хоҷагиҳои деҳқонӣ машғули кор буда ҳамагӣ 65% (2225 нафар)-ро ташкил медиҳад. Ба ҳолати 1 сентябри соли 2014 дар ноҳияи Роштқалъа ягон хоҷагии деҳқонии инфиродӣ, Асотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ягон хоҷагии истеҳсолии зотпарварии таъсис наёфтааст.

***Таъминоти техникии хоҷагиҳои кишоварзӣ***. Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия ба таври кофӣ бо техникаи нави кишоварзӣ таъмин нестанд ва барои кишти замин аз 8 адад тракторҳои шудгоркунанда ва 86 ҷуфт барзагови корӣ (172 сар) истифода мебаранд. Таракторҳои шудгоркунада асосан дар заминҳои ҳамвор истифода гашта, барзаговҳо корӣ бошад дар талу теппаҳои санглохи релефаш ноҳамвор кор фармуда мешаванд.

Ба ноҳияи Роштқалъа аз соли 1992 инҷониб ҳамагӣ 4 адад трактори чархдор ворид шудааст, ки он ҳам дар тавозуни КВД "Тоҷикагролизинг" мебошад. Худи муассисаи мазкур дар ноҳияи Роштқалъа нуқтаи таъмири техникӣ ва идораи маъмурӣ надорад. Зимнан ба ҳар як трактори воридшуда 297 гектар замини корам, 31 гектар майдони боғ ва дар маҷмӯъ ба ҳар трактор 328 гектар замин рост меояд. Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Аз 20 адад техникаву таҷҳизоти дар тавозуни хоҷагиҳои кишоварзӣ мавҷуд буда 72 фоизаш коршоям (6 адад трактор, 3 адад комбайни хурд, 4 адад сипорҳои тракторӣ, 2 адад ядаки тракторӣ) ва 28 фоизаш дар ҳолати корношоям қарор дорад. Аз шумораи умумии техника ва таҷҳизот 75 фоиз тракторҳои шудгоркунанда (6 адад) мебошанд. Ҳамзамон дар дар ноҳия дар ихтиёри аҳолии маҳаллӣ 9 адад техникаи кишоварзии шахсӣ (тракторҳо ва булдозер) мавҷуд мебошад. Заминҳои масоҳати хурд дошта ва санглох бештар бо истифодаи барзаговҳои корӣ шудгор карда мешавад. Барои таъмир ва барқарорсозии техникаю таҷҳизотҳо маблағ нокифоя буда, таъмир ва барқарорсозии техникаҳо аз ҳисоби хоҷагиҳо низ ғайриимкон мебошад.

*Маълумот оид ба техникаи кишоварзӣ*

| № | Номгӯи тракторҳо | Ҳамагӣ | Омода | %-и омодагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо – ҳамагӣ, аз ҷумла | 8 | 8 | 100% |
| - | Тракторҳои шудгоркунанда | 6 | 6 | 100% |
| 2 | Автомобилҳо | - | - | - |
| 3 | Комбайнҳои хурд | 3 | 3 | 100% |
| 4 | Ядакҳои тракторӣ | 3 | 2 | 75% |
| 5 | Достҳои тракторӣ | - | - | - |
| 6 | Алафчамъкунакҳо | - | - | - |
| 7 | Тойбандакҳо | - | - | - |
| 8 | Тухмипошакҳо | - | - | - |
| 9 | Култиваторҳо | - | - | - |
| 10 | Сипорҳои тракторӣ | 6 | 4 | 67% |
| | Ҷамъ | 20 | 17 | 72% |

Бинобар ин, бояд дар ноҳияи Роштқалъа фаъолияти КВД "Тоҷикагролизинг" тақвият дода шуда, теъдоди техникии он иловатан ба 20 адад зиёд карда шуда, дар заминаи он нуқтаи таъмири техникӣ ва бинои маъмурию ёрирасон ташкил карда шавад. Душвориҳои асосие, ки ба он хоҷагиҳои кишоварзӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ин пеш

аз ҳама дар ҳолати ногувор қарор доштани базаи моддию техникӣ, суст будани вазъи молиявии хоҷагиҳо, дастрас набудани қисмҳои эҳтиётӣ, камчинӣ ва гаронии нархҳои сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, фарсуда шудани бештари техникаю таҷҳизоти кишоварзӣ, норасогии кадрҳои баландихтисос ва ғайра маҳсуб меёбад.

***Истифодаи заминҳо***. Тибқи маълумоти расмии оморӣ ба ҳолати 1 январи соли 2014 масоҳати умумии заминҳои ҳудуди марзию маъмурии ноҳия 426273 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 168036 га замини таъиноти кишоварзӣ (аз он 2334,11 га обӣ) ба қайд гирифта шудааст (бо теъдоди 3192 нафар заминистифодабаранда), аз он замини корам 1516 гектар (ҳамаи 1516 га заминҳои корами обӣ буда, ҳамагӣ 0,3% майдони умумии заминҳои ноҳияро ташкил медиҳад), майдони дарахтони бисёрсола 49,15 га, чарогоҳ 66531,87 га, замини наздиҳавлигӣ 630,49га (аз ин 470,68 га обӣ), ҷангалу бешазор 641,36 га, буттазор 1637 га, ботлоқзор 108 га, заминҳои зери об 1538 га, замини зери роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар 348 га, замини зери иморату иншоотҳо 68 га ва майдони дигар заминҳо 352850 га мебошад.

*Истифодаи коммуникатсионии замин дар ноҳияи Роштқалъа*

| Сохтори истифодаи замин дар ноҳия | | | |
|---|---|---|---|
| № | Номгуи заминхо | Ҳамагӣ (га) | Аз ҷумла, обӣ (га) |
| 1 | Фонди умумии замин | 426273 | 2844,79 |
| 2 | Заминҳои таъиноти кишоварзӣ | 1516 | 11373 |
| 3 | Заминҳои корам | 1516 | 1516 |
| 4 | Дарахтони бисёрсола | 49,15 | 49,15 |
| 4.1. | -боғ | 45,15 | 45,15 |
| 4.2. | -токзор | - | - |
| 4.3. | -тутзор | 4 | 4 |
| 4.4. | -дарахтони ситрусӣ ва субтропикӣ | - | - |
| 4.5. | - ниҳолпарваришгоҳ | - | - |
| 5 | Чарогоҳ | 66531,87 | 453,93 |
| 5.1 | - зимистона | 6291,27 | 13 |
| 5.2. | - тобистона | 32566 | 52 |
| 5.3. | - баҳорию тирамоҳӣ | 1072 | 100 |
| 5.4. | - дар давоми сол истифодашаванда | 26602,6 | 288,93 |
| 6 | Заминҳои боир | 48 | 48 |
| 7 | Алафзор | 410,31 | 410,31 |
| 8 | Заминҳои наздихавлигӣ | 630,49 | 470,68 |
| 8.1 | - замини корам | 404 | 404 |
| 8.2 | - дарахтони бисёрсолаи мевадиҳанда | 51 | 51 |
| 8.3 | - зери иморатҳо | 143 | - |
| 8.4. | - заминҳои фонди захиравӣ | 32,49 | 15,68 |
| 9 | Заминҳои хоҷагии ёрирасон | 40 | 40 |
| 10 | Ҷангалу бешазор | 641,36 | - |
| 11 | Буттазор | 1637 | - |
| 12 | Ботлоқзор | 108 | - |
| 13 | Заминҳои зери об | 1538 | - |
| 13.1 | - дарёҳо ва наҳрҳо | 919,47 | - |
| 13.2 | - кӯлҳо ва баҳрҳо | 69 | - |
| 13.3 | - обанборҳо | 131,53 | - |
| 13.4 | - каналу ҷӯйборҳо ва заҳбуру заҳкашҳо | 418 | - |
| 13.5 | - роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар | 350 | - |
| 13.6 | - заминҳои зери иморату иншоот ва кӯчаҳо | 65 | - |
| 14 | Дигар заминҳо | 352861 | - |
| 14.1 | - қумзор | 770 | - |
| 14.2 | - ҷариҳо | 47 | - |
| 14.3 | - ярчу шағалдор | 311590 | - |
| 14.4 | - пиряххо | 30197 | |
| 14.5 | - дигар заминҳои ғайрикишоварзӣ | 10062 | - |

Дар ҳудуди ноҳия 48 га заминҳои партов (боир) ба қайд гирифта шудааст, ки ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани онҳо яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Қобили тазаккур аст, ки аз майдони умумии заминҳои кишоварзӣ 0,14 фоиз (630,49 гектар, аз ин 404 га обӣ) замини наздиҳавлигӣ, 0,009 фоиз (40 га, аз ин 40 га обӣ) замини хоҷагии ёрирасон ва 32,7 фоиз (352850 га) дигар заминҳо мебошанд. Дар заминҳои обӣ картошка, сабзавот, ғалладонагӣ ва зироатҳои хӯроки чорво кишт карда мешавад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо меваи тару тоза дар ду соли охир (2012-2013) дар ҳудуди ноҳия дар заминҳои бекорхобида аз ҳисоби маблағҳои худии хоҷагиҳои кишоварзӣ 7,5 гектар боғҳои нави себ ва зардолу, боғҳои мевадиҳанда бунёд шудааст. Илова бар ин, дар соли 2013 дар деҳаҳои Сумчев (1,5 га), деҳаи Тингхон (0,5га) ва деҳаи Бидеҷи (0,5га) ҷамоати деҳоти Барвоз ва аз ҳисоби заминҳои санглоху нишеб дар майдони 6,5 гектар боғи омехта аз ҳисоби маблағҳои худии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва сармояи хориҷӣ боғ бунёд карда шуда, 15 гектар чангалҳои харобгашта барқарор гардиданд.

*Сохтори истифодаи умумии замин дар ноҳия дар соли* 2013 (*фоиз*)




Дар ноҳияи Рошткалъа қисми зиёди заминҳои кишоварзӣ асосан барои кишти ғалладона ва хӯроки чорво истифода бурда мешаванд. Соли 2014 аз захираи заминҳои корами дар ноҳия мавҷуд буда, бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, дар майдони 1544 гектар кишти зироатҳо гузаронида шуд, ки нисбати соли гузашта масоҳати кишт ҳамагӣ 28 га зиёд мебошад (аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани 28 га заминҳои боири мавзеи Ҷавшангоз).

***Майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ дар солҳои*** 2011-2013 (***гектар***).



Аз майдони заминҳои корами ноҳия 68 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (1039га), 31,98 фоиз ба хоҷагиҳои аҳолӣ (444 гектар, аз ҷумла 41 гектар заминҳои президентӣ ва 403 гектар замини наздиҳавлигӣ) ва 0,02 фоиз ба идораҳои давлатӣ (33 гектар) рост меояд.

***Истифодаи замин дар ноҳия аз рӯи кишти зироатҳо дар солҳои*** 2011- 2013 (***бо ҳисоби***%)




Аз майдони умумии кишти гузаронидашуда, майдони кишти ғалладонагиҳо 1016 гектар, майдони кишти картошка 269 гектар, майдони кишти сабзавот 53 гектар ва майдони кишти зироатҳои хӯроки чорво 203 гектарро ташкил додааст. Бояд қайд намуд, ки азхудкунии заминҳои нав бояд дар ноҳия бо назардошти ҳолати геофизикии замин ва бо истифода аз усули террасавӣ амалӣ карда шаванд. Мувофиқи талаботҳои муқарраргардидаи агротехникӣ ва ҳифзи муҳити зист, заминҳое, ки пастхамиашон аз 20% зиёд мебошанд, бояд азхудкуниашон бо мақсади бунёди боғ ва ҷангалзор истифода гарданд.

***Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромади он***. Кишоварзон ноҳияи Роштқалъа соли 2013 бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар ҳаҷми 68,5 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз он 35,6 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ (54%) ва 32,9 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ (46%) рост меояд. Ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва оилавӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёдтар аст. Мувофиқи маълумоти омори расмӣ соли 2013 ба ҳар нафар сокини ноҳия 82,8 кг ғалладонагӣ, 228,9 кг картошка, 54,2 кг сабзавот, 25,2 кг мева, 11 дона тухм, 91,6 литр шир ва 55,9 кг гӯшт рост меояд.



Дар ноҳия ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давоми солҳои 2011-2013 ба маблағи 7,4 млн. сомонӣ ва ё 112,1 фоиз зиёд гаштааст. Маҳсулоти истеҳсолшуда аз намудҳои картошка, сабзавот ва мева метавонад ҳам талаботи дохилии ноҳияро қонеъ гардонад ва ҳам содирот карда шавад. Вале масоҳати заминҳои киштбоби ноҳия барои пурра таъмин намудани аҳолии ноҳия бо тамоми намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ басанда нест. Бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда, истифодаи заминҳои бекорхобида ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо тариқи таъмиру барқарорсозии шабакаҳои обёрӣ, истифодаи самараноки заминҳои мавҷуда, азхудкунии заминҳои бекорхобида, дар ноҳия имконияти аз худ намудани 46 га замини нав мавҷуд аст.

Мувофиқи нишондиҳандаҳои нақшаи дурнамо дар соли 2017 дар ноҳияи Рошткалъа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои амалӣ 75 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз ин 40,1,4 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ ва 34,9 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меояд. Дар доираи Барномаи рушди ноҳия дар ноҳия афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби истифодаи тухмиҳои хушсифат, иҷрои саривақтии тадбирҳои илман асосноки агротехникӣ, азхудкунии заминҳои нав (дар мавзеи Ҷавшангоз) таъмин карда шуда, суръати афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ соли 2017 бо нархҳои ҷорӣ тақрибан 21% пешбинӣ гардидааст.

***Чорводорӣ***. Ноҳияи Роштқалъа барои рушди соҳаи чороводорӣ ва ташкили манбаи хӯроки чорво шароити хуб дорад, зеро 97 фоизи масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ аз чарогоҳҳо (33076 га чарогоҳҳои тобистона) ва 0,01 фоиз марғзор (410 га) иборат мебошанд. Чорводорӣ яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳияи Рошткалъа маҳсуб ёфта, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 54 фоизро ташкил медиҳад. Дар соли 2013 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия дар ҳаҷми 35,6 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки нисбати соли 2012 - 8 фоиз ё 0,3 млн сомонӣ зиёд мебошад.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои* 2011-2013

| *Номгӯи маҳсулот* | *Воҳиди ченак* | *Солҳо* | | | *Соли* 2013 *нисбат ба соли* 2011 (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | |
| *Гӯшт* | *тонна* | 1350 | 1478 | 1479,5 | 109,5 |
| *Шир* | *тонна* | 1610 | 2423,9 | 2424,4 | 150,5 |
| *Тухм* | *ҳаз. дона* | 260 | 281 | 281 | 108 |
| *Пашм* | *тонна* | 52,4 | 53,6 | 54 | 103 |
| *Асал* | *тонна* | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 105 |

Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ дар ноҳия то 1 январи соли 2014 ҳамагӣ 72839 сар чорвои калону майда ба қайд гирифта шудааст, ки асосан ба аҳолӣ тааллуқ дошта, дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 423 сар ва ё 3,1 фоиз кам гаштааст.

*Саршумори ҳайвонот аз рӯи шаклҳои моликият* (*бо* %)



*Саршумори умумии ҳайвонот дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)*

| № | *Нишондиҳандаҳо* | *Солҳо* | | | *Соли* 2013 *нисбат ба соли* 2011 *бо ҳисоби* % |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | |
| 1 | *Чорвои калон, аз ҷумла* | 13704 | 13709 | 13281 | 96,9% |
| 2 | *Модагов* | 4548 | 4561 | 4563 | 100,3% |
| 3 | *Кутос* | 570 | 570 | 572 | 100,3% |
| 4 | *Бузу гӯсфанд* | 54769 | 54771 | 59558 | 108,7% |
| 5 | *Асп* | 33 | 33 | 33 | 100% |
| 6 | *Мург* | 7125 | 7125 | 7521 | 105,5% |
| 7 | *Оилаи занбӯри асал* | 200 | 200 | 220 | 110% |

Дар ноҳия 86 фоизи фурӯши чорво ва парранда, тавассути хоҷагиҳои шахсӣ сурат мегирад. Дар ноҳия ба фурӯши чорвои калони шохдор 58 фоизи хоҷагиҳои шахсӣ ва ба фурӯши бузу гӯсфанд 28 фоизи хоҷагиҳо машғул мебошанд. Барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки он шароити хуб мавҷуд аст, зеро майдони умумии чарогоҳҳои ноҳия 39739 гектарро ташкил медиҳад, ки ин ба 42,2%-и майдони умумии заминҳои кишоварзӣ баробар аст.

Соҳаи чорводорӣ дар ноҳия ба беҳбудии ҷиддӣ ниёз дошта иҷрои як қатор тадбирҳо, аз ҷумла зиёд намудани майдони кишт ва мустаҳкам намудани базаи хӯроки чорво, зиёд намудани саршумори чорвои хушзот, гузаронидани корҳои тарғиботию ташфиқоти дар байни аҳолӣ барои беҳтар намудани зотҳои чорвои шахсӣ, сари вақт гузаронидани чорабиниҳои лозима марбут ба пешгирии касалиҳои чорво ва ғайраро тақозо менамояд.

***Растанипарварӣ***. Дар сохтори маҷмӯи умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия соҳаи растанипарварӣ 46 фоизро ташкил медиҳад. Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия ба парвариши ғалладонагӣ (гандум, ҷав, лӯбиёгиҳо), картошка, сабзавот (карам, сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, боқило ва ғ.) ва хӯроки чорво (юнучқа, ҷавдор ва испарсет) машғуланд. Дар ноҳия истеҳсоли зироати ғалладона нисбати дигар зироатҳо бештаро буда, вазни хоси умумии истеҳсолоти маҳсулоти растанипарварии қисми ғалладонагӣ 66 %-ро ташкил медиҳад. Солҳои охир аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои боир майдонҳои кишти ғалладона 2 га, кишти зироатҳои хӯроки чорво 28 га, кишти картошка 3 га ва майдони кишти сабзавот 1 га зиёд гардида, дар майдони 15 га боғи нав бунёд карда шудааст.

*Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ноҳияи Рошткалъа*

| № | *Нишондиҳандаҳо* | *Воҳиди ченак* | *Соли* 2009 | *Соли* 2010 | *Соли* 2011 | *Соли* 2012 | *Соли* 2013 | 2013 *нисбат ба* 2009(*бо* %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | *Ғалладонагӣ* | *тонна* | 2136 | 2176 | 2190 | 2166 | 2192 | 100,7 |
| | *Замини кишт* | *га* | 1088 | 1072 | 1073 | 1036 | 1026 | 94,3 |
| | *Ҳосилнокӣ* | *сентнер/га* | 20 | 20,3 | 20,4 | 20,9 | 21,4 | 112 |
| 3 | *Сабзавот* | *тонна* | 1228 | 1253 | 1286 | 1434 | 1436 | 116,9 |
| | *Замини кишт* | *га* | 46 | 47 | 47 | 53 | 53 | 115 |
| | *Ҳосилнокӣ* | *сентнер/га* | 250 | 266,6 | 268 | 261,6 | 263 | 105 |
| 4 | *Картошка* | *тонна* | 4925 | 5052 | 5085 | 5979 | 6058 | 123 |
| | *Замини кишт* | *га* | 211 | 212 | 213 | 242 | 268 | 127 |
| | *Хосилнокӣ* | *сентнер/га* | 232 | 238 | 238 | 235 | 236 | 102 |
| 5 | *Меваҷот* | *тонна* | 571 | 685 | 726 | 661 | 669 | 117 |
| | *Майдони бог* | *га* | 32 | 39 | 44 | 44,2 | 45,15 | 141 |
| | *Ҳосилнокӣ* | *сентнер/га* | 47 | 64 | 68,5 | 67,9 | 68,7 | 146,2 |
| 6 | *Хӯроки чорво* | *тонна* | 10736 | 11696 | 11772 | 11983 | 12137 | 113 |
| | *Замини кишт* | *га* | 176 | 190 | 192 | 194 | 197 | 111 |
| | *Ҳосилнокӣ* | *сентнер/га* | 61 | 61 | 61 | 61 | 61 | 100 |

Дар давоми солҳои 2010-2013 дар ноҳия ҳосилнокии ғалладонагиҳо 0,1%, сабзавот 0,4%, картошка 7,3%, меваҷот 0,9% ва хӯроки чорво 9,8% афзоиш ёфтааст.




| | картошка | сабзавот | хуроки чорво | зироатхои галладонаги | хуроки чорво |
|---|---|---|---|---|---|
| 2011 | 232,5 | 260 | 43,5 | 20,2 | 43,5 |
| 2012 | 234,5 | 261,6 | 44,7 | 21,3 | 44,7 |
| 2013 | 236 | 263 | 45,6 | 21,4 | 45,6 |

Дар доираи Барномаи мазкур дар давоми солҳои 2015-2019 аз ҳисоби азхудкунӣ ва обёрии 190 гектар заминҳои нав дар мавзеъҳои Хунпушта (20 га) ва Ҷавшангоз (170 га) майдони кишти зироатҳо васеъ карда шуда, ҳамзамон бунёди корхонаҳои хурди коркарди меваю сабзавот дар маркази ноҳия ва ҷамоатҳои деҳоти Тусиён ва Сежд бо иқтидори солонаи коркарди 39 тонна маҳсулот пешбинӣ мегардад, ки дар натиҷа 51 ҷойи нави корӣ ташкил карда хоҳад шуд.

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия тибқи дурнамо дар соли 2017 нисбат ба соли 2013 истеҳсоли ғалладонагӣ 9 фоиз, картошка 1,9 фоиз, сабзавот 0,9 фоиз ва мевагӣ 28,6 фоиз зиёд мегардад. Тӯли солҳои 2015-2017 васеъ намудани майдони боғҳо аз ҳисоби 31га заминҳои ғайрикорами кишоварзӣ ва азхудкунии заминҳои нишебу санглохи бекорхобида ва аз нав барқароркунии 42 га боғҳои кӯҳна пешбинӣ гардида, 52 ҷои нави корӣ ташкил мегардад.  Танҳо дар солҳои 2014-2015 дар ноҳияи Рошткалъа бунёд намудани 18 га боғи нав ва 19 га ҷангалзор пешбинӣ гардидааст.

Соли 2013 дар мавсими ниҳолшинонӣ 72300 бех ниҳол шинонида шудааст, ки 400 бехи он ниҳолҳои ороишӣ мебошанд. Бо сабаби дар ноҳия мавҷуд набудани корхонаи коркарди мева миқдори зиёди мева исроф гардида, он ҳамчун хӯроки чорво истифода мегардад ва сабаби зарари молии хоҷагиҳои боғпарварӣ мегардад. Дар оянда наздик зарурияти ташкили нуқтаи қабули меваи хушк ва сохтмони коргоҳҳои хурди коркарди меваю сабзавот дар маркази ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот яке аз афзалиятҳои асосии Барномаи рушди ноҳия мебошад.

Дар ноҳияи Рошткалъа 75 фоизи хоҷагиҳо дар масофаи 40 то 100 км дуртар аз маркази ноҳия ҷойгир шудаанд. Дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ кашонданидани маҳсулотро аз хоҷагиҳои фермерии қаламрави ҷамоати деҳоти Сежд, ки то маркази ноҳия қариб 70 км масофаро ташкил медиҳад, душвор мегардонад. Омилҳои мазкур ба арзиши маҳсулоти истеҳсолшудаи хоҷагиҳо таъсири манфӣ расонида, боиси баланд шудани нарх дар бозор мегардад. Дар натиҷа, аксари вақт маҳсулоти хоҷагиҳо чи дар бозори дохилӣ ва чи дар бозори беруна ба савдо намеравад ва боиси зарари хоҷагиҳо мегардад.

***Низоми обёрӣ***. Дар самти таъминоти оби полезӣ дар ноҳия муассисаи “Қитъаи беҳдошти замин ва обёрӣ дар ноҳияи Рошткалъа” фаъолият менамояд ва дар он 2 нафар кормандон (сардор ва мутахассис) кор мекунанд. Муассисаи мазкур бо 10000 муштарӣ шартномаи ҳамкорӣ дорад. Дар тавозуни муассисаи мазкур ягон намуди техникаи зарурӣ мавҷуд нест ва ҳангоми зарурат техника аз Шӯъбаи беҳдошти замин ва обёрии ВМКБ воқеъ дар шаҳри Хоруғ дастрас карда мешавад. Обёрии заминҳои нав ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии онҳо яке аз мушкилиҳои  соҳаи кишоварзӣ буда, ҳалли он дар зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ ва бо ҷои

кор таъмин намудани аҳолӣ, аҳамияти хоса дорад. Дар ноҳияи Рошткалъа 71 адад каналҳои обёрикунанда мавҷуд буда, аксарияти онҳо таъмирталаб гаштаанд. Дар ноҳия 3 адад Ассотсиятсияҳои истифодабарандагони об (Асотсиатсияи оби “Зрави Тусиён”, “Шоҳиразм” ва “Ҷавшангоз”) мавҷуданд, ки аз он танҳо Асотсиатсияи оби “Зрави Тусиён” фаъолият менамояд, ки дар якҷоягӣ бо “Қитъаи беҳдошти замин ва обёрӣ дар ноҳияи Роштқалъа”ба тақсимоти оби полезӣ, ҷамъоварии ҳаққи истифодаи об ва таъмиру тоза кардани каналҳо машғул мебошанд.

Дар ҳудуди ноҳияи Роштқалъа 1516 гектар заминҳои обӣ, аз ҷумла дар ҷамоати деҳоти Қ. Гадолиев 407 га, дар ҷамоати деҳоти Тусиён 186 га, дар ҷамоати деҳоти М.Миршакар 244 га, дар ҷамоати деҳоти Роштқалъа 122 га, дар ҷамоати деҳоти Барвоз 288 га ва дар ҷамоати деҳоти Сежд 269 га мавҷуд аст. Ҳамаи ин заминҳо тариқи ҷуйбор ва каналҳо аз оби дарёҳои кӯҳӣ обёрӣ карда мешаванд ва аксарияти ин иншоотҳои обрасони ба таъмиру барқарорсозӣ эҳтиёҷ доранд.

*Ҳолати иншоотҳои таъминоти оби полезии ноҳияи Роштқалъа*

| № | *Номгӯи каналҳо* | *Соли сохта ба истифода супоридан* | *Дарозии канал (км)* | *Майдони замини обёришаванда (га)* | *Ҳолати Техникии ҳозира* | *Маблаги барои таъмир зарурбуда (ҳазор.сомонӣ)* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Ҷамоати деҳоти Қ. Гадолиев* | | | | | |
| 1 | *Канали Шод* | 1936 | 4,2 | 26 | *Таъмирталаб* | 51 |
| 2 | *Канали Қосим делох* | 1930 | 4,6 | 12,8 | *Таъмирталаб* | 49 |
| 3 | *Канали Хоним* | 1930 | 15,5 | 43 | *Таъмирталаб* | 154 |
| 4 | *Канали Баробарвед* | 1932 | 15,8 | 8 | *Таъмирталаб* | 160 |
| 5 | *Канали Андарв* | 1930 | 5,8 | 12 | *Таъмирталаб* | 59 |
| 6 | *Канали Бодом* | 1930 | 6,3 | 5 | *Таъмирталаб* | 67 |
| 7 | *Канали Тиркуча* | 1935 | 2,1 | 9 | *Таъмирталаб* | 27,4 |
| 8 | *Канали Шивоз* | 1032 | 2,9 | 4 | *Таъмирталаб* | 32 |
| 9 | *Канали Тавдем Д* | 1991 | 2,2 | 12 | *Таъмирталаб* | 22,0 |
| 10 | *Канали Хидорчев* | 1932 | 6,4 | 20 | *Таъмирталаб* | 73 |
| 11 | *Канали Хиризмик* | 1930 | 8,5 | 14 | *Таъмирталаб* | 95 |
| 12 | *Канали Тагов-Хичив* | 1932 | 3 | 16 | *Таъмирталаб* | 33 |
| 13 | *Канали Чинтор* | 1957 | 5,2 | 24 | *Таъмирталаб* | 54 |
| 14 | *Канали Бодоми поён* | 1964 | 7,5 | 20 | *Таъмирталаб* | 78 |
| 15 | *Канали Паршед* | 1949 | 3,2 | 18 | *Таъмирталаб* | 35 |
| | *Ҷамоати деҳоти Тусиён* | | | | | |
| 16 | *Канали Шарвдара*-1 | 1947 | 6,3 | 25 | *Таъмирталаб* | 67 |
| 17 | *Канали Тусиёндара (хунпушта)* | 1948 | 11,5 | 13 | *Таъмирталаб* | 121 |
| 18 | *Канали Тагов хун* | 1930 | 4,8 | 25 | *Таъмирталаб* | 53 |
| 19 | *Канали Жирпор* | 1938 | 4,2 | 31 | *Таъмирталаб* | 47 |
| 20 | *Канали Вазир магз* | 1966 | 3,1 | 12 | *Таъмирталаб* | 38 |
| | *Ҷамоати деҳоти Сежд* | | | | | |
| 21 | *Канали Дашти Дирум* | 1936 | 4,7 | 7 | *Таъмирталаб* | 52 |
| 22 | *Канали Дирум* | 1932 | 6,2 | 8 | *Таъмирталаб* | 68 |
| 23 | *Канали Хухричев* | 1932 | 2,8 | 4,5 | *Таъмирталаб* | 31 |
| 24 | *Канали Вад* | 1934 | 7,9 | 4,5 | *Таъмирталаб* | 82 |
| 25 | *Канали Новен* | 1936 | 3,3 | 11 | *Таъмирталаб* | 120 |
| 26 | *Канали Нивич* | 1937 | 1,8 | 8 | *Таъмирталаб* | 20 |
| 27 | *Канали Гач* | 1935 | 2 | 4 | *Таъмирталаб* | 22 |
| 28 | *Канали Шошбуваддара* | 1931 | 5,4 | 16 | *Таъмирталаб* | 61 |
| 29 | *Канали Холмурод* | 1935 | 3,8 | 10 | *Таъмирталаб* | 41 |
| 30 | *Канали Рубот* | 1930 | 3,7 | 9 | *Таъмирталаб* | 39 |
| 31 | *Канали Шошдарагев* | 1930 | 1,7 | 6 | *Таъмирталаб* | 17,6 |
| 32 | *Канали Зирбут* | 1935 | 1 | 4 | *Таъмирталаб* | 12 |
| 33 | *Канали Советобод* | 1940 | 1,1 | 15 | *Таъмирталаб* | 14 |
| 34 | *Канали Чашма* | 1935 | 1 | 3,5 | *Таъмирталаб* | 12 |
| 35 | *Канали Чавшангоз* | 1930 | 5,65 | 263 | *Таъмирталаб* | 67 |
| 36 | *Канали Шошбувад* | 1967 | 2,5 | 4 | *Таъмирталаб* | 31 |
| 37 | *Канали Маяндаш* | 1932 | 4,3 | 45 | *Таъмирталаб* | 52 |
| 38 | *Канали Хинвадор* | 1932 | 3,1 | 10 | *Таъмирталаб* | 35 |
| 39 | *Канали Барчид* | 1940 | 3,7 | 21 | *Таъмирталаб* | 46 |
| 40 | *Канали Ригов танг* | 1949 | 1,6 | 30 | *Таъмирталаб* | 21 |
| 41 | *Канали Виранг* | 1930 | 6,2 | 14 | *Таъмирталаб* | 79 |
| 42 | *Канали Дузахдара* | 1940 | 3,6 | 20 | *Таъмирталаб* | 42 |
| | *Канали Давлатназар* | 1934 | 3,8 | 8 | *Таъмирталаб* | 39 |
| | *Ҷамоати деҳоти М.Миршакар* | | | | | |
| 43 | *Канали Тирчагев* | 1930 | 8,6 | 23 | *Таъмирталаб* | 93 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 44 | *Канали Барчангал* | 1930 | 2,9 | 37 | *Таъмирталаб* | 31 |
| 45 | *Канали Миденшарв Д* | 1932 | 4,4 | 10 | *Таъмирталаб* | 49 |
| 46 | *Канали Шошел* | 1952 | 11,5 | 15 | *Таъмирталаб* | 110 |
| 47 | *Канали Норак бук* | 1934 | 5,7 | 10 | *Таъмирталаб* | 61 |
| 48 | *Канали Калотак* | 1930 | 4,4 | 15 | *Таъмирталаб* | 53 |
| 49 | *Канали Паринак* | 1934 | 3,1 | 9 | *Таъмирталаб* | 35 |
| 50 | *Канали Шобурҳон* | 1932 | 11,6 | 38 | *Таъмирталаб* | 139 |
| 51 | *Канали Тундев* | 1930 | 3,2 | 4 | *Таъмирталаб* | 35,0 |
| 52 | *Канали Спеуд* | 1930 | 5,7 | 52 | *Таъмирталаб* | 69 |
| 53 | *Канали Тирбар* | 1930 | 3,3 | 108 | *Таъмирталаб* | 35,0 |
| 54 | *Канали Анчиндара*-1 | 1936 | 3,3 | 10 | *Таъмирталаб* | 34 |
| 55 | *Канали Шодиделох* | 1938 | 7,6 | 20 | *Таъмирталаб* | 79 |
| | *Ҷамоати деҳоти Роштқалъа* | | | | | |
| 56 | *Канали Шине Дашт* | 1940 | 4,7 | 4 | *Таъмирталаб* | 49 |
| 57 | *Канали Машрабделох* | 1940 | 3,2 | 2 | *Таъмирталаб* | 32 |
| 58 | *Канали Пастарес* | 1930 | 2 | 2 | *Таъмирталаб* | 24 |
| | *Ҷамоати деҳоти Барвоз* | | | | | |
| 59 | *Канали Шивоз* | 1950 | 5,5 | 21 | *Таъмирталаб* | 61 |
| 60 | *Канали Бидизӣ Б* | 1935 | 3 | 7 | *Таъмирталаб* | 32 |
| 61 | *Канали Синдев* | 1930 | 5,2 | 33 | *Таъмирталаб* | 59 |
| 62 | *Канали Делох* (*Зaнудч*) | 1935 | 9,7 | 3,5 | *Таъмирталаб* | 103 |
| 63 | *Канали Занудч* | 1930 | 4,9 | 16 | *Таъмирталаб* | 55 |
| 64 | *Канали Бодомдара* | 1932 | 2,2 | 3,4 | *Таъмирталаб* | 29 |
| 65 | *Канали Чандин* | 1933 | 3,7 | 7 | *Таъмирталаб* | 41 |
| 66 | *Канали Очибачанд* | 1948 | 1 | 4,5 | *Таъмирталаб* | 10,7 |
| 67 | *Канали Падёд Азизбек* | 1967 | 0,9 | 3,5 | *Таъмирталаб* | 12,0 |
| 68 | *Канали Падзарев* | 1964 | 1,3 | 5,5 | *Таъмирталаб* | 16 |
| 69 | *Канали Гарданак* | 1947 | 4,5 | 14 | *Таъмирталаб* | 49 |
| 70 | *Канали Миденвед* | 1930 | 3,2 | 15 | *Таъмирталаб* | 38 |
| | ***Ҳамагӣ***: | | 334,25 | 1367,7 | | 3752,7 |

Ҳолати техникии каналҳо ва дюкерҳои мавҷуда ба талабот ҷавобгӯ нест ва пайваста таъмиру таҷдидро талаб менамояд.

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №450 аз 31 августи соли 2012 “Дар бораи барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020” дар ноҳияи Роштқалъа иҷрои корҳои азхудкунии 114 га замини нав дар мавзеи Тусиёндараи ҷамоати деҳоти Тусиён ва дар заминҳои ҳудуди ҷамоати М.Миршакар бо сарфи 288316 сомонӣ маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва сармояи хориҷӣ пешбинӣ шудааст. Илова бар он дар ноҳия бояд дар давоми солҳои 2015-2019 каналҳои Риговтанг-Мандаш ва Тусиёндара-Парзудҷ барқарорсозӣ гарданд, ки дар натиҷаи он 100 гектар замини мавзеъҳои Ҷавшангоз ва Парзудтҷ ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуда, имконияти зиёд намудани майдони кишти ғалла, картошка ва хӯроки чорво муҳайё мешавад.

Яке аз мушкилиҳои дигари соҳаи таъминоти оби полезӣ, бо сабаби нокифоягии маблағҳои ҷудошаванда сари вақт иҷро нагаштани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ мебошад. Таи солҳои 2011-2013 дар натиҷаи баланд гардидани сатҳи дарёчаҳои Оҷатга, Сежд, Бидизи боло ва Синдев дар мавсими боришот ва обхезӣ зиёда аз 25 гектар заминҳои корами деҳаҳои номбаршуда несту нобуд гардиданд. Бо мақсади кам кардани хавфи шусташавии заминҳои корам, лозим аст, ки корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба дарозии умумии 15 км бо роҳи кашидани симтур ва бо сангу шағал пур намудани онҳо ба маблағӣ 2,7 млн.сомонӣ дар деҳаҳои Бидези боло, Оҷатга, Сежд ва Синдев иҷро карда шавад.

***Занбӯриасалпарварӣ***. Занбӯри асалпарварӣ ва истеҳсоли асал бахши камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Шароити иқлими ноҳия барои истеҳсоли асал ва рушди соҳаи занбӯри асалпарварӣ хело мусоид аст. Захираҳои мавҷудаи растаниҳои шаҳддиҳанда имкон медиҳад, ки шумораи оилаи занбӯри асал зиёд карда шуда, истеҳсоли он афзоиш ёбад. Дар соли 2013 дар хоҷагиҳои занбӯрпарварии ноҳия 220 оилаи занбӯри асал мавҷуд буд. Истеҳсоли асал аз 4 тоннаи соли 2011 ба 4,2 тонна дар соли 2013 расонида шудааст.

Дар хоҷагиҳои ноҳия ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2010 №418 «Барномаи рушди соҳаи занбурпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016» парвариши оилаҳои занбури асал ба

роҳ монда шудааст ва тибқи он дар панҷ соли оянда зиёд намудани истеҳоли асал ба 12 тонна ва афзудани шумораи оилаҳои занбӯри асал то соли 2016 ба 390 адад ба нақша гирифта шудааст.

*Истеҳсоли асал дар ноҳияи Роштқалъа дар давоми солҳои* 2011-2013 (*тонна*)

| Солҳо | Шумораи оилаҳо | Истеҳсоли асал (тн) |
|---|---|---|
| 2011 | 200 | 4,0 |
| 2012 | 200 | 4,1 |
| 2013 | 220 | 4,2 |

***Байторӣ***. Рушди соҳаҳои чорвопарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва паррандапарварӣ ба хизматрасониҳои саривақтӣ ва босифати байторӣ алоқаманд мебошад. Дар ноҳия стансияи мубориза алайҳи бемориҳои ҳайвонот фаъолият наменамояд. Бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи ташкилоти байналмиллалӣ оид ба кишоварзӣ ва озуқаи (FAO) Созмони Миллали Муттаҳид ба бойторон ваксинаҳо ва дигар доруҳо барои пешгирии бемории буғумдарди моли майдаи шохдор, барои пешгирии бемориҳои карасон ва зардкасали чорвои калони шохдор пешниҳод карда мешаванд.

Дар байни чорвои калон ва моли майда ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои эмкар, бруселёз, сумдарди ҳайвонот, қарасон ва тоуни мурғҳои хонагӣ (касалии Нюкасла) ба мушоҳида мерасанд. Барои соҳаи байтории ноҳия аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ маводи биологии пешгирии касалиҳои сирояткунандаи вабои сумдард 39 %, қарасон 19%, барои пешгирии касалии бруселёз 14%, гули моли майда 20 %, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД 40% ҷудо карда мешавад.

Ба рушди бонизоми соҳаи байтории ноҳия мушкилиҳои зерин монеагӣ менамоянд: набудани таҷҳизоти ташхисии байторӣ ва техникаҳои замонавӣ, норасогии мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи доруворӣ ва дастрасӣ надоштан ба ваксинаҳо. Барои хушзоткунӣ, маҳсулнокӣ ва солим нигоҳ доштани чорвои зотӣ дар ноҳия нуқтаи бордоркунии сунъии чорво ташкил кардан зарур аст. Дар ноҳия барои безарар гардонидани чорвои фавтида ва забҳи чорво ҷойи махсус вуҷуд надорад. Барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани хизматрасонии байторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инвазионӣ, паразитӣ ва хунӣ дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зиёдеро оиди пешгирии касалиҳои сироятию паразитӣ ба анҷом расонидан зарур аст.

Ҷиҳати рушди устувори минбаъдаи соҳа зарур аст, ки дар ноҳия ҷойҳои махсус барои забҳи чорво, гӯронидан ва сӯзонидани чорвои талафёфтаи шубҳанок ва ҳайвоноти дорои касалии сироятӣ ташкил карда шавад, зеро ин ба нигоҳ доштани тозагии муҳити атроф мусоидат менамояд. Норасогии воситаҳои молиявӣ имконият намедиҳад, ки мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа, вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи байторӣ сари вақт бартараф карда шавад. Аз ин лиҳоз, ташкили клиникаҳо ва дорухонаҳои хусусии байторӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия, инчунин бо мутахассисон таъмин намудани онҳо, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳа ба ҳисоб меравад.

***Хоҷагии ҷангал***. Дар ноҳия як хоҷагии ҷангалпарварӣ мавҷуд буда, дар он 3 нафар ба кори доимӣ машғуланд, инчунин дар он зиёда аз 200 хонавода тариқи шартномавӣ мавсимӣ кор мекунанд. Ҳар сол хоҷагии мазкур тавассути иҷоракорон 700 метри мукааб ҳезум истеҳсол менамоянд. Дар тавозуни муассисаи ҷангали ноҳияи Роштқалъа 1682 гектар майдони умумии заминҳо, ки аз он 8 га замини корам, 7 га дарахтони бисёрсола, 106 га чарогоҳ ва 462 га ҷангалу бешазор, 616 га буттазор, 483 га замини зери об, зери роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар ва заминҳои дигар мавҷуд аст. Дар ҷангалзорҳои ноҳия асосан бед, сафедор, ар-ар, хуч парвариш меёбанд. Дар доираи "Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015" масъалаҳои ҳалталаби соҳаи ҷангал ва самтҳои асосии он бо мақсади баланд

бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва беҳтар намудани ҳолати муҳити зист пешбинӣ шудааст. Тибқи Барномаи мазкур дар ҳудуди ноҳия тӯли солҳои 2013-2015 барои парвариши ниҳолҳои сояафкан ва зиёд намудани масоҳати ҷангалзор (29 га дар ҳудуди деҳаҳои Парзудҷ, Занинс, Бидези поён, Бидези боло, Вездара, Занудҷ), инчунин бо мақсади истеҳсоли маводи сохтмонӣ бунёди ҷангал дар масоҳати 24 га дар ҷамоатҳои деҳоти Қ.Гадолиев, Тусиён, Рошткалъа ва М.Миршакар пешбинӣ шудааст.

Дар марзи хоҷагиҳои мазкур гиёҳҳои шифобахш аз қабили ҷамбилак, испанд, ниҳолҳои хуч, ангат ва дигар дарахтону гиёҳҳои шифобахш мерӯянд, ки имконияти дар соҳаи дорусозӣ истифода бурдани онҳо вуҷуд дорад. Дар хоҷагиҳои ҷангал ва дигар хоҷагиҳои деҳқонии берун аз марзи он зиёда аз 50-60 намуди гиёҳҳои шифобахш мерӯянд. Инчунин, шароити иқлим ва набототи ноҳия имкон медиҳад, ки хоҷагии ҷангали ноҳия то 120 оилаи занбӯри асалро парвариш намоянд.

Заминаи моддию техники хоҷагии ҷангали ноҳия фарсуда шудааст, вале худи муассисаи хоҷагии ҷангали ноҳия имконияти харидории техникаҳои нави кориро надоранд. Аз сабаби нокифоя будани маблағ, корҳои ҷангалбунёдкунӣ дар сатҳи паст гузаронида мешаванд. Набудани техника, дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои байни ҷангал ва набудани техникаҳои сӯхторхомӯшкунӣ мушкилоти соҳа маҳсуб меёбанд. Яке аз мушкилиҳои дигар ин нарасидани доруҳои заҳрдор барои муҳофизати ҷангал аз ҳашарот ва каслиҳои он, таъмирталабии бинои маъмурӣ, норасогии техника ва мавҷуд набудани коргоҳи коркарди хуч ва мева дар хоҷагии ҷангали ноҳия мебошад.

## 2.2. Соҳаи саноат

Дар доираи масъалаҳои рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳия рушди соҳаи саноат яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Қатъи назар аз мавҷудияти захираҳои бузург ва иқтидорҳои маҳаллӣ соҳаи саноат дар ноҳияи Рошткалъа на он қадар рушдёфта мебошад. Айни замон дар ноҳияи Рошткалъа 9 коргоҳҳои саноатӣ ва 5 адад НОБ ба қайд гирифта шудааст, ки дар онҳо 21 нафар коргарон фаъолият менамоянд. Истеҳсоли маҳсулот дар се корхона (КВДФ “Анҷин”, ҶДММ «Азиза», коргоҳи коркарди чӯб дар ҷамоатҳои Рошткалъа ва Сежд) бо ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар ноҳия дар давоми солҳои 1994-2013 НОБ-ҳои хурди «Тусиён» бо иқтидори 400 кВт, НОБ – и «Вездара 1» бо иқтидори 75 кВт, НОБ-и «Вездара 2» бо иқтидори 75 кВт, НОБ – и деҳаи «Бодом» бо иқтидори 30 кВт ва НОБ – и «Нудҷ» бо иқтидори 75 кВт бо ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ сохта ба истифода супорида шуданд. Иқтидори саноатии умумии истеҳсоли нерӯи барқ дар НОБ-ҳои ноҳияи Рошткалъа дар як сол ба 655 кВт баробар мегардад. Корхонаҳои саноатӣ ва аҳолии ноҳияи Рошткалъа тамоми сол бо нерӯи барқ таъмин мебошанд.

Дар соли 2013 дар ноҳияи Рошткалъа ба маблағи 4188,9 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2011 – 2539,1 ҳазор сомонӣ ё 2,5 маротиба ва нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2012 тақрибан 1,8 маротиба зиёд мебошад.



Дар ноҳия аз сабаби норасоии маблағҳои зарурӣ дар соли 2013 ҶДММ «Азиза», фаъолияти худро қатъ намуд. Дигар коргоҳҳо низ бо иқтидори пурраи худ кор намекунанд, ки ин ҳам ба норасоии маблағ, набудани технологияҳои нав, кам истифода бурдани усулҳои ҳозиразамони менеҷменту маркетинг ва набудани марказҳои машваратӣ алоқаманд аст.

*Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои ноҳия дар солҳои 2011-2013*

| № | Номгӯи корхона ва истеҳсоли маҳсулот | Воҳиди ченак | Миқдори истеҳсоли маҳсулот | | | Арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда (ҳазор сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 |
| 1 | КВДФ «Анҷин» | | | | | | | |
| | Сангҳои ороишӣ | кг | - | 376 | 400 | - | 14,59 | 14,9 |
| 2 | Сехҳои коркарди чӯб дар ҷамоатҳои деҳоти Қ. Гадолиев, Рошткалъа ва Сежд | | | | | | | |
| | Тахта | м³ | 800 | 850 | 1008 | 12,2 | 13,5 | 15,1 |
| | Дару тиреза | М² | 650 | 790 | 1140 | 8,6 | 10,2 | 12,1 |
| 3 | Коргоҳи коркарди мева ва сабзавоти деҳаи Тусиён | | | | | | | |
| | Консервакунонии мева ва сабзавот | банка | 700 | 700 | 700 | - | 2 | 2,15 |
| 4 | ҶДММ «Азиза» Сехи коркарди шири Ҷавшангоз | | | | | | | |
| | Маҳсулоти ширӣ | тонна | - | 13 | 16 | - | 5,2 | 5,28 |
| 5 | Сехҳои дӯзандагии ҷамоатҳои деҳоти Рошткалъа ва Қ.Гадолиев | | | | | | | |
| | Либосҳои занона, курпа | ҷуфт | 120 | 170 | 230 | 71 | 107,3 | 115,5 |
| 6 | Хизматрасонии ҶСК «Помир энержи» | | | | | | | |
| | фурӯши барқ | КВт-соат | 11 | 14,2 | 14,2 | 1540,7 | 2124 | 2649 |
| 7 | Дигарҳо | | - | - | - | 17,3 | 19,1 | 61,2 |
| | Ҳамагӣ | | - | - | - | 1649,8 | 2295,89 | 2875,23 |

Дар доираи Барномаи рушди ноҳияи Рошткалъа яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи саноат, мусоидат намудан ҷиҳати бо иқтидори пурра ба кор даровардани корхонаҳои мавҷуда, дар давоми солҳои 2015-2019 зиёд намудани шумораи корхонаҳои саноатии хурду миёна ва дар ин замина самаранок истифода бурдани иқтидорҳои маҳаллӣ бо истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад.

*Ҳолати корхонаҳои саноатии ноҳия (дар соли 2013)*

| № | Номгӯи корхонаҳо | Шакли фаъолият ва ё маҳсулоти истеҳсолшаванда | Иқтидори лоиҳавӣ/ солона | Истеҳсоли воқеии ҳозира/ солона | Ҳолати техникӣ | Истифода-барандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Коргоҳи коркарди санги КВДФ «Анҷин» | Тайёр намудани ашёи хом ва истеҳсоли сангҳои ороишӣ | 1200 м² | 1000 м² | Дастгоҳҳои фарсудаи дар ҳолати корӣ қарор дошта | шаҳрвандон и ноҳия ва вилоят |
| 2. | Коргоҳи коркарди чӯби (тахтабурӣ) ҷамоати деҳоти Қ. Гадолиев | Тахта | 1120 м³ | 1080 м³ | Технологияи коршоям | Сокинони ноҳия |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3. | *Коргоҳи коркарди чуби (тахтабурӣ) ҷамоати Рошткалъа* | *тахта* | 1120 *м*³ | 1080 *м*³ | *Технологияи коршоям* | *Сокинони ноҳия* |
| 4 | *Коргоҳи коркарди чуби ҷамоати деҳоти Сежд* | *дару тиреза* | 1000 *м*² | 500 *м*² | *Технологияи коршоям* | *Сокинони ҷамоати деҳоти Сежд* |
| 5 | *Коргоҳи коркарди сабзавот* | *Консервакунонии мева. шарбат, мурабо.* | 900 *банка дар мавсим* | 700 *банка дар мавсим* | *Технологияи коршоям* | *Сокинони ноҳия* |
| 6 | *Коргоҳҳои оҳангарӣ* | *Асбобҳои ниёзи мардум* | 320 *дона* | 160 *дона* | *Технологияи коршоям* | *Сокинони ноҳия* |
| 7 | *Пахтатозакунак* | *Тозакунии пахтаи истифодашуда* | 1,0 *т* | 0,3 *т.* | *Технологияи коршоям* | *Сокинони ноҳия* |
| 8 | *ҶДММ «Азиза»* | *Маҳсулоти ширӣ* | 108 *т* | *фаъолият накарда истодааст* | *Технологияи фарсуда* | *Сокинони ноҳия* |
| 9 | *Сехи дузандагӣ дар ҷамоати деҳоти Қ. Гадолиев* | *Либосҳои занона, курпа ва болишт* | 300 *ҷуфт* | *фаъолият менамояд* | *Технологияи коршоям* | *Сокинони ноҳия* |
| 10 | *Сехҳои дузандагӣ дар ҷамоати деҳоти Рошткалъа* | *Либосҳои занона, либосҳои махсус* | 420 *ҷуфт* | *фаъолият менамояд* | *Технологияи коршоям* | *Сокинони ноҳия* |
| 11 | *НОБ – и «Тусиён»* | *Нерӯи барқ* | 400 *кВт* | 170 *кВт* | *Технологияи нав* | *Сокинони ноҳия* |
| 12 | *НОБ – и «Вездара* 1» | *Нерӯи барқ* | 75 *кВт* | 10 *кВт* | *Технологияи коршоям* | *Сокинони ноҳия* |
| 13 | *НОБ – и «Вездара* 2» | *Нерӯи барқ* | 75 *кВт* | 19 *кВт* | *Технологияи коршоям* | *Сокинони ноҳия* |
| 14 | *НОБ – и деҳаи «Бодом»* | *Нерӯи барқ* | 30 *кВт* | 15 *кВт* | *Технологияи фарсуда* | *Сокинони ноҳия* |
| 15 | *НОБ – и «Нудҷ»* | *Нерӯи барқ* | 75 *кВт* | 25 *кВт* | *Технологияи коршоям* | *Сокинони ноҳия* |

***Иқтидорҳои саноатӣ***. Ноҳияи Рошткалъа барои рушди саноат имкониятҳои зиёд дорад. Истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои табии ва канданиҳои фоиданоке, ки дар ноҳия вуҷуд доранд, метавонад ба рушдиояндаи иқтисодиву иҷтимоии ноҳия мусоидат намояд. Ноҳия аз канданиҳои фоиданоки табиии лоҷувард (дар мавзеъи Бодомдараи ҷамоати деҳоти Барвоз), сангҳои нодиру қимматбаҳо, аз ҷумла ёқут, квартс ва зумуррад  (дар мавзеи Тусиёндараи ҷамоати деҳоти Тусиён), тахтасангҳои мармар (дар мавзеъи Тирбари ҷамоати деҳоти ба номи Мирсаид Миршакар, Занудҷи ҷамоати деҳоти Барвоз ва дар мавзеи Куки чамоати деҳоти Сежд) бой мебошад. Бояд қайд намуд, ки коркади онҳо то ба ҳол ба роҳ монда нашудааст ва роҳандозӣ намудани коркарди захираҳои конҳои мавҷудаи ноҳияи Рошткалъа метавонад ба рушди минбаъдаи иқтисодиёти он таъсири мусбӣ расонад.

Дарёҳои мавҷудаи ноҳияи Рошткалъа барои бунёди силсилаи НОБ-ҳои хурду миёна хеле қулай мебошанд. Айни ҳол дар ноҳия 3 адад НОБ-ҳои хурди Вездара 1, Вездара 2 бо иқтидори умумии 560 кв/с ва НОБ-и Тусиён бунёд гаштаанд.

Дар панҷ соли оянда дар доираи Барномаи мазкур бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ сохтмони якчанд адад НОБ-ҳои дигар, (аз ҷумла НБО-и Себзор бо иқтидори 10 МВт, НОБ-и Андарстез бо иқтидори 70 кВт ва НОБ-и Сорж бо иқтидори 55 кВт) пешбинӣ мегардад.

Ноҳия инчунин барои рушди корхонаҳои саноатии хурд дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла коркарди пӯсту пашм дар мавзеи Ҷавшангоз, ташкили корхонаи хурди сементбарорӣ дар мавзеи Анҷин, корхонаи истеҳсоли хишт иқтидори хуберо дорост. Ноҳияи Рошткалъа аз растаниҳо ва гиёҳҳои шифобахш бой аст ва дар сурати ташкили коркарди онҳо метавон ба рушди соҳаи дорусозӣ низ такони ҷиддӣ бахшид. Миқдори чашмаҳои гарм (3 адад) ва обҳои минералӣ (4 адад) иконияти зиёдеро барои сохтмони истироҳатгоҳҳои замонавӣ  фароҳам меоваранд. Дар ноҳия чашмаҳои гарму шифобахши Кук (61,4$^0$ С) ва Реговтанг (56,7$^0$ С) (дар деҳаи Ҷараҷан ва мавзеи Реговтанги ҷамоати деҳоти Сежд) ва манбаъи оби минералӣ (дар деҳаи Вездараи ҷамоати деҳоти Барвоз) мавҷуданд, ки тавъам бо табиати дилпазиру

мафтункунандааш ва боду ҳавои мусоидаш ҷиҳати рушди бахши саёҳату табобат ва сайри кӯҳсору алпинизм камназир аст.

Айни ҳол ба рушди устувори соҳаи саноат дар ноҳияи Рошткалъа ҷалби нокифояи сармояи хориҷию дохилӣ, мавҷуд набудани инфрасохтори лозимӣ, нокифоягии маблағгузорӣ, ворид нагардидани технологияҳои муосири саноати кӯҳкорӣ, норасогии мутахассисони соҳибтаҷриба монеагӣ менамоянд. Бинобар ин, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо сохторҳои вилоятӣ, соҳибкорон, ташкилотҳои байналхалқии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта ва вазорату идораҳои дахлдор, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва бизнес нақшаҳоро таҳия намуда оиди ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ аз тамоми сарчашмаҳои имконпазир барои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолии хурду миёна ва воридоти технологияҳои муосир ҳамкориро ҷоннок намояд.

### 2.3. **Соҳибкории хурд ва миёна (СХМ)**

***Нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти маҳаллӣ***. Барои рушди ноҳияи Рошткалъа соҳибкории хурд захираи азим ба ҳисоб меравaнд. Аммо бо назардошти кӯҳӣ ва дурдаст будани ноҳия бахши СХМ асосан тавассути савдои хурди чакана, кишоварзӣ ва ғайраҳо акнун тараққӣ карда истодаанд. Рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Рошткалъа аз рушди соҳибкории хурду миёна алоқамандии ногусастанӣ дорад. Соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ноҳия мавқеи муҳим дорад ва бояд соҳаи асосии рушди иқтисодиёти ноҳия гардад.

Тибқи натиҷаҳои таҳлил дар ноҳияи Рошткалъа шумораи субъектҳои соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ) тамоюли зиёдшавӣ дошта, дар соли 2013 ҳамагӣ 313 ададро (аз ҷумла 132 шахси ҳуқуқи ва 181 адад шахси воқеъӣ) ташкил додааст. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ нақши муҳимро иҷро менамояд, зеро айни ҳол дар субъектҳои мазкур 4860 нафар бо ҷойи корӣ таъмин гаштаанд. Дар соли 2013 дар ноҳия соҳибкорони дорои патент 151 нафар буданд, ки 44 нафари онро (ё 29,1%) занҳо ташкил медиҳанд. Шумораи соҳибкорони дорои шаҳодатнома бошад ба 30 нафар расидааст. Соҳибкорони тариқи патент фаъолиятдошта асосан ба фурӯши молҳои омехта, фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, мусофиркашонӣ ва боркашонӣ машғул мебошанд. Айни замон, дар ноҳияи Рошткалъа 16 ҷамъияти масъулияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудаанд.

*Нақши СХМ дар шуғли аҳолӣ ва воридоти андозҳо аз рӯи соҳаҳо дар соли* 2013

| Соҳаҳои иқтисодиёт | Шумораи субъектҳои ба қайдгирифташудаи СХМ | | Шуғли аҳолӣ | | Воридоти андозҳо ба буҷет | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ (бо соҳибкорони инфиродӣ) | Шумораи ҷойҳои корӣ | %-аз шуғли умумӣ | Сомонӣ | %-аз ҳаҷми умумии андозҳои СХМ |
| Кишоварзӣ | 23 | 6 | 2137 | 21,4% | 132456 | 7,6% |
| Саноат | 3 | 8 | 19 | 0,27% | 34563 | 1,9% |
| Сохтмон | 2 | 4 | 56 | 0,64% | 314746 | 18,1% |
| Нақлиёт ва алоқа | 4 | 36 | 109 | 1,24% | 74903 | 4,3% |
| Савдо | 7 | 58 | 94 | 1,07% | 161894 | 12,0% |
| Хизматрасонӣ | 8 | 31 | 63 | 0,71% | 54712 | 3,1% |
| Хизмати молиявӣ | 6 | - | 55 | 0,62% | 121344 | 7,0% |
| Дигар соҳаҳо | 79 | 58 | 2327 | 26,6% | 842921 | 48,5% |
| Ҷамъ: | 132 | 181 | 4860 | 37,9% | 1737539 | 38,2% |

Қисми асосии субектҳои СХМ-и ноҳия дар соҳаи савдо (ҷамъ 65 субъект), кишоварзӣ (ҷамъ 29 субъект), нақлиёту алоқа (ҷамъ 40 субъект) ва хизматрасонӣ (ҷамъ 39 субъект)машғул мебошанд ва ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии субъектҳои

дар бахши СХМ-и ноҳия машғул буда мутаносибан 20,7%, 9,2%, 12,7% ва 12,4%-ро ташкил медиҳад.

*Ҳаҷми истеҳсолот ва хизматрасониҳои СХМ дар соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Роштқалъа дар соли* 2013




Дар самти воридоти мабағ ба буҷаи маҳаллӣ бошад, дар соли 2013 саҳми соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, саноат, хизматрасонии молиявӣ ва савдо зиёд буда, аз ҳисоби субектҳои СХМ дар ин соҳа машғул буда, ба буҷети маҳаллӣ 1737,5 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки ин 38,2 %-и қисми даромади буҷети ноҳияро ташкил медиҳад.

Рушд наёфтани бисёр намудҳои соҳибкорӣ, ки ба хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот машғуланд, ба нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкорон ва арзиши гарони содироти маҳсулот ба бозори беруна марбут мебошад. Баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти ноҳия ва некӯаҳволии аҳолии он инчунин, ба ҳалли мушкилиҳои таъмини нуқтаҳои аҳолинишин бо нерӯи барқ, ба рушди энергетикаи хурду ғайрианъанавӣ, бунёди инфрасохтор, низоми боэътимоди нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ вобаста мебошад. Беҳтар намудани ҳолати роҳҳои мошингарди ноҳия ва роҳҳои ба ноҳияҳои ҳамсоя ва маркази вилоят пайвасткунанда, барои баровардани маҳсулоти кишоварзии дар ноҳия истеҳсолшуда ба бозорҳои беруна, аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад.

Дар ноҳия таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ оид ба тайёр намудани доруҳои мухталиф аз гиёҳҳои шифобахш, растаниҳои худрӯй ва алафҳои гуногун, барои иқтисодиёти ноҳия хеле муфид буда, инкишофи соҳаи истеҳсоли доруворӣ имконият фароҳам меорад, ки аҳолӣ аз он даромади иловагӣ гирад.

Соли 2013 ҳиссаи соҳибкории хурду миёна дар қисмати даромади буҷети маҳаллӣ 38,2 фоизро ташкил дод.

*Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби СХМ аз рӯи соҳаҳо* (*ҳазор сомонӣ*)

| *Соҳаҳо* | *Соли* 2011 | *Соли* 2012 | *Соли* 2013 | *Ҷамъ дар солҳои* 2011-2013 |
|---|---|---|---|---|
| *Кишоварзӣ* | 125213 | 129412 | 132456 | 387081 |
| *Саноат* | - | 18704 | 34563 | 53267 |
| *Сохтмон* | 80526 | 183803 | 314746 | 579075 |
| *Савдо* | 104318 | 124338 | 161894 | 390550 |
| *Нақлиёт ва алоқа* | 54863 | 62804 | 74903 | 192570 |
| *Дигар андозсупорандагон ва хизматрасонӣ* | 641570 | 670933 | 1018977 | 2331480 |

| *Ҳамагӣ*: | 1006490 | 1189994 | 1737549 | 3934023 |
|---|---|---|---|---|

Саҳми соҳибкории хурду миёна дар рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, савдо ва бунёди иншоотҳои сохтмонӣ ҳамасола афзоиш ёфта, аз ин ҳисоб буҷети маҳаллӣ ғанӣ гардида истодааст. Аз ҷумла дар давоми солҳои 2011-2013 аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ 387 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи саноат 53,2 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи савдо 390,5 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби соҳаи сохтмон 579 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид гардидааст.

Баланд бардоштани малакаю дониши соҳибкорон, дастрас гардонидани иттилооти зарурӣ оиди бозорҳои фурӯши молу маҳсулот ва тағйирёбии конюктураи он, инчунин дастрас гардонидани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон, барои рушди соҳаи СХМ такони нав мебахшад.

*Шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна*

| Соҳаҳо | 2011 | | 2012 | | 2013 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ |
| Кишоварзӣ | 27 | 5 | 28 | 5 | 23 | 6 |
| Саноат | 1 | 6 | 2 | 7 | 3 | 8 |
| Сохтмон | 2 | 2 | 2 | 3 | 2 | 4 |
| Нақлиёт ва алоқа | 3 | 32 | 3 | 34 | 4 | 36 |
| Савдо | 4 | 55 | 5 | 56 | 7 | 58 |
| Хизматрасонӣ | 3 | 29 | 6 | 30 | 8 | 31 |
| Хизмати молиявӣ | 4 | | 5 | | 6 | |
| Дигар сохторҳо | 38 | 35 | 72 | 37 | 79 | 38 |
| Ҷамъ: | 82 | 164 | 123 | 172 | 132 | 181 |
| Дар якҷоягӣ | 246 | | 295 | | 313 | |

Аз 181 субъекти соҳибкории хурди инфиродӣ 41,6 фоизаш бо патент кор мекунанд, ки ин аз маҳдуд будани миқёси фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. Мутаасифона дар соҳаҳои иқтисодиёти ноҳияи Рошткалъа таъсисёбии субъектҳои соҳибкории хурди истеҳсолӣ қариб, ки ба назар намерасад. Дар се соли охир ҳамагӣ як субъекти соҳибкории хурди истеҳсолӣ оид ба коркардӣ маҳсулоти саноатӣ таъсис ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии субъектҳои соҳибкории хурду миёна сол то сол зиёд шуда бошад, ҳам лекин ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ тамоюли ноустувори рушдро дорад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар субъектҳои СХМ гарчанде дар соли 2011 бо сабаби ба кор даромадани ҶДММ «Азиза» афзуда бошад ҳам, лекин ҳиссаи ин субъектҳо дар се соли охир тамоюли рушди ноустувор дорад, зеро фаъолияти ин ширкат бо сабабҳои объективӣ суст гашта, дар соли 2013 ҳамагӣ 6,8 фоизро аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ташкил кардани субъектҳо СХМ нокифоя будани нақши онҳоро дар таъмини бозори дохила бо маҳсулоти саноатӣ нишон медиҳад.

Корхонаҳои саноатӣ, ки ба субъектҳои СХМ дохил мешаванд, дорои таҷҳизоти технологӣ мебошанд, аммо дар зери таъсири манфии якчанд омилҳо (фарсуда ва кӯҳна будани таҷҳизотҳо, бунбасти коммуникатсионӣ, душвории амалиётҳои содиротӣ, ҳаҷми ками истеҳсоли маҳсулот, хароҷотҳои зиёди нақлиётӣ, норасогии воситаҳои гардишӣ ва набудани сармояи зарурӣ) фаъолияташон коста шудааст ва ё аз фаъолият боз мондаанд.

Мавриди тазаккур аст, ки 82 фоизи шуғли аҳолӣ дар бахши СХМ танҳо ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд ва 18 фоизи кормандон дар соҳаҳои боқимондаи хоҷагии халқ

шуғл доранд, ки ин аз рушди нокифояи соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноату сохтмон, нақлиёту хизматрасонӣ ва савдо шаҳодат медиҳад.

Гарчанде, ки мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ ҳисоб карда шудааст, аммо дар амал дар ин соҳа соҳибкории воқеъӣ кам ба назар мерасад. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ тамоман дида намешавад, таъмини бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ номунтазам аст.

Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар шуғли аҳолӣ 86 фоиз, ҳиссаи ин соҳа дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот 24,4 фоиз ва 7,6 фоиз аз ҳаҷми умумии андозҳои воридшуда ба буҷети ноҳия аз рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Бо назардошти таҳлилу гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки раванди васеъгардонии шумораи корхонаҳои хурд, алалхусус корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ғайри қаноатбахш мебошад. Дар ноҳия шароитҳои мӯътадил ва захираҳое мавҷуданд, ки ба афзоиши шумораи корхонаҳои хурд имконият дода, барои бо молҳои ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба ин восита паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон дар ноҳия дар соли 2013 ҳамагӣ 1 субъекти соҳибкори шахси ҳуқуқӣ таъсис ёфта, ягон соҳибкори инфиродӣ фаъолияташро қатъ накардааст.

***Хизматрасониҳо дар рушди СХМ***. Дар ноҳияи ҷиҳати рушди соҳибкории хурду миёна филиалҳои ҶСК «Агроинвестбонк», филиали Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк», филиали Бонки молиявии хурди Фонди Оғохон , «Рушди Помир», филиали ҶСК «Фононбонк» фаъолият доранд.




Давоми солҳои 2011-2013 аз ҷониби бонкҳои ноҳия барои рушди соҳаи саноат ягон қарзи бонкӣ ҷудо нагардидааст. Пешниҳоди қарзҳо, махсусан қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла саноат қонеъкунанда буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, зиёд намудани ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва дарозмӯҳлат барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, алалхусус барои бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулоти саноатӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа маҳсуб меёбад.

Тӯли се соли охир (солҳои 2011-2013) барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия ва беҳбудии фазои соҳибкорӣ аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ дар маҷмӯъ беш аз 21285715 сомонӣ қарз дода шудааст, ки аз ин 638237 сомонӣ ё 3% ба соҳаи кишоварзӣ, 885906 сомонӣ ва ё 4,2% ба соҳаи сохтмон, 10354268 сомонӣ ва ё 48,6% барои рушди соҳибкорӣ ва 9407305 сомонӣ ва ё 44,2% ба дигар соҳаҳо ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ рост меояд.

Илова бар ин соли 2013 ба воситаи бонкҳо аз хориҷи кишвар ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба андозаи 17,2 млн. долари ИМА ва 4,8 млн. рубли Руссия ворид гаштааст.

Соҳибкорони ноҳияи Рошткалъа ба маблағҳои қарзии имтиёзноку дарозмӯҳлат ва грантҳо, ба кӯмаки техникию машваратӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес, курсҳои донишомӯзии менеҷмент ва маркетинг, дастрас намудани таҷҳизоти лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ, ҳамзамон ба дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон (бизнес инкубаторҳо) ниёз доранд.

*Маълумот оид ба фаъолияти қарзӣ дар тӯли солҳои* 2011-2013(*сомонӣ*)

| *Номгӯи ташкилот* | *Сол* | *Маблағи умумии қарзи додашуда* | *Шумораи қарзгирандагон* | *Бахшҳо* | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | *Кишоварзӣ* | *Саноат* | *Соҳибкорӣ* | *Сохтмон* | *Дигар соҳаҳо* |
| *Филиали ҶСШК «Агроинвестбонк»* | 2011 | 957498 | 211 | --- | | 353716 | | 603782 |
| | 2012 | 1041729 | 239 | 25000 | | 446629 | | 570100 |
| | 2013 | 2324044 | 287 | 46879 | | 1000240 | | 1276925 |
| | ***Ҷамъ*** | 4323271 | 737 | 71879 | | 1800585 | | 2450807 |
| *Филиали Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк»* | 2011 | 2040900 | 198 | 219700 | | 1084500 | | 736700 |
| | 2012 | 1998800 | 221 | 274000 | | 654000 | | 1070800 |
| | 2013 | 1557500 | 245 | 72658 | | 21350 | | 1463492 |
| | ***Ҷамъ*** | 5597200 | 664 | 566358 | | 1759850 | | 3270992 |
| *Филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк»* | 2011 | -- | - | -- | -- | -- | -- | -- |
| | 2012 | 2100615 | 235 | -- | | 1075309 | | 1025306 |
| | 2013 | 3836071 | 205 | -- | | 1787190 | -- | 2048881 |
| | ***Ҷамъ*** | 5936686 | 440 | | | 2862499 | | 3074187 |
| *Бонки молиявии хурди Фонди Огохон «Рушди Помир»* | 2011 | 1714816 | 79 | --- | -- | 1243000 | 267016 | 204800 |
| | 2012 | 1650663 | 82 | --- | | 1017173 | 283440 | 350050 |
| | 2013 | 1250687 | 123 | --- | | 858768,5 | 335450 | 56468,5 |
| | ***Ҷамъ*** | 4616166 | 284 | --- | -- | 3118941,5 | 885906 | 611318,5 |
| *Филиали ҶСК «Фононбонк»* | 2011 | --- | -- | -- | -- | --- | --- | --- |
| | 2012 | --- | -- | -- | -- | --- | --- | --- |
| | 2013 | 812392 | 26 | | | 812392 | | |
| | ***Ҷамъ*** | 812392 | 26 | | | 812392 | | |
| ***Ҳамагӣ*** | | 21285715 | 2151 | 638237 | | 10354268 | 885906 | 9407305 |

Гарчанде ҳаҷми умумии портфели қарзҳои бонкии ба мизоҷон пешниҳодгардида солҳои охир афзуда, тартиби пешниҳоди онҳо содда шуда бошад ҳам, вале фоизи қарзҳо хеле баланд буда, ҳамчунин мӯҳлати баргардонидани онҳо кӯтоҳ буда, барои таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолии ноҳия имконият намедиҳад.

Соҳибкорон дар ноҳия яке аз нерӯҳои бузург ва созанда маҳсуб меёбанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳия вобастагии калон дорад. Айни замон, дар ноҳия имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ, иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва қувваи кории арзон мавҷуд мебошад, ки дар ин самт соҳибкорони ватанию хориҷӣ метавонанд фаъолияти худро самараноктар ба роҳ монанд. Илова бар ин, ҳоло аксари занон ва духтарон дар хона бе кор мебошанд, ки метавон онҳоро тавассути ташкили корхонаҳои нав, барқарор ва ё ба кор даровардани корхонаҳои аз кор бозмонда ва ё васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои мавҷуда ба кор ҷалб намуд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи СХМ***. Аз сабаби дурдаст ва кӯҳӣ будани ноҳияи Роштқалъа рушди СХМ бо баъзе мушкилот дучор мегардад. Бад будани ҳолати роҳҳои маҳаллӣ, нархи гарони МРМ (ГСМ), баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, набудани малакаи фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин набудани Ассотсиатсияи соҳибкорон барои имконияти ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон, дар сатҳи паст қарор доштани огоҳии соҳибкорон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо рушди соҳаи мазкурро бо монеаҳо дучор месозад. Мушкилиҳои дигаре, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна таъсири манфӣ мерасонад, ин дастрас набудани маблағҳои грантӣ барои рушди соҳибкорӣ, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва мӯҳлати кӯтоҳи истифодаи он, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо мебошад.

## БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

### 3.1. Соҳаи маориф

Маориф яке аз соҳаҳои муҳимест, ки дар пешбурди ҷомеа ҷиҳати ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Таъминоти маълумоти босифат омили муҳими расидан ба рушди устувор аст. Барои расидан ба фарогирии пурраи хонандагон ба таҳсилот дар доираи Барномаи рушди ноҳия корҳои зайлро ба сомон расонидан лозим аст: а) барқарорсозии инфраструктураи мактабӣ, таъмини мактабҳо бо гармӣ ва ҳоҷатхонаҳои алоҳида барои писарон ва духтарон; б) таъмини хонандагони ҳамаи мактабҳо бо китобҳои дарсӣ; в) сохтмони мактабҳои нав; г) ҷалби ҷомеа-волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ба идоракунии мактабҳо, ташкили таълими босифат ва таъмини фаъолияти хуби онҳо; д) ташкили мактабҳои хусусӣ ва гимназияҳо.

**Сатҳи маълумотнокии аҳолӣ**. Сатҳи маълумотнокии аҳолии ноҳияи Роштқалъа тадриҷан баланд шуда истодааст. Дар соли 2013 дар нафар теъдоди 232 нафар соҳиби маълумоти олӣ гардиданд, ки нисбат ба соли 2012 ба миқдори 19 нафар зиёдтар аст.

*Сатҳи маълумотнокӣ аз рӯи ҷинс.*

| *Сол* | 2011- 2012 | | 2012-2013 | |
|---|---|---|---|---|
| *Сатҳи маълумотнокӣ* | *Ҳамагӣ* | *Аз онҳо зан* | *Ҳамагӣ* | *Аз онҳо зан* |
| *Олии касбӣ* | 213 | 109 | 232 | 119 |
| *Миёнаи махсус* | 83 | 45 | 120 | 72 |
| *Миёна* | 201 | 89 | 161 | 86 |

Дар соҳаи маорифи ноҳияи Роштқалъа 41 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 27 муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, 9 мактаби маълумоти ибтидоӣ ва 1 мактаб-интернат фаъолият менамояд.

**Маълумоти томактабӣ**. Дар ноҳияи Роштқалъа 1 боғчаи бачагона бо фарогирии 40 нафар кӯдак ва дар назди 20 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маркази инкишофи барвақтӣ бо фарогирии 362 нафар кудакон фаъолият мекунанд. Шумораи фарогирии кӯдакон дар соли 2012 ҳамагӣ 25 нафарро ташкил медод (1 гурӯҳи кӯдакони аз 1,5 то 6 сола ), ки 10 нафарашон духтар буданд. Дар соли 2013 роҳбарияти МТМ тасмим гирифт, то шумораи фарогирии кӯдакон зиёд карда шавад ва айни ҳол ба МТМ 15 кӯдак, ки 6 нафарашон духтаранд, илова шуданд.

Дар кӯдакистони мазкур 3 нафар мураббӣ, аз ҷумла 1 нафар дорои маълумоти олӣ, ду нафарашон дорои маълумоти миёнаи педагогӣ ва дар марказҳои таълими барвақтии кӯдакон 36 нафар мурабияҳо, ки аз онҳо 16 нафар бо маълумоти олӣ ва 20 нафари дигар маълумоти миёнаи педагогӣ доранд, ба таълиму тарбияи кӯдакон машғул мебошанд. Яке аз мушкилиҳои асосӣ дар ин самти маълумоти томактабӣ норасогии бинои алоҳида бо назардошти шароити хуб ва таҷҳизоти замонавӣ, маводҳои таълимӣ ва дастрасӣ надоштанӣ мураббияҳои марказҳои таълими барвақтии кӯдакони ноҳия аз имтиёзҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷумҳурӣ мебошад. Айни замон сохтмони бинои нави кӯдакистон барои 20 нафар кӯдакон дар маркази ноҳияи Роштқалъа деҳаи Медон оғоз ёфта, дар муҳлати наздиктарин то соли 2015 ба итмом расондани он дар назар аст.

*Фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ (нафар)*

| *Нишондодҳо* | *Сол* | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | | 2012 | | 2013 | |
| | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла, духтарон* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла, духтарон* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла, духтарон* |
| *Муассисаи таҳсилоти* | 25 | 10 | 25 | 10 | 40 | 16 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *томактабии № 1 ноҳия* | | | | | | |
| *Маркаҳои инкишофи кӯдакон (Гуруҳҳои тайёрӣ)* | 221 | 118 | 330 | 170 | 362 | 185 |
| *Ҳамагӣ* | 246 | 128 | 355 | 180 | 402 | 201 |

Дар ноҳия соли 2013 беш аз 2457 нафар кӯдакони синну соли томактабӣ (3-6 сола) сабаби норасогии муассисаҳои томактабӣ танҳо 16,2 фисади онҳо ба тарбия фаро гирифта шудаанду халос. Ташкил намудани инфрасохтори зарурӣ ва фарҳам сохтани шароити мусоид барои беҳтар намудани ҳолати мавҷудаи фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи Барномаи рушди ноҳияи Роштқалъа ба ҳисоб меравад.




***Маълумоти миёна***. Шумораи умумии хонандагон дар солҳои хониши 2013-2014 - 4266 нафарро ташкил дода, аз ин 2119 нафар ё 49% духтарон мебошанд. Аз шумораи умумии хонандагон 2365 нафар 55,4% дар бастии аввал ва 1901 нафар 44,6% дар бастии дуюм таҳсил менамоянд.

*Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии ноҳия (нафар)*

| *Синфҳо* | *Соли хониши* 2011-2012 | | | | *Соли хониши* 2012-2013 | | | | *Соли хониши* 2013-2014 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Ҳамагӣ (нафар)* | *писарон* | *духтарон* | *% духтарон* | *Ҳамагӣ (нафар)* | *писарон* | *духтарон* | *% духтарон* | *Ҳамагӣ (нафар)* | *писарон* | *духтарон* | *% духтарон* |
| *Тайёрӣ* | 363 | 182 | 181 | 0,49 | 346 | 175 | 171 | 0,49 | 382 | 192 | 190 | 0,50 |
| 1 | 404 | 204 | 200 | 0,50 | 396 | 199 | 197 | 0,50 | 356 | 181 | 175 | 0,49 |
| 11 | 398 | 200 | 198 | 0,49 | 397 | 199 | 198 | 0,50 | 400 | 202 | 198 | 0,49 |
| 111 | 361 | 180 | 181 | 0,51 | 375 | 199 | 176 | 0,50 | 373 | 188 | 185 | 0,49 |
| 1V | 333 | 173 | 160 | 0,48 | 349 | 175 | 174 | 0,50 | 373 | 188 | 185 | 0,49 |
| *Ҳамагӣ* 1-1V | 1859 | 939 | 920 | 0,49 | 1863 | 947 | 916 | 0,49 | 1901 | 960 | 941 | 0,49 |
| V | 329 | 163 | 166 | 0,51 | 316 | 160 | 156 | 0,49 | 341 | 173 | 168 | 0,49 |
| V1 | 347 | 173 | 174 | 0.50 | 321 | 161 | 160 | 0,50 | 313 | 148 | 165 | 0,52 |
| V11 | 434 | 224 | 210 | 0.48 | 329 | 166 | 163 | 0,50 | 308 | 156 | 152 | 0,49 |
| V111 | 455 | 227 | 228 | 0.50 | 423 | 213 | 210 | 0,50 | 324 | 164 | 160 | 0.49 |
| 1*X* | 338 | 190 | 148 | 0,44 | 432 | 223 | 209 | 0,48 | 410 | 207 | 203 | 0,49 |
| *Ҳамагӣ* V-1*X* | 1903 | 977 | 926 | 0,47 | 1821 | 923 | 898 | 0,49 | 1696 | 850 | 846 | 0,50 |
| *X* | 310 | 160 | 150 | 0,48 | 292 | 147 | 145 | 0,50 | 398 | 201 | 197 | 0,49 |
| *X*1 | 344 | 174 | 170 | 0,49 | 291 | 149 | 142 | 0,48 | 271 | 136 | 135 | 0,50 |
| *X*-*X*1 | 654 | 334 | 320 | 0,49 | 583 | 296 | 287 | 0,49 | 669 | 337 | 332 | 0,49 |
| *Ҳамагӣ* | 4416 | 2240 | 2166 | 0,49 | 4267 | 2166 | 2101 | 0,49 | 4266 | 2147 | 2119 | 0,49 |

Дар мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Роштқалъа сатҳи фарогирии хонандагон 100 %-ро ташкил медиҳад, аммо баъди хатми синфи 9 ба ҳисоби миёна 13 хонанда, аз ҷумла духтарон, аз мактаб мераванд.




Сабаби асосии коҳиш ёфтани шумораи духтарони дар синфҳои болоӣ ба он алоқаманд аст, ки гурӯҳе аз хонандагон баъди хатми таҳсилоти асосӣ, мактабро тарк мекунанд, як қисми онҳо ба дигар муассисаҳои таълимии кишвар дохил гардида, баъзеи дигар ҳамроҳи падару модарон берун аз ҳудуди ноҳия (муҳоҷирати дохилӣ) мераванд.

Ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2010 №244 "Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд" ва дар ин замина беҳтар намудани дараҷаи фарогирии кӯдакони оилаҳои камбизоат ба мактаб тибқи маълумоти расмӣ дар ноҳия дар се соли охир (солхои 2011-2013) аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба 20% ё 3597 нафар хонандагон ба маблағи умумии 20729 сомонӣ ё ба ҳар як хонанда 20 сомонӣ ҷубронпулӣ дода шудааст, аз ҷумла:

- Ба 281 нафар хонандагони ятиммондаи бо як волидайн.
- Ба 920 нафар хонандагоне, ки волидайнашон маъюб мебошад.
- Ба 6 нафар хонандагони бе падару модар (ятими кулл).
- Ба 2020 нафар хонандагоне, ки волидонашон бо кор таъмин нестанд.
- Ба 363 нафар хонандагоне, ки аз оилаҳои камбизоатанд.
- Ба 7 нафар хонандагоне, ки аз оилаҳои серфарзанданд (беш аз 5 кӯдак).

Бо мақсади беҳтар намудани низоми идоракунӣ дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Рошткалъа ҳоло 34 адад ассотсиатсияи волидайну омӯзгорон (АВО) ва 7 кумитаи падару модарон ва омӯзгорон (КПМО) фаъолият менамояд. Ҳадафи асосии ташкили чунин сохторҳо, ин ҷалби бештари падару модарон ба ҳалли мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи маориф мебошад.

***Таълимот дар интернатҳо***. Дар ноҳия 1 интернат (дар назди мактаб №26) фаъолият менамояд, ки фарогирии умумии он 55 нафарро ташкил медиҳад.

*Шумораи тарбиятгарон дар интернати наздимактабии ноҳияи Рошткалъа*

| | *Соли* 2011 | | | | *Соли* 2012 | | | | *Соли* 2013 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Ҳамагӣ (нафар)* | *писарон* | *духтарон* | *% духтарон* | *Ҳамагӣ (нафар)* | *писарон* | *духтарон* | *% духтарон* | *Ҳамагӣ (нафар)* | *писарон* | *духтарон* | *% духтарон* |
| *Интернати назди мактаби* №26 | 55 | 28 | 27 | 49% | 55 | 28 | 27 | 49% | 55 | 24 | 31 | 57% |

Шумораи умумии кормандон дар интернати мазкур 13 нафарро ташкил медиҳад, аз ин шумора 4 нафар дорои маълумоти олӣ (6 мураббӣ ва1 сармураббӣ) ва 6 нафари дигар ҳайати хизматрасон мебошанд.




Қатъи назар аз он, ки маблағгузории интернати мазкур дар соли 2013 дар қиёс ба соли 2010 ба 77,6 ҳазор сомонӣ ва ё 52,6 фоиз зиёд шуда бошад ҳам, мутаассифона ин наметавонад мушкилиҳои мавҷудаи муассисаи мазкурро ба пуррагӣ бартараф намояд. Таъмирталабии биноҳои муассисаи мазкур, норасогии маводи хӯрока, мушкилиҳои асосии интернат мебошанд.

***Шаклҳои нави идоракунӣ***. Гузаштан ба низоми нави маблағгузории соҳа, яъне маблағгузории сарикасӣ бо мақсади таъминоти нисбатан самарабахши истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ташкили шароит барои устувории фаъолияти муассисаҳои таълимоти умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар дабистон равона карда шудааст. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007 таҳти №350 “Дар бораи маблағгузории меъёри (сарикаси)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ” дар ноҳияи Роштқалъа 41 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 27 мактаби таҳсилоти асосӣ, 9 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ ва 1 мактаб-интернат ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории сарикасӣ гузаронида шуд.




Аз моҳи августи соли 2010 сар карда бевосита ба шӯъбаи маориф, раёсати молия ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои гузаштан ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) кӯмаку дастгирии техникӣ намуда, мутахассисон ва муҳосибони ин муассисаҳоро бо маводи корӣ (қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону дастурҳои Вазорати маорифу молия, низомномаи баҳисобгирии муҳосибавӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва бо дигар маводҳои зарурӣ) таъмин намуд.

Аз соли 2010 дар назди муассисаҳои таълимии ноҳия ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва комитети падару модарон (ташкилотҳои ҷамъиятӣ) фаъолият

менамоянд, ки ин вазъи таълиму тарбияро беҳтар намуда, имкониятҳои ин муассисаҳоро васеъ мекунад. Маблағҳо аз ҳисоби ташкилотҳои байналмиллалӣ, шахсони алоҳида ва корхонаю ташкилотҳои хайрхоҳ тавассути ин ташкилотҳо ба мактаб ворид карда шуда, онҳо инчунин дуруст сарф карда шудани ин маблағҳоро мунтазам назорат менамоянд.

Дар маҷмӯъ дар соли 2013 хаҷми умумии хароҷоти соҳаи маориф дар буҷети маҳаллӣ 9162,6 ҳазор сомониро ташкил дода, ҳиссаи он дар сохтори хароҷоти буҷети маҳаллӣ 61,6 фоизро ташкил медиҳад.




Гарчанде, ки маблағгузории соҳаи маориф солҳои охир тамоюли афзоишро дошта бошад ҳам, муттаасифона он барои пурра бартараф намудани мушкилоти муҳими соҳа нокифоя аст. Бо сабаби кам будани шумораи хонандагон дар баъзе мактабҳои ноҳия маблағи дар харҷнома пешбинишудаи муассисаҳои таълимӣ (махсусан дар муассисаҳои ибтидоӣ ва умумии асосӣ) ба ғайр аз маоши коркунони мактаб барои дигар хароҷотҳо намерасад. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муассисаҳои таълимӣ бояд фақат ба маблағҳои буҷети давлатӣ умед набаста, балки инчунин ба маблағгузории бисёршабакавӣ гузаранд, яъне аз ҳисоби ташкил кардани таълими иловагии пулакӣ, гузаронидани курсҳо барои дохилшавандагон ба мактабҳои олӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ташкил ва рушди инфрасохтор аз ҳисоби ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва хусусие, ки буҷети муассисаҳои таълимиро ғанӣ мегардонанд.

***Таъминот бо омӯзгорон***. Шумораи умумии омӯзгорон дар муассисаҳои таълимии ноҳия ҳамагӣ 720 нафар буда, аз ин шумора 430 нафар ё 59,7 фоизаш занҳо мебошанд. Сатҳи маълумотнокии ҳайати омӯзгории мактабҳои ноҳия тамоюли болоравӣ дорад. Қисми зиёди омӯзгорон маълумоти олӣ доранд (69,1%).

*Шумораи омӯзгорони ноҳияи Роштқалъа (нафар)*

| ***Солҳо*** | 2011-2012 | 2012-2013 | 2013-2014 |
|---|---|---|---|
| *Шумораи умумӣ* | 748 | 705 | 720 |
| *Аз ҷумла занҳо* | 439 | 430 | 430 |
| *Бо маълумоти олӣ* | 482 | 462 | 498 |
| *Аз ҷумла занҳо* | 267 | 269 | 287 |
| *Бо маълумоти олии нопурра* | 60 | 50 | 52 |
| *Аз ҷумла занҳо* | 40 | 30 | 29 |
| *Бо маълумоти миёнаи махсус* | 163 | 154 | 153 |
| *Аз ҷумла занҳо* | 109 | 105 | 105 |
| *Бо маълумоти миёнаи умумӣ* | 43 | 41 | 17 |
| *Аз ҷумла занҳо* | 23 | 24 | 9 |
| *Муаллимони аз коррафта* | 87 | 62 | 37 |
| *- аз он ҷумла, занҳо* | 47 | 35 | 21 |
| *Норасоии кадрҳо* | 38 | 24 | 10 |

Аз шумораи умумии омӯзгорон 498 нафар (287 нафар зан) дорои маълумоти олӣ, 52 нафар (29 нафар зан) дорои маълумоти олии нопурра, 153 нафар (105 нафар) дорои маълумоти миёнаи махсус, 17 нафар (9 нафар зан) дорои маълумоти миёнаи умумӣ мебошанд.

Дар соли хониши 2013-2014 шумораи омӯзгорон нисбат ба соли хониши 2012-2013 15 нафар зиёд гардиданд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, дар ноҳия норасогии кадрҳои баландихтисоси омӯзгории забонҳои хориҷӣ (англисӣ) мушоҳида карда мешавад. Норасоии омӯзгорони касбӣ махсусан дар мактабҳои ҷамоати деҳоти Сежд ба назар мерасад. Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин аз кор рафтани муаллимони баландихтисос, хусусан дар деҳот мебошад. Сабаби асосии аз кор рафтани мутахассисони соҳа, паст будани музди меҳнат, суст будани дастгирии моддию маънавӣ, ба дигар корҳои даромаднoктар ва ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани онҳо мебошад. Дар солҳои 2010 -2013 зиёда аз 79 нафар кадрҳои маҳаллии ноҳияи Роштқалъа мактабҳои олии кишварро хатм намудаанд, мутаассифона танҳо 24 нафар ба маҳалли худ баргашта бо ҷои кори доимӣ таъмин шудаанд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат ва кам будани ҳавасмандгардониҳои моддию маънавӣ, на ҳама вақт кадрҳои маҳаллӣ ба зодгоҳи худ барои давом додани фаъолияти минбаъда бар мегарданд.

***Маълумоти фарогир***. Дар ноҳияи Роштқалъа 190 нафар кӯдаки маъюб (105 духтар), 281 нафар ятимон (144 духтар) ба қайд гирифта шудаанд, ки ҳамаи онҳо ба таълим фаро гирифта шудаанд. Як нафар кӯдаки маъюб дар хона таълим гирифта истодааст. Дар ноҳияи Роштқалъа ба ҳолати 31 декабри соли 2013 ҳамагӣ 190 нафар кӯдакони маъюб (аз ҷумла 105 нафар духтарон) ва 281 нафар ятимон (144 духтар) ба қайд гирифта шудаанд. Аз шумораи умумии кӯдакони маъюби синни мактабӣ танҳо 1 нафар дар хона таълим гирифта истодааст. Сабаби асосии пурра ба таълим фаро гирифта нашудани кӯдакони маъюб, ин шароити номусоиди таълимӣ, аз ҷумла набудани базаи моддию техникии лозима дар муассисисаҳои таълимӣ, норасогии мутахассиссони баландихтисоси соҳа, шароити вазнини оилавӣ ва пурра ҷорӣ нагардидани низоми таълимоти фарогир дар ноҳия, норасогии асбобу таҷҳизотҳои махсусгардонидашуда, таваҷҷуҳи сусти аҳли ҷомеа дар бартарафсозии мушкилиҳои мавҷуда, набудани инфрасохтори лозима, робитаи сусти сохторҳои дахлдор оид ба ҳамкорӣ бо кӯдакони дорои имконияти маҳдуд, норасогии воистаҳои таълимии ташаккули зеҳнӣ (бозичаҳои махсус барои рушди нерӯи зеҳнӣ, асбоҳои машқӣ ва ғайра), пешниҳод нашудани маълумот оиди шумораи кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд аз ҷониби волидайн (бо сабабҳои шарм кардан ва ё нофаҳмӣ ва ғайра) ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, аз ноҳияи Роштқалъа бисёрии кӯдакони имконияти зеҳниашон суст ба мактаб интернатҳои махсуси ҷумҳуриявӣ фаро гирифта нашудаанд. Гузаронидани корҳои тарғиботию ташфиқотӣ дар байни аҳолӣ ва сохторҳои дахлдор (ки сиёсати соҳаро пеш мебаранд), ҷиҳати фарогирии бештари кӯдакони маъюб ба таҳсил ва дар ин замина муҳайё намудани шароити мусоид ва пешгирии поймолкунии ҳуқуқи кӯдакони маъюб, яке аз вазифаҳои асосии соҳа маҳсуб меёбад.

***Маълумоти берунazмактабӣ***. Дар 13 муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 18 маҳфили фаннӣ бо фарогирии 421 хонанда (219 духтар), фаъолият мекунанд.

***Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ***. Дар ноҳияи Роштқалъа барои татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 № 436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008 – 2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд. Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта дар соли 2014 дар доираи Барномаи мазкур, сохтмони биноҳои мактаби асосии №1 дар деҳаи Хабост ва мактаби №8 дар деҳаи Реҷист ба нақша гирифта шудааст. Таи солҳои 2015-2016 бошад сохтмони бинои мактабҳои миёнаи №41 дар деҳаи Ҷавшангоз ва №19 дар деҳаи Парзудҷ ҷамоати деҳоти "М.Миршакар", сохтмони синфхонаҳои иловагӣ дар мактаби №23 деҳаи Бароҷ ба нақша гирифта шудааст. Мушкилоти асосие, ки ба рушди минбаъдаи инфрасохтории соҳа монеа гардида истодааст, ин дар ҳолати садамавӣ қарор доштани бинои мактаби №37 дар

деҳаи Советобод ва ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доштани бинои мактабҳои №12 дар деҳаи Лангар ва ғайра мебошад.

***Дастрасӣ ба технологияи компютерӣ***. Дар мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Роштқалъа 333 адад компютер ва 58 адад принтер мавҷуд аст. Мушкилии асосӣ дар он аст, ки қисми зиёди компютерҳои мактабҳои ноҳия ба таъмир эҳтиёҷ доранд. Новобаста аз оне, ки дар назди шӯъбаи маорифи ноҳия маркази хизматрасонии техникии муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия таъсис дода шуд, аммо бинобар сабаби нокифоягии воситаҳои молиявӣ ва қисмҳои эҳтиётии лозима, маркази мазкур наметавонад мушкилоти мавҷударо сари вақт бартараф намояд.

***Иштироки хонандагон дар олимпиадаҳо***. Ҳамасола хонандагони мактабҳои ноҳияи Роштқалъа дар олимпиадаҳои сатҳҳои гуногуни минтақавӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок мекунанд.

*Иштироки хонандагон дар олиппиадаҳои сатҳҳои гуногун дар солҳои* 2012-2014

| ***Нишондиҳандаҳо*** | ***Солҳо*** | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| *Ҳамагӣ иштирокчиён* (*аз онҳо духтарон*) | 233 (129) | 234 (135) | 239 (145) |
| *Ишғолкардагони ҷойҳои* 1-3 (*аз онҳо духтарон*) | 105 (62) | 108 (67) | 112 (70) |

***Низоми таъминоти мактабҳо бо оби нӯшокӣ ва гармӣ***. Бо сабаби солҳои дароз истифода гардидани қубурҳои обгузар дар аксарияти мактабҳои ноҳия аз кор баромадани системаи таъминоти оби нӯшокӣ ба назар мерасад. Таъминоти гармӣ дар мактабҳои ноҳияи Роштқалъа аслан тавассути бухориҳои (печкаҳои) аловӣ сурат мегирад. Дар баробари ин, бо назардошти сол то сол зиёд гардидани талабот ба осоишгоҳҳо ва фароғатгоҳҳо, дар ноҳия барои хонандагон ташкил намудани лагерҳои тобистона зарур мебошад.

***Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус***. Хатмкунандагони мактабҳои ноҳияи Роштқалъа ба ҳисоби миёна 64 % ҳар сол ба муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи махсус дохил мешаванд. Инчунин 17 нафар (10%) хатмкунандаи мактабҳои ноҳия дар ҳамин муддат ба МТО- Федератсияи Русия ва 7 нафар (5%) ба МТО-и Қирғизистон дохил шуданд.




Тибқи нақшаи корӣ ҳамасола тавассути квотаи Президентӣ хонандагони лаёқатмандӣ ноҳия ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ қабул карда мешаванд. Аз соли 2012 то 2014 ба мактабҳои олӣ аз рӯи квота 60 нафар дохил шудаанд, ки аз ин 36 нафарашон духтар мебошанд. Сол то сол шумораи нафароне, ки тибқи квота дохил мешавад, зиёд шуда истодааст. Қисми зиёди онҳо (ба ғайр аз соҳаи маориф) ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд ё аз руи касбашон фаъолият намекунанд. Тибқи нақшаи дурнамои соли 2014 дар асоси квота қабули 21 нафар хонандагон ба мактабҳои олӣ кишвар дар назар дошта шудааст, ки аз ин 11 нафар духтар мебошанд.

*Дурнамо*. Бо назардошти суръати афзоиши аҳолии ноҳияи Роштқалъа дар соли 2019 нисбат ба соли 2014, шумораи кӯдакони синни томактабӣ ба 11,2 фоиз зиёд хоҳад шуд. Соли 2019 фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ аз шумораи умумии кӯдакони синни томактабӣ бояд аз 2,8 фоиз то 5,3 фоизро ташкил намояд. Дар доираи БРН ба нақша гирифта шудааст, ки соли 2019 дар муассисаҳои томактабӣ 94 ҷойҳои иловагӣ ташкил намуда, шумораи кӯдакони синни мактабӣ 9,2 фоиз зиёд мегардад ва мувофиқи он, ташкили ҷойҳои хонандагон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ бояд 9,3 фоиз зиёд гардад.

*Номгӯй ва ҳолати муассисаҳои таълимии ноҳияи Роштқалъа*

| Номгӯи муассисаҳои таълимӣ | солҳо | | | | | | | | | Ммавҷуд будани таъминоти об (бо %) | Мавҷуд будани канализатсия (бо %) | Таъминот бо компютерҳо (бо %) | Таъминот бо мебел (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | | | 2013 | | | 2014 | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | Ҳамагӣ шумораи хонандагон | Аз онҳо духтарон | Ҳамагӣ | Ҳамагӣ шумораи хонандагон | Аз онҳо духтарон | Ҳамагӣ | Ҳамагӣ шумораи хонандагон | Аз онҳо духтарон | | | | |
| *Миёна* | 23 | 3391 | 1717 | 24 | 3322 | 1706 | 25 | 3460 | 1728 | 40 | _ | 95 | 70 |
| *Асосӣ* | 11 | 835 | 403 | 10 | 691 | 345 | 9 | 691 | 345 | 35 | - | 92 | 60 |
| *Ибтидоӣ* | 7 | 129 | 54 | 7 | 115 | 45 | 7 | 115 | 45 | - | - | 50 | 55 |
| *Интернат* | 1 | 55 | 19 | 1 | 55 | 20 | 1 | 55 | 20 | + | - | 50 | 60 |
| *Ҳамагӣ* | 42 | 4355 | 2174 | 42 | 4269 | 2126 | 42 | 4266 | 2118 | | | 72 | 64 |

***Мушкилиҳои асосии соҳаи маорифи ноҳия***. Дар самти маълумоти мактабӣ ҳолати ғайриқаноатбахш доштани биноҳо ва иншоотҳои баъзе муассисаҳои таълимӣ (№№37,11,12,22,19,29,30,41), набудани таҷҳизот ва кабинетҳои фаннӣ, нарасидани китобҳои дарсӣ барои синфҳои болоӣ, набудани асбобҳои аёнии дарсӣ, алоқаи сусти волидон бо мактаб, нарасидани маводҳои методӣ барои омӯзгорон аз мушкилоти асосӣ ба шумор меравaнд. Ба ғайр аз ин, дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ (асосан, вақте, ки дар мавсими зимистону баҳор барфу боронҳои шадид онҳоро касногузар мекунанд), набудани пулҳои хурди роҳгузар бо давомоти хонандагони асосан синфҳои ибтидоӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз сабаби ҳолати бад доштани роҳҳои маҳаллӣ ва дур будани масофа то муассисаҳои таълимӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва болоии мактабҳои № № 3,5,23,35,38,41 бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мегарданд. Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа ва ба талаботи кунунӣ мутобиқ намудани шароити таҳсил ва сифати дониши хонандагон дар доираи Барномаи мазкур корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст ва дар робита ба ин чораҳои мушаххас пешбинӣ гардидаанд.

## 3.2. **Соҳаи тандурустӣ**

Соҳаи тандурустӣ барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола бахши муҳим ба ҳисоб меравад. Феълан, мақсади асосии соҳаи тандурустӣ паст намудани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилии вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои бо ваксина идорашаванда маҳсуб меёбад.

***Солимии модар ва кӯдак***. Саломатии аҳолӣ самти муҳими соҳаи иҷтимоии ноҳияи Роштқалъа ба ҳисоб рафта, масъалаҳои ваъзи солимии аҳолӣ дастрасӣ ва пешниҳоди

хизматрасонии босифати тиббӣ ба табақаи осебпазирӣ аҳолӣ, аз ҷумла занон ва кӯдаконро дар бар мегирад.

*Нишондиҳандаҳои асосии таваллуд ва фавти модарон дар ноҳияи Роштқалъа*

| *Нишондиҳандаҳо* | *Соли* 2011 | *Соли* 2012 | *Соли* 2013 |
|---|---|---|---|
| *Миқдори таваллудшудагон* | 420 | 451 | 448 |
| *Таваллудҳои дар муассисаҳои тиббӣ қабулшуда* | 359 | 406 | 415 |
| *Бо фоиз* | 85,5 | 90 | 8,4 |
| *Таваллуд дар хона* | 61 | 45 | 33 |
| *Бо фоиз* | 14,7 | 10 | 91,6 |
| *Фавти модар* (*шумора, шумора ба* 100 *ҳаз. з/т*) | 2 (4808) | 0 | 0 |

Дар ноҳия, нишондиҳандаҳои таваллуд дар хона ташвишовар буда, кам кардани он яке аз афзалиятҳои асосии соҳа маҳсуб меёбад. Солҳои охир нишондиҳандаи марбута тамоюли гуногун дошта, новобаста аз оне, ки он соли 2013 дар қиёс ба соли 2010 тамоюли коҳишёбӣ дорад, аммо ҳоло ҳам ин натиҷа мутахассисони соҳаро қонеъ карда наметавонад. Новобаста аз ин, дар баъзе ҳолатҳо дар ноҳияи Роштқалъа таваллуд дар хона бо иштироки момодоя анҷом дода мешавад.

Яке аз сабабҳои асосии баланд будани нишондиҳандаҳои таваллуд дар хона дар масофаи дур ҷойгир будани деҳаҳо, суст будани дастрасӣ ба нақлиёти махсуси тиббӣ барои занони деҳоти дурдаст ва дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷойгир шудани деҳаҳои ноҳия (дар фасли зимистон баста шудани роҳҳо), дар муҳоҷират будани сарвари оила, сатҳи камбизоатии оилаҳо, норасогии мутахассисони соҳаи амрози занона ва ғайра ба ҳисоб меравад. Дар беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронаҷӣ ва тибби оилавӣ метавонад нақши калон бозад.

*Нишондиҳандаҳои камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳои ҳомила ва таваллудкарда дар ноҳияи Роштқалъа*

| *Нишондиҳанда* | *Соли* 2011 | *Соли* 2012 | *Соли* 2013 |
|---|---|---|---|
| *Шумораи занони ҳомила ва таваллудкарда* | 420 | 451 | 448 |
| *Камхунӣ* (*анемия*) | 0 | 14 | 33 |
| *Бо фоиз*: | 0 | 5,8 | 13,7 |
| *Норасоии йод* | 98 | 162 | 178 |
| *Бо фоиз*: | 23 | 35,9 | 41,9 |

Ба бемории камхунӣ зиёд гирифтор шудани занони таваллудкардаистода ба иттилооти кам доштани онҳо оид ба пешгирии ҷоғар ва камхунӣ, вазъияти бади иҷтимоӣ (аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ) вобаста аст.

Сабаби асосии мавҷудияти омилҳои мурдатаваллудро мутахассисони соҳа дар норасогии кадрҳои баландихтисоси момодоягӣ, сари вақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, пинҳон доштани ҳомиладорӣ, риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, дастрасии нокифояи занон ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл ва сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва ғайра арзёбӣ менамоянд. Феълан, бо мақсади кам кардани омилҳоии мурдатаваллуд аз ҷониби мутахассисони соҳа, чораҳои зарурӣ дар самти гузаронидани чорабиниҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар байни аҳолӣ, семинар машваратҳои омӯзишӣ дар байни кормандони соҳа ва ҷомеа, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ роҷеъ ба сари вақт гузаронидани ташхис, риояи қоидаҳо ва фосилаи байни таваллуд дар байни аҳолӣ анҷом дода мешавад.

Новобаста аз оне, ки солҳои охир дар ноҳияи Роштқалъа сатҳи бемориҳои камхунӣ ва ҷоғар коҳиш ёфта истодааст, аммо нишондиҳандаҳои ноилгардида низ

мутахассисони соҳаро қонеъ карда наметавонад. Аслан, сабаби асосии гирифтории занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагенеталӣ (аз ҷумла, бемориҳои гурда, камхунӣ ва ҷоғар), сариваќт ба табибон мурочиат накардани онҳо ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, дастрасии нокифояи занон ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл ва сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ, банақшагирии сусти оила, сари вақт пешгирӣ нашудани касалиҳо ва истеъмоли ғизои нососолим, ғайриқаноатбахш будани сифати маҳсулоти хӯрокворӣ ва паст будани сатҳи камбизоатӣ мебошад.

*Сатҳи фавти кӯдакон дар ноҳияи Рошткалъа дар давоми солҳои* 2011-2013

| *Нишондиҳандаҳо* | *Соли* 2011 | *Соли* 2012 | *Соли* 2013 |
|---|---|---|---|
| *Шумораи таваллуд* | 420 | 451 | 448 |
| *Аз ҷумла, дар муассисаҳои тиббӣ* | 359 | 406 | 415 |
| *Дар хона* | 61 | 45 | 33 |
| *Фавти кӯдакони то* 5 *сола* (*аз рӯи* 1000 *з/т*) | 4 | 2 | 0 |
| *Бо ҳисоби фоиз* (%) | 9,6 | 4,5 | |
| *Фавти кӯдакони то* 1 *сола* (*аз рӯи шумора* 1000 *з/т*) | 8 | 5 | 1 |
| *Бо ҳисоби фоиз* (%) | 19,2 | 11,5 | 2,3 |

Хушбахтона дар ноҳияи Рошткалъа теъдоди фавти кӯдакон сол ба сол кам шуда истодааст. Аз рӯи маълумоти соҳаи тандурустии ноҳия сабаби асосии паст шудани фавти кӯдакони навзод бо беҳтар гардидани хизматрасонии тиббӣ ва нигоҳ доштани фосилаи таваллуди кӯдакон алоқаманд мебошад.

*Сатҳи паҳншавии бемориҳо дар байни кӯдакон.*

| *С о л* | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|
| *Шумораи кӯдакони то* 14-*сола* | 5760 | 5753 | 5711 |
| *Бемориҳои шадиди роҳи нафас* (*БШРН*) | 2930 | 2628 | 2272 |
| *Дар промиле* | 508,6 | 456,8 | 397,8 |
| *Дарунравӣ* | 219 | 299 | 486 |
| *Дар промиле* | 38,2 | 51,9 | 85,0 |
| *Шумораи кӯдакони то* 5 *сола* | 2517 | 2548 | 2579 |
| *БШРН* | 1582 | 1538 | 1354 |
| *Дар промиле* | 628.5 | 603.6 | 525.0 |
| *Дарунравӣ* | 127 | 179 | 326 |
| *Дар промиле* | 50.4 | 70.2 | 240.2 |
| *Шумораи кӯдакони то* 1 *сола* | 415 | 458 | 450 |
| *Гипотрофия* | 86 | 79 | 90 |
| *Дар промиле* | 207.2 | 172.4 | 200 |
| *Камхунӣ* | 133 | 141 | 209 |
| *Дар промиле* | 320.4 | 307.8 | 464.4 |

Дар байни кӯдакони ноҳияи Рошткалъа бемории БШРН коҳиш ёфта бошад, ҳам афзоиши касалии дарунравӣ ба назар мерасад, ки ин ба сатҳи пасти шароити ҳаётиву иҷтимоӣ, инчунин ба беҳтаршавии низоми бақайдгирии бемориҳо алоқаманд аст.

Дар ноҳия барномаи давлатӣ бо дастгирии фонди Оғохон «Афзоиш ва инкишофи кӯдак» амалӣ шуда истодааст, ки дар натиҷа системаи назорат аз болои афзоиш ва инкишофи кӯдакони то 3 сола ба танзим дароварда шуд. Дар ин асос, тамоилҳои дигар дар рушд сари вақт муайян шуда, барои дур кардани онҳо чораҳои мушаххас андешида мешаванд.

***Бемориҳои сироятӣ***. Мубориза ба муқобили бемориҳои сироятӣ яке аз масъалаҳои муҳими ноҳия ба ҳисоб рафта, аз сабаби коҳиш ёфтани маблағгузорӣ ва кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизоти озмоишӣ ва набудаи бинои озмоишгоҳ дар беморхонаи марказӣ ва маркази саломатии ноҳиявӣ имкониятҳои пурра пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ ва сари вақт муайян намудани ҳамаи бемориҳо душвор мегардад. Сабабҳои паҳншавии бемориҳои сирояткунанда инҳоянд: сатҳи паст огоҳии аҳолӣ дар бораи пешгирии бемориҳои сирояткунанда, саривақтӣ набудани ташхиси бемориҳо, нагузаронидани корҳои безараргардонии пешгирикунанда дар соҳилҳои дарёи Шоҳдара, ҳавзҳо, заҳбуру заҳкашҳо ва ғайраҳо, набудани таҷрибаи ба ҳисобгирӣ ва эмкунии сагҳо дар хадамоти бойторӣ, норасоии маблағ дар буҷети оилавӣ ва хароҷоти зиёд барои муолиҷа.

*Тамоюли бемориҳои сирояткунанда.*

| *Нишондиҳандаҳо* | *Соли* 2011 | *Соли* 2012 | *Соли* 2013 |
|---|---|---|---|
| *Шумораи ҳолатҳои бақайдгирифтаи сил* | 21 | 29 | 43 |
| *ба* 10 *ҳазор аҳолӣ* | 8.8 | 12.1 | 17.9 |
| *Гельминтоз* | 801 | 820 | 1145 |
| *ба* 10 *ҳазор аҳолӣ* | 91.9 | 51.9 | 27.0 |
| *Гепатит* | 43 | 70 | 72 |
| *ба* 10 *ҳазор аҳолӣ* | 18.1 | 29.3 | 30.0 |
| *Вараҷа* | 0 | 0 | 0 |
| *ба* 10 *ҳазор аҳолӣ* | 0 | 0 | 0 |
| *Ҳолатҳои ба қайд гирифташудаи ВМНО/СПИД* | 6 | 6 | 6 |
| *ба* 10 *ҳазор аҳолӣ* | 2.5 | 2.5 | 2.5 |
| *Домана* | 0 | 4 | 1 |
| *ба* 10 *ҳазор аҳолӣ* | 0 | 1.6 | 0.4 |
| *Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо* | 0 | 0 | 0 |
| *ба* 10 *ҳазор аҳолӣ* | 0 | 0 | 0 |
| *Аҳолии умумӣ* | 23717 | 24882 | 26461 |

Дар ноҳия дар байни бемориҳои ғайрисироятӣ бештар бемории дил, меъда, бемориҳои рӯда, саратон, диабети қанд, ҷоғар ва ғайраҳо паҳн шуда истодаанд. Айни замон бо мақсади пешгирӣ ва бартарафсозии бемориҳои сирояткунанда ва дигар бемориҳо, такмили сатҳи дониши мутахассисони соҳа дар ноҳия, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои тиббӣ, сари вақт муайян намудани бемориҳои сирояткунанда 19 барномаи соҳавӣ татбиқ мешавад:

- Барномаи ташхис ва муолиҷаи бемориҳои узвҳои ҳозима.
- Барномаи миллии ҳимояи аҳолиназ бемории сил.
- Барнома оиди чораҳои рушди донори ва такмили фаъолияти хадамоти хун.
- Барномаи тасдиқи стратегияи миллии солимии аҳолӣ.
- Барномаи ҳифзи саломатии модарон.
- Барномаи ба муқовимат бо эпидемияи ВНМО.
- Барномаи пешгирӣ ташхис ва табобати бемориҳои модарзодии тарбоди дил.
- Барномаи миллии иммунопрофилактика.
- Барномаи миллии пешгирии осеббардорӣ ва такмили кӯмаки тиббӣ.
- Барномаи пешгири ва муолиҷаи диабети қанд.
- Барномаи рушди саломатии кӯдакон ва наврасон.
- Барномаи дурнамои пешгирии назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ.
- Барномаи миллии пешгири ва табобати бемориҳои саратон.
- Барномаи пешгири, ташхис ва муолиҷаи бемории ишемиявии дил.

- Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ.
- Мубориза бар зидди бемории варача.
- Барномаи ташаккули тарзи ҳаёти солим (ТТҲС)
- Барномаи мубориза бар зидди нашъамандӣ.

Солҳои охир шумораи нафарони гирифтори бемории дил, сил, бемориҳои шадиди рӯдаву меъда ва бемориҳои шадиди роҳҳои нафас, қанд, ҷоғар, саратон зиёд шудааст. Сабаби асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ ин набудани мутахассисони соҳибтаҷриба, сатҳи баланди муҳоҷирати хориҷӣ, сари вақт ташхис нашудани бемориҳо бахусус дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастнорас мебошанд (муҳоҷирони меҳнатӣ), хизматрасонии пасти рифоӣ (коммуналӣ) дар деҳот, суст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, сатҳи камбизоатии аҳолӣ, гарон будани арзиши маводҳои доруворӣ ва хизматрасонии тиббӣ маҳсуб меёбад.

***Дигар намуди бемориҳои паҳншуда***. Бемориҳои аз ҳама бештар дар байни аҳолии ноҳия паҳншуда ин фишорбаландӣ, апендитсит, санги талха, камхунӣ, газаки гурда, бемориҳои дил, диабети қанд, сил, буғумдард, кирми рӯда (гелминтоз байни кӯдакон ва наврасони синни то 14 сола), дарунравии шадид дар байни кӯдакон, гестозҳо, бемориҳои меъдаю рудаи дувоздаҳангушта, гепатит (зардпарвин), латхурӣ ва аворизи баъди таваллуд дар байни навзодон мебошад. Сабаби паҳн шудани чунин бемориҳо дар байни аҳолӣ, ин саривақт аз ташхис нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, афзоиши шумораи ҳайвоноти бемори бесоҳиби хонагӣ ва дигар омилҳо мебошанд.

***Давомнокии миёнаи умр***. Дар ноҳияи Роштқалъа нишондиҳандаҳои миёнаи давомнокии умр 68-70 сол мебошад, аз ҷумла барои мардон 60-68 сол ва барои занон 65-70 сол. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ва диққати махсус додан ба беҳтарсозии ҳолати кунунии саломатии физиологӣ ва рӯҳии аҳолӣ яке аз афзалиятҳои асосии соҳа ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, дар ҳудуди ноҳия ташкили хонаи маъюбон барои фарогирии кӯдакони маъюб ва дигар ниёзмандон шарт ва зарур мебошад.

Сабабҳои асосии фавти аҳолии ноҳия, гирифтори ба бемориҳои шадиди роҳҳои нафас, касалиҳои дилу рагҳо ва фишорбаландӣ, осебҳои гуногуни ҷисмонӣ, саратони узвҳои гуногун ва бемориҳои рӯдаю меъда мебошад.

***Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ***. Маълумотнокии аҳолии ноҳия вобаста ба пешбурди масъалаҳои тарзи ҳаёти солим, сол то сол беҳтар гардида истодааст. Дар ноҳия 60 нафар ихтиёриён дар масъалаҳои ташвиқи тарзи ҳаёти солим, эмкунии кӯдакон ва тақсимоти доруворӣ кӯмак мерасонанд. Новобаста аз ин, дар ноҳия ҳоло ҳам ҳалли масоили солимӣ, иштироки фаъоли ҷомеа дар бартарафсозии мушкилиҳои мавҷуда, дастгирии ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ қонеъкунанда нест.

***Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот***. Дар ҳудуди ноҳия 33 муассисаи тиббию профилактикӣ фаъолият мекунанд, аз ҷумла, 1 беморхонаи марказии ноҳиявӣ (БМН) (бо иқтидори 92 кат), 1 беморхонаи минтақавӣ дар деҳаи Ҷавшангоз (дорои 10 кат), 1 маркази назорати давлатии санитарию эпидемологӣ, 1 маркази саломатии ноҳиявӣ, 4 марказҳои саломатии деҳотӣ (дар деҳаҳои Тавдем, Тусиён, Занинс ва Сежд), 26 бунгоҳҳои тиббӣ ва 3 дорухона (1 адад давлатӣ ва 2 адад хусусӣ). Инчунин дар назди маркази саломатии ноҳия, маркази зидди бемориҳои сил, маркази тарзӣ ташаккули ҳаёти солим, маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, маркази эмтаъминкунӣ, маркази солимии репродуктивӣ фаъолият мекунанд. Беморхонаҳои ноҳия дар маҷмӯъ дорои 102 кат мебошанд, аз ҷумла 10 кат дар беморхонаҳои минтақавӣ ва 92 кат дар беморхонаи марказӣ.

Дар муассисаҳои тиббии ноҳия 14 духтури соҳиби маълумоти олӣ ва 107 нафар кормандони тиббӣ бо маълумоти миёна фаъолият менамоянд. Аз шумораи духтурони маълумоти олидор 4 нафарашон «Аълочии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва 1 нафар дорандаи медали «Шафқат» мебошанд.

Дар ноҳия ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ 5,3 духтур рост омада, аз воҳидҳои кориии мавҷуда бошад 52%-и он банд мебошанд. Феълан, муассисаҳои тиббии ноҳия ба 12 нафар мутахасисони касбӣ: ду нафар духтури ренгенолог, ду нафар момодоя, як нафар духтури дандон, як нафар духтури бемориҳои бачагона, як нафар ҷарроҳ, як нафар духтури касалиҳои дарунӣ, 3 нафар духтурони тибби оилавӣ, 1 нафар духтури нафрасон ва як нафар духтури бемориҳои гушу бинӣ ниёз доранд. Сабаби норасоии мутахассисон дар муассисаҳои тиббӣ ночиз будани музди меҳнат, нокифоя будани имтиёзҳо ва дигар кӯмакҳои молӣ аст. Ба афзоиши маблағгузории буҷетӣ ва кӯмаки беруна нигоҳ накарда, дар деҳаҳои дурдаст ҳанӯз ҳам сифати пасти хизматрасонии тиббӣ мушоҳида мешавад.

Дар соли 2013 аз тарафи муассисаҳои тиббии ноҳия 12 ҳазор нафар ба тариқи амбулаторӣ қабул гардида, ба 16 ҳаз. аафари дигар бошад дар хона хизматрасонии тиббӣ расонида шуд. Маркази эмтаъминкунии ноҳия ҳамаи муассисаҳои тандурустии ноҳияро бо маводҳои эмкунӣ пурра таъмин намуда, иҷрои нақшаи эмкуӣ бошад 98,2 % иҷро шудааст. Дар ин давра, аз тарафи маркази ҳамбастагии касалиҳои кӯдакона 15 нафар бо бемории исҳоли хунин, 121 нафар бо бемории камхунӣ, 25 нафар бо бемории ҷоғар, 250 кӯдак бо ташхиси бемориҳои шадиди роҳҳои нафас, 85 нафар бо бемории дарунравӣ, 92 нафар бо бемории зардпарвин, 45 нафар бо бемории кирми медаю руда ва 39 нафар бо бемории шадиди шуш ба қайд гирифта шуда, барои онҳо ба тариқи ройгон доруворӣ барои муолиҷа таъмин карда шуд.

Заминаи моддӣ-техникӣ ва инфрасохтории соҳаи тандурустии ноҳия низ хеле суст буда, аксарияти таҷҳизотҳо фарсуда гардида, то кунун дар ҳудуди ноҳия бинои ташхисгоҳ вуҷуд надорад. Ошхонаи беморхонаи маркази ноҳияи Рошткалъа ба шароити муосир мутобиқ нест ва айни замон таъмирталаб гаштааст. Илова бар ин, бунгоҳҳои саломатии деҳаҳои Рҷист ва Бодом дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, бунгоҳи саломатии деҳаҳои Вездара, Занудҷ, Бартавдем, Синдев, Хидорҷев, Себзор ва Тусиён айни замон фарсуда ва таъмирталаб мебошанд. Бунгоҳҳои тиббии деҳаи Мденвед аз сабаби набудани бино дар мактаби №28 ҷойгир гаштааст. Бо сабаби нокифоягӣ ва маҳдудияти молиявӣ, бахши тандурустии ноҳия дар бобати хариди доруворӣ, сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётии автомошинаҳои санитарӣ ва хариди маводҳои зидди сӯхтор, хариди таҷҳизоту мебел ва хариди хӯрока барои зимистонгузаронии соҳаи тандурусти танқисӣ мекашад.

*Сохтори соҳаи тандурустии ноҳияи Рошткалъа*

| *Муассисаҳои тиббии ноҳия* | 33 *адад* |
|---|---|
| *Сохтори шабакаҳои КАТС* | *Ҷамъ* 30 *муассисаи КАТС* |
| *Маркази саломатӣ* | 1 *адад дар маркази ноҳия* |
| *Марказҳои саломатии деҳот* | 4 *адад* |
| *Бунгоҳҳои тиббӣ* | 26 *адад* |
| *Пойгоҳи ёрии таъҷилӣ* | 1 *адад* |
| *беморхонаҳо* | *ҷамъ*, 2 *беморхона* |
| | 1 *беморхонаи маркази ноҳия*, 1 *беморхонаи минтақавӣ* |
| *Марказҳои ҳифзи саломатӣ* | 1 *маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона* |
| | 1 *маркази мубориза бар зидди бемории сил* |
| | 1 *маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим* |
| | 1 *маркази солимии репродуктивӣ* |
| | 1 *маркази назоратии давлатии санитарию-эпидемиологӣ* |
| | 1 *маркази имунопрофилактикӣ* |

Дар ноҳия як қатор мушкилиҳои инфрасохторӣ мавҷуданд, ки барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ монеагӣ менамоянд, аз ҷумла: мавҷуда набудани маркази хунгузаронӣ, набудани автомашинаи ҳозиразамони ёрии таъҷилӣ, бад

гардидани заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, набудани таҷҳизоти муосир дар муассисаҳои тиббии ноҳия, (дастгоҳи рентгенӣ, электрофорез, дастгоҳи ОВЧ-маҳскунанда, бронхоскоп, ФГС, дефибрилятор, ЭКГ, дастгоҳи лаборатории барои озмоишгоҳи биохимиявӣ, микроскоп, таҷҳизотҳои физиотерепевтӣ, лампаҳои тиббӣ, бормашина, асбобҳои ҷароҳии чашм) барои хизматрасонии тиббӣ.

Мувофиқиислоҳоти системаи идоракунии соҳа бахши тандурустии ноҳия барҳам дода шуда, вазифаи асосии идора ва ҳамоҳангсозии умумии фаъолияти муассисаҳои тиббӣ ба зиммаи сардухтури беморхонаи марказии ноҳия гузошта шудааст.

*Сатҳи маълумотнокии кормандони КАТС*

| *МТП* | *Шумораи кормандон* | *Бо маълумоти миёнаи махсус* | *Бо маълумоти олӣ* |
|---|---|---|---|
| *Муассисаҳои КАТС* | 88 | 79 | 8 |
| *бо* % | 36,6 | 39,9 | 3,3 |
| *Хадамоти госпиталӣ* | 49 | 42 | 7 |
| *бо* % | 20.4 | 17,5 | 2,9 |

Дар ноҳия низоми самараноки ҳавасмандгардонии кормандони тиб барои кор дар деҳот номукаммал буда, таъмини мутхассисони маҳаллӣ бо манзили истиқоматӣ ва ё участкаҳои наздиҳавлигӣ диққати махсусро талаб менамояд. Сабаби норасоии мутахассисон дар муассисаҳои тиббӣ ночиз будани музди меҳнат, нокифоя будани имтиёзҳо ва дигар кӯмакҳои молӣ аст. Ба афзоиши маблағгузории буҷетӣ ва кӯмаки беруна нигоҳ накарда, дар деҳаҳои дурдаст ҳанӯз ҳам сифати пасти хизматрасонии тиббӣ мушоҳида мешавад.

Бо мақсади рушди ояндаи соҳаи тандурустӣ дар доираи Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли минбаъда иҷрои корҳои зерин зарур мебошад, аз ҷумла, беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори мавҷуда (сохтмон ва барқарорсозии бунгоҳҳои тиббӣ, бинои ташхисгоҳ, ошхона ва ҳамом дар беморхона, бинои МЗКТ, МВНМО, пойгоҳи ёрии таъҷилӣ, ҳуҷраи физиотерепевтӣ ва ҳуҷраи ЭКГ), бо таҳҷизотҳои тиббӣ, доруворӣ ва хӯрока таъмин намудани муассисаҳои тиббии ноҳия, беҳтар намудани фаъолиятҳо дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зиддӣ бемориҳои сирояткунанда, ташкили чорабиниҳои самарабахш дар заминаи пешгирӣ ва мубориза ба ВНМО дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон, ба роҳ мондани маъракаи мубориза бо гелминтозҳо дар байни кӯдакони то синни 14 сола, таъмин намудани беморхонаҳои минтиқавӣ ва КАТС бо мошини ёрии таъҷилии муосир, таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия бо таҳҷизоти нав, таъмирталаб будани бинои ошхона, бунгоҳҳои тиббӣ, қубурҳои обтаъминкунӣ, таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия, беморхонаи марказӣ ва минтақавӣ, марказҳои КАТС бо таҷҳизоти компютерӣ ва шабакаи интернет, таъмини муассисаҳои тиббии ноҳия бо мутахассисони маълумоти олидор, сохтмони ҳамом, ошхона ва анборҳо дар беморхонаи марказии ноҳияи Роштқалъа, таъмини муассисаҳои КАТС бо биноҳои ёрирасон ва сохтмони шӯъбаи касалиҳои бачагона дорои 12 кат.

### 3.3. **Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ**

***Ҳолати кунунии соҳа***. Соҳаи иҷтимоии ноҳияи Роштқалъа аз Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, шӯъбаи ёрии иҷтимоӣ дар хонаҳо, бахши меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ иборат мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар доираи ислоҳоти соҳаи идоракунии давлатӣ аз 1 январи соли 2014 масъалаҳои меҳнат, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ ба салоҳияти Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардида, масъалаҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба салоҳияти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва масъалаҳои ҳифзи меҳнат ва ёрии иҷтимоӣ дар хонаҳо ба сохтори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон ва оила ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор гардидааст.

Ба ҳолати 1 январи соли 2014 тибқи маълумоти расмӣ, теъдоди умумии аҳолии ноҳияи Роштқалъа 26461 нафар буда, аз он 12809 нафарашон захираҳои меҳнатӣ мебошанд.

***Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ***. Ба гурӯҳи осебпазири аҳолии ноҳия нафақхӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

*Шумораи нафақахӯрон аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои* 2011-2013

| *Гурӯҳҳои осебпазир* | *Солҳо* | | | *Соли* 2013 *нисбат ба соли* 2011 *бо* % |
|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | |
| *Нафақахӯрон, аз руи синну сол* | 2116 | 2156 | 2126 | 100,4% |
| *Маъюбон, аз ҷумла* | 536 | 665 | 759 | 141% |
| *Маъюбони модарзод* | 162 | 153 | 108 | 66% |
| *Бесаробонмондагон* | 260 | 157 | 232 | 89,2% |
| *Ятими кулл* | 14 | 13 | 7 | 50% |
| ***Ҳамагӣ нафақахӯрон*** | 3088 | 3144 | 3232 | 104,6% |
| *Нафарони камбизоате, ки ҷубронпулии пардохти истифодаи қувваи барқ мегиранд.* | 3386 | 3418 | 3459 | 102,1 |

Дар ноҳияи Роштқалъа бо назардошти сатҳи бекорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаб маҳсуб меёбад.

Мувофиқи маълумоти расмӣ дар ноҳия дар соли 2013 ҳамагӣ 3217 нафар нафақахӯрон ба қайд гирифта шудаанд.

Дар ноҳияи Роштқалъа тайи солҳои 2010-2013 зиёдшавии шумораи умумии нафақахӯрон ва маъюбон ба назар мерасад. Сабаби асосии он риоя нагардидани талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба таъмини шароит ва ҳифзи меҳнат, шароити номусоиди оилавӣ, истеъмоли нодурустии ғизо мебошад. Дар ноҳия шумораи маъюбон 855 нафар буда, 26,5 фоизи шумораи умумии нафақахӯронро ташкил медиҳад. Соли 2013 дар ноҳия 9 нафар кӯдакони аз падару модар маҳрумгашта ва 433 нафар ятимоне, ки яке аз волидайнашонро гум кардаанд, ба қайд гирифта шудаанд. Дар ин самт зарур аст, ки масъулин ва мутахассисони соҳа ба ҳолати кунунии саломатии физиологӣ ва рӯҳии аҳолӣ диққати махсус диҳанд. Бахри ҳалли масъалаи мазкур, таъмир намудани истироҳатгоҳи маъюбон воқеъ дар деҳаи Занинс ва дар ноҳия бунёд намудани Хонаи пиронсолон зарур мебошад. Мутаассифона, дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ бо назардошти имкониятҳои маҳдуди молиявӣ, мушкилиҳое мавҷуданд, ки ҳаллу фасли онҳо дастгирию кӯмакҳои башардӯстонаро тақозо менамоянд. Соли 2013 дар ҷамоатҳои деҳот 4 нафар маъюбони гурӯҳҳои гуногун ба воситаҳои ҳаракаткунанда (курсӣ – аробачаҳои маъюбӣ), 9 нафар ба асобағал таъмин гардида, 22 нафари дигар барои курсӣ – аробачаҳои маъюбӣ эҳтиёҷ доранд. Инчунин дар ҳудуди ноҳия маъюбони бо воситаҳои ёридиҳанда (узвҳои сунъӣ (протез) ва айнакҳои махсус, асбобҳои шунавоӣ) эҳтиёҷ дошта зиёданд.

***Таъминоти нафақа ва дастгирии оилаҳои камбизоат***. Соли 2013 дар ноҳияи Роштқалъа маблағи талаботи моҳонаи нафақа 517250 сомониро ташкил дода, дар қиёс ба нишондиҳандаи соли 2010 ба андозаи 124972 сомонӣ ва ё 75,8 фоиз зиёд мебошад.




Яке аз омилҳои асосие, ки дар раванди афзоиши ҳаҷми пардохти нафақа таъсири мусбӣ расонидааст, ин дар заминаи рушди иқтисодиёти кишвар ва беҳтар гардидани имкониятҳои молиявӣ, интишор гардидани фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №923 аз 6 сентябри соли 2010, "Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо", №1313 аз 13 августи соли 2012 ва №1493 аз 14 августи соли 2013 "Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои соҳаи иҷтимоӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо" мебошанд.

*Ҳаҷми пардохти ҷубронпулиҳо ва нафақа дар ноҳияи Рошткалъа дар тӯли солҳои* 2010-2013 (*сомонӣ*)

| *Нишондиҳандаҳо* | *Соли* 2010 | *Соли* 2011 | *Соли* 2012 | *Соли* 2013 | *Соли* 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| *Ҷуброни қувваи барқ (сомонӣ)* | 103430 | 104823 | 105171 | 105840 | 106488 |
| - *нафар* | 3356 | 3386 | 3418 | 3459 | 3476 |
| *Ҳаҷми миёнаи нафақа (сомонӣ)* | 141,29 | 144,21 | 168,84 | 226,37 | 236,49 |

Дар соли 2013 ҳаҷми миёнаи нафақа 226,37 сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2010 ба андозаи 85,08 сомонӣ ва ё 62,4 фоиз зиёд мебошад.

***Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона***. Дар ноҳияи Рошткалъа ҷиҳати татбиқи самараноки чорабиниҳои иҷтимоии суроғавӣ шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона фаъолият менамояд, ки хизматрасонии суроғавиро ба аҳолӣ ба анҷом мерасонад. Шумораи умумии кормандони шӯъбаи мазкур 11 нафар (аз ҷумла, 8 нафарашон зан) -ро ташкил дода, аз ин шумора 6 нафарашон ба ҷамоатҳои деҳот вобаста гардидаанд. Дар соли 2013 шумораи умумии нафароне, ки ба онҳо хизматрасонии суроғавӣ дастрас гардонида мешавад 82 нафарро ташкил дода, ба онҳо 8 намуди хизматрасониҳои иҷтимоӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ, маслиҳатӣ, намояндагӣ ва роҳнамоӣ расонида мешаванд. Вале дар ноҳияи Рошткалъа шумораи ниёзмандон ба хизматрасонии суроғавӣ зиёдтар буда, ҳалли масъалаи мазкур таваҷҷӯҳи хоссаро тақозо менамояд.

*Шумораи нафарони пирони барҷомондаю ниёзманд ва яккаву танҳои ноҳияи Рошткалъа дар соли* 2013 (*нафар*)

| *Нишондиҳандаҳо* | *Шумора (нафар / кудак)* | *Маблағ (Сомонӣ)* |
|---|---|---|
| *Ҳамагӣ нафақахӯрон* | 3232 | 731658 |
| *Аз он ҷумла, нафақахӯрон аз рӯи маъюбӣ* | 857 | 180024 |
| *Нафақахӯрони меҳнатӣ* | 2797 | 663388 |
| *Маъюбони Ҷанги Бузурги Ватани* | 1 | 927 |

| | | |
|---|---|---|
| *а) аз руи синну сол* | 2143 | 488489 |
| *б) аз руи маъюби умумӣ* | 512 | 131998 |
| *в) аз руи бесаробонӣ* | 126/189 | 35029 |
| *г) барои хизматҳои дарозмуддат* | 4 | 1319 |
| *д) хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон* | 10 | 5182 |
| *ҷ) аҳамияти маҳаллӣ дошта* | 1 | 443 |
| *Нафақахӯрони иҷтимоӣ* | 435 | 68269 |
| *а) аз руи синну сол* | 2 | 394 |
| *б) аз руи маъюби умумӣ* | 51 | 5926 |
| *в) аз руи бесаробонӣ* | 89/146 | 20776 |
| *г) маъюбони аз кӯдаки аз* 18 *сола боло* | 185 | 23389 |
| *д) маъюбони аз овони кӯдаки то* 18 *сола* | 108 | 17784 |
| *Талаботи моҳонаи нафақа* (*ба* 31.12.2013) | 3232 | 731658 |

Аз 225 нафар шумораи умумии ниёзмандон, 1 нафар иштирокчии ҶБВ, 103 нафар маъюбони то синни 18 сола, 10 нафар ҷанговари интернатсионалист, 16 иштирокчиёни садамаи Чернобыл, 81 нафар шахсони яккаву танҳо ва 4 нафар нафақахурони пиронсоли ба хизматрасонӣ эҳтиёҷманд мебошанд. Дар бахши номбурда нокифоягии маблағҳои пешбинишуда ва нақлиёти хизматӣ мушкилоти соҳаро зиёдтар менамояд.

Шӯъбаи номбурда ба воситаи нақлиёт, воҳидҳои кории иловагӣ, зиёд намудани маблағгузорӣ ва бинои замонавии муҷаҳҳазгардонидашуда, эҳтиёҷ дорад.

***Шугл ва ҳифзи иҷтимоӣ***. Дар ноҳияи Роштқалъа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва бо мақсади таъмини аҳолии ноҳия бо ҷои кор, дар давоми солҳои 2011-2013 дар якҷоягӣ бо сохторҳои дахлдор 2417 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд (аз ҷумла дар соли 2013 - 1074 ҷойи нави корӣ), ки аз ин шумора 1603 нафар ё 66,3% бо ҷои кори доимӣ (аз ҷумла дар соли 2013 - 643 нафар) таъмин гардидааст халос.




Сатҳи паст ва нокифояи музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ ва соҳаҳои буҷавӣ, илова бар он мавҷуд набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, боиси тарк намудани ҷойи кор ва ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани қисми зиёди нафарони ба кор қабулшуда гаштааст.




Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар бозори меҳнат, дар давраи то соли 2019 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина, баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат, ба ҳисоб меравад.

Дар заминаи муносибатҳои нави иқтисодӣ ва рушди соҳаи хизматрасонӣ, дар тамоми соҳаҳо теъдоди соҳибкорон, корхонаҳо ва кормандон зиёд шуда истодааст.

*Раванди татбиқи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Роштқалъа барои солҳои* 2011-2013".

| *Номгӯи чорабиниҳо* | *Солҳо* | | | | | | *Соли* 2013 *нисбат ба соли* 2011 *бо* % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | | 2012 | | 2013 | | |
| | *Нақша* | *Иҷроиш* | *Нақша* | *Иҷроиш* | *Нақша* | *Иҷроиш* | |
| *Таъсиси ҷойҳои нави корӣ* | 700 | 715 | 597 | 628 | 1010 | 1074 | 150% |
| *Таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ* | 250 | 435 | 315 | 525 | 283 | 643 | 148% |
| *Касбомузӣ* | 90 | 125 | 100 | 160 | 220 | 220 | 176% |
| *Корҳои ҷамъиятии музднок* | 70 | 70 | 100 | 120 | 100 | 100 | 143% |

Дар доираи барномаи мазкур, дар давоми солҳои 2011-2013 беш аз 505 нафар курсҳои кӯтоҳмудати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ хатм намудаанд. Дар ҳамкорӣ бо Филиали муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» дар ноҳияи Роштқалъа, ба курсҳои омӯзиши аз рӯи касбҳои дуредгарӣ, дӯзандагӣ, устои баркчӣ, кафшергари баркӣ, қаннодӣ, ошпаз, ронандагӣ, муҳосиб, занбӯриасалпарвар, шарбаттайёркунӣ, компютер ва омӯзиши забони хориҷӣ фаро гирифта шудаанд, аз ҷумла 189 нафари онҳоро занон ташкил медиҳанд. Дар маркази мазкур як нафар фаъолият мекунад ва мутахассисони варзида тариқи шартнома ҷалб намуда тавассути онҳо ба шаҳрвандони бешуғл касб меомӯзонад. Марказ аз надоштани бинои таълимии хусусӣ (айни ҳол иҷоранишин аст) ва таҷҳизотҳои замонавии таълимӣ танқисӣ мекашад.

Бо назардошти тақвияти заминаи моддию техникии муассисаи мазкур аз ҷониби Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва Кумитаи имдоди Имом Ҳумайнии Ҷумҳурии Исломии Эрон соли 2013 дар заминаи онҳо шаҳрвандон бо касбомӯзӣ ҷалб мегарданд.

Ҳаҷми хароҷоти буҷети ноҳияи Роштқалъа барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ) ҳамасола меафзояд. Маблағгузории буҷетии ин соҳаҳо бештар дар асоси ҳисобу китоби сметавӣ (харҷномавӣ) муайян мегардад.




Соли 2013 ба соҳаҳои маориф 55,1 фоиз, тандурустӣ 22,6 фоиз, сектори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ 12,9 фоиз ва соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 0,9 фоиз маблағҳо масраф гардидааст. Дар ноҳия маблағгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ нисбат ба соли 2010 ба андозаи 0,16 фоиз кам гардидааст. Маблағи барои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ пешбинишуда барои ҳавасмандсозии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ собиқадорони меҳнат ва маъюбони модарзод ба муносибати иду чашнҳо, расонидани кӯмаки яквақта барои иштирокчиёни садамаи Чернобил ва пардохти ҷубронпулӣ ба хонандагони аз оилаҳои камбизоат масраф мегардад.

***Музди меҳнат***. Дар солҳои 2010-2013 андозаи даромадҳои пулии аҳолӣ, аз ҷумла, музди меҳнат ва нафақа зиёд гаштааст. Бо вуҷуди сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, суғурта, молия, сохтмон, алоқа, нақлиёту саноат, дар ноҳия сатҳи нисбатан пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф ва фарҳанг мушоҳида мегардад.

*Музди миёнаи меҳнат дар ноҳияи Роштқалъа аз рӯи соҳаҳо дар тӯли солҳои* 2010 -2013.

| *Соҳаҳо* | *Солҳо* | | | | *Соли* 2013 *дар муқоиса бо соли* 2010 *бо*% |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | |
| *Кишоварзӣ* | 227 | 291 | 322 | 380 | 167,4% |
| *Саноат* | 105 | 132 | 156 | 173 | 164% |
| *Сохтмон* | 225 | 296 | 340 | 540 | 240% |
| *Молия ва қарз, бонкҳо* | 396 | 462 | 778 | 850 | 245% |
| *Фарҳанг* | 251 | 281 | 329 | 523 | 215% |
| *Тандурустӣ* | 275 | 263 | 447 | 549 | 199,6% |
| *Маориф* | 299 | 275 | 357 | 568 | 189,9% |
| *ХМК* | 209 | 267 | 342 | 497 | 237% |
| *Дигар сохторҳои соҳаи буҷавӣ* | 358 | 498 | 669 | 725 | 202,5% |
| *Ҳамагӣ дар ноҳия (ба ҳисоби миёна)* | 260,5 | 307,2 | 415,5 | 533,8 | 206,6% |

***Мушкилиҳои мавҷуда***: Аз ҷониби роҳбари ҳар хоҷагӣ музди меҳнати саҳмдорон муайян мегардад ва дар аксар ҳолатҳо талаботҳои Кодекси меҳнат риоя намегардад, шароити меҳнату маишати коргарон беҳбудии ҷиддиро тақозо менамояд, дар натиҷаи ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳаҷми даромаднокии хоҷагиҳо кам гардида, аксари хоҷагиҳо аз сохторҳои барқ ва андоз қарздор гардидаанд, илова бар ин тартиби ба кор қабул намудан ва муайян намудани ҳаҷми музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст роҳандозӣ нагардидааст.

***Сатҳи бекорӣ***. Яке аз ҳадафҳои стратегии Барномаи рушди ноҳияи Роштқалъа, дар солҳои минбаъда ба ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина, коҳиш додани сатҳи бекорӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф, дар доираи

Барномаи мазкур, дар ноҳия ба кор даровардани иқтидорҳои нав дар назар дошта шудааст.

*Нишондиҳандаҳои асосии бекорӣ* (*дар солҳои* 2011-2013)

| *Нишондиҳандаҳо* | *Соли* 2011 | *Соли* 2012 | *Соли* 2013 |
|---|---|---|---|
| *Аҳолии қобили меҳнат* | 8037 | 8092 | 12809 |
| *Шумораи ашхоси бекори ба қайд гирифташуда* | 361 | 379 | 398 |
| *Сатҳи бекорӣ* (%) | 4,4 | 4,6 | 3,1 |

Дар соли 2013 ҳамагӣ 643 нафар шахси бекор бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин шуданд, ки ин нишондод нисбат ба соли 2012 дар ҳаҷми 122 фоиз зиёдтар аст. Ба ғайр аз ин, дар ин муддат 1074 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд, ки дар муқоиса бо соли 2011 - 1,5 маротиба зиёдтар аст.

Яке аз сабабҳои асосие, ки бекорони расман ба қайд гирифташуда сари вақт ва пурра бо кор таъмин карда намешаванд, ин ба дархост ва пешниҳоди муассисаю идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор вобаста будани омили мазкур мебошад. Илова бар ин, ҳангоми гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ, аксари иштирокчиён аз паст будани музди меҳнат ва шароити номусоиди корӣ норозӣ буда, аз ишғоли вазифаҳои пешниҳодшуда даст мекашанд.

*Сатҳи шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Рошткалъа аз рӯи соҳаҳо дар солҳои* 2011-2013

| | *Соли* 2011 | *Соли* 2012 | *Соли* 2013 |
|---|---|---|---|
| *Истеҳсолот* | 327 | 359 | 384 |
| *Соҳибкорӣ* | 4416 | 4548 | 4860 |
| *Нафақахурон* | 3088 | 3144 | 3232 |
| *Муҳоҷирати меҳнатӣ* | 4392 | 4381 | 4402 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки айни замон дар ноҳия аз шумораи умумии қувваи қобили меҳнат шумораи бекорон расман 398 нафар ё 3,1%-ро ташкил медиҳад. Бештари шумораи бекоронро мардон (66%) ташкил медиҳанд, ки аслан хонашин мебошанд.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон, аз ҷониби шӯъбаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳия, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба бекорон ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Дар тӯли солҳои 2011-2013 шумораи умумии бекороне, ки дар ҳудуди ноҳия аз қарзҳои бефоиз истифода намудаанд, 270 нафарро ташкил додааст ва ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 520,2 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст.

Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз, ин надоштани иттилооти кофӣ ва маҳдуд будани ҳаҷми маблағҳои пешниҳодгардида мебошад. Ҳамасола дар ноҳия ба ҳисоби миёна ба 90 нафар ва ба 1 нафар ба маблағи 1926 сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад, ки ин хеле кам буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ басанда нест.

*Маблағҳои қарзии имтиёзноки ба бекорони ноҳияи Рошткалъа дар солхои* 2010-2013 *барои шуғл пешниҳодгардида.*

| *Солҳо* | *Шумораи умумии бекорон дар ноҳия, нафар* | *Бекороне, ки ба онҳо маблағи қарзи имтиёзнок пешниҳод гардидааст, нафар* | *Маблағи қарзии пешниҳод гардида, ҳазор сомонӣ* | *Маблағи кӯмакпулӣ барои бекорон, ҳазор сомонӣ* | *Шумораи бекорони ба курсҳои касбомӯзӣ фарогирифташуда, нафар* | *Маблағи ба муҳоҷирони экологи додашуда, ҳазор сомонӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2011 | 589 | 93 | 183,67 | 57,19 | 125 | - |
| 2012 | 680 | 91 | 158,29 | 36,3 | 160 | - |
| 2013 | 779 | 87 | 162,64 | 56,1 | 220 | - |

Ноҳияи Рошткалъа дорои иқтидорҳои зиёди истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии истифоданагардида буда, дар сурати истифодаи самараноки онҳо, сатҳи бекориро паст намудан мумкин мегардад. Зеро дар сурати фаъолияти пурраи коргоҳҳои коркарди сангҳои ороишии ҶДММ "Анҷин" ва ҶДММ "Азиза" дар ноҳия дар заминаи корхонаҳои сохтмонию истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, зиёда аз 189 нафар ба кори доимӣ ҷалб мегарданд. Мутаассифона, таи солҳои охир бо сабаби фаъолияти ғайриқаноатбахши ин корхонаҳо, бинобар норасогии маблағ ва ашёи хом, кӯҳнаю фарсуда гардидани технологияҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои ноҳия аз фаъолият боз мондаанд ва омили мазкур, боиси баланд гардидани сатҳи бекорӣ шудааст. Аз ин лиҳоз, барои ҳаллу фасл намудани монеаҳои бамиёномада, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ хеле зарур мебошад.

Яке аз самтҳои асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия то соли 2019 ҷалб ва мусоидат намудан ба фаъолияти муассисаҳои дахлдор, барои ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина, мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат мебошад. Аз ин лиҳоз, дар ноҳия бо назардошти тамоми соҳаҳо то соли 2019 ташкил намудани 1900 ҷойҳои нави корӣ пешбинӣ гардидааст.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ.*** Аз соли 2014 сар карда оиди масъалаҳои шуғл ва муҳоҷирати меҳнатӣ, экологӣ ва дохилӣ дар ноҳия шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳияи Рошткалъа машғул мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои кор нақши калон бозида, яке аз сарчашмаҳои асосии даромади аҳолии ноҳияи Рошткалъа мебошад. Мутобиқи маълумоти оморӣ дар ноҳия дар соли 2013 ҳамагӣ 4402 нафар ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта буданд, ки нисбат ба соли 2012 32 нафар зиёдтар аст. Дар ноҳия сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ ба назар расида, сатҳи тахассусӣ ва касбии муҳоҷирони меҳнатии ноҳия, хусусан ҷавонон, дар бозори меҳнат рақобатпазир нест. Соли 2013 аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба ноҳия тавассути бонкҳои ноҳия 17,2 млн. долари ИМА ва 14,8 млн. рубли Руссия ворид гаштааст. Барои аксар оилаҳои ноҳия маблағе, ки аз ҷониби муҳоҷирон интиқол мешавад, сарчашмаи асосии даромад ба ҳисоб меравад.

Яке аз масъалаҳои ҳалталаби соҳа, ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ), тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ мебошад. Вобаста ба ҳалли ин мушкилот қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №474 аз 2 ноябри соли 2013 "Дар бораи тасдиқи нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2014-2016" ба тасвиб расидааст, ки дар доираи он, аз ноҳияи Рошткалъа кӯчонидани 6 оила ба мавзеъҳои бехавф пешбинӣ гардидааст.

Дар солҳои 2011-2013 дар ноҳия 23 хоҷагӣ (115 нафар) муҳоҷирони экологӣ ба қайд гирифта шуданд, ки аз мавзеъҳои хафноки деҳаҳои Тавдем (8 хоҷагӣ) ва Сунҷеви (3 хоҷагӣ) ҷамоати деҳоти Қ.Гадолиев, деҳаи Тусиёни (4 хоҷагӣ) ҷамоати деҳоти Тусиён, деҳаҳои Парзудҷ (2 хоҷагӣ), Бидези поён (1 хоҷагӣ) ва Шоши (1 хоҷагӣ) ҷамоати М.Миршакар ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида шудаанд.

*Муҳоҷирати меҳнатии аҳолии қобили меҳнати ноҳияи Рошткалъа*

| *Солҳо* | *Аҳолии қобили меҳнат ё захираҳои меҳнатӣ* | *Аҳолии расман дар иқтисодиёт машғул буда* | *Муҳоҷирони меҳнатӣ* | *% аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат* |
|---|---|---|---|---|
| 2011 | 8037 | 3027 | 4392 | 54,6% |
| 2012 | 8092 | 4029 | 4381 | 54,1% |
| 2013 | 12809 | 4860 | 4402 | 34,3% |

Мувофиқи мақсад аст, ки ҷиҳати мусоидат ба танзими ҷараёни муҳоҷирати муташаккилонаи бурунмарзии меҳнатӣ дар доираи Барнома тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд: ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбомӯзӣ ва омӯзишии забони давлатҳои қабулкунандаи қувваи корӣ ва ҳуқуқи муҳоҷир, тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат барои шаҳрвандоне, ки хоҳиши ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан доранд, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо сохторҳои дахлдори ҷумҳурӣ, ҷиҳати интиқоли нерӯҳои кории маҳаллӣ ба хориҷи кишвар, ташкил ва татбиқ намудани механизми бо шаҳодатнома таъмин намудани нафарони малакаи касбии хешро дар курсҳои бозомӯзӣ беҳтар намуда, фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ ба суғуртаи ихтиёрӣ ва ҷамъшаванда, пурра аз муоинаи тиббӣ гузаронидани муҳоҷирони аз муҳоҷират баргашта, ворид ва амалӣ намудани шакли нави қарз - «Қарзи роҳкиро» барои шаҳрвандоне, ки ҳамчун бекор дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар қайд буда, хоҳиши ба муҳоҷиратӣ меҳнатӣ рафтан доранд, самаранок ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолии кишварҳо ва корфармоёни хориҷӣ.

***Мушкилиҳои асосии соҳаҳои иҷтимоӣ***: норасогии воситаҳои техникӣ, курсӣ-аробачаҳо барои маъюбон, номутобиқатии ташкили корҳо оиди раванди таъминоти маъюбон, пиронсолон, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд ва ҷавобгӯй набудани он ба стандартҳои умумӣ қабулгардида, рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнатӣ бо бозори ғайрирасмии меҳнат, сатҳи пасти тахассусӣ ва тайёрии касбӣ дар байни ҷавонон, набудани техника ва технологияҳои замонавӣ дар муассисаҳои сохтории ҳифзи иҷтимоӣ, саривақт ба кор таъмин нагардидани шаҳрвандоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм менамоянд, набудани муассисаи давлатии «Маркази барқароркунии тиббии рӯзона барои кӯдакони имконияташон маҳдуд», мавҷуд набудани хонаи маъюбон, барои кӯдакони маъюб, зарурияти таъсис додани «Литсейи касбомӯзӣ» барои маъюбони синни аз 15 то 30 сола ва дар ноҳия мавҷуд набудани «Хонаи кӯҳансолон».

***Ҳифзи иҷтимоии кӯдакон***. Ташкил намудани низоми муосири ҳифзи иҷтимоии кӯдакони бепарастор, кӯдакони маъюб ва кӯдаконе, ки ҳуқуқвайронкунӣ содир кардаанд ва ё таҳти хавфи ҳуқуқвайронкунӣ қарор доранд дар якҷоягӣ бо мақомоти салоҳиятдор яке аз афзалиятҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии он дар сатҳи оила ва ҷомеа тарбия намудани кӯдакон ва сафарбар намудани кӯдакони осебпазир ба муассисаҳои будубоши доимӣ мебошад.

*Шумораи умумии кӯдакони осебпазир аз рӯи гурӯҳҳо*

| *Нишондиҳандаҳо* | *Солҳо* | | |
|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 |
| *Шумораи бепарасторон (ятими кулл)* | 3 | 5 | 6 |
| *Кӯдакони маъюб (то 18 сола)* | 147 | 159 | 192 |
| *Шумораи кӯдакони ба васоят ва парасторӣ додашуда, аз ҷумла:* | 0 | 0 | 0 |

Дар ноҳия барои беҳтар намудани рӯҳияи кӯдакони маъюб ягон муассиса ё ташкилот фаъолият наменамояд. Ҳар сол рӯзи 1 июн рӯзи кудакон ва 3 декабр рӯзи маъюбон, бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва ташаббуси Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар маркази ноҳия бо иштироки кӯдакони имконияташон маҳдуд озмунҳои мухталифи расмкашӣ, шеърхонӣ, сурудхонӣ, намоиши саҳначаҳои ҳаҷвӣ гузаронида мешавад. Дар озмунҳои номбаршуда кӯдакону наврасони маъюб ҳамчунин маҳсули меҳнаташонро ба намоиш мегузоранд, ҳамзамон ба эхтиёҷмандон аробачаҳои маъюбӣ ва ба кӯдакони имконияташон маҳдуд тӯҳфаҳо гуногун тақдим карда мешавад.

***Адлияи ноболиғон***. Дар ноҳияи Рошткалъа соли 2013 ягон ҳолати ҷинояти аз ҷониби ноболиғон содиргашта, ба қайд гирифта нашудааст. Зеро ҷиҳати пешгирӣ намудани қонунвайронкунӣ аз ҷониби ноболоғон дар давоми соли 2013 аз ҷониби

Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар якҷоягӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳо ва муассисаҳои дахлдор зиёда аз 14 маротиба амалиёти мақсаднок гузаронида шуд.

Дар заминаи «Барномаи кор бо ноболиғон барои солҳои 2010-2015» дар мактабҳои №40,10,3,4,1,2,29 корҳои профилактикӣ ва машваратҳо гузаронида шуда, дар он хонандагону мураббиёни мактабҳо ва волидайни кӯдакони маъюб иштирок намуданд. Амалиётҳои фаврӣ ва дигар тадбирҳо оиди пешгирии ҳамагуна ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ноболиғон, эмин нигоҳ доштани онҳо аз зӯроварии калонсолон ва ба таълиму тарбия ҷалб намудани онҳо тадбирҳои лозимӣ амалӣ карда мешаванд. Дар ин самт, Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак бо маркази таҳсилоти иловагӣ ҳамкории зич дошта, дар асоси қарори Комиссияи ҳуқуқи кӯдак ҳамасола ноболиғон барои пешгирӣ аз корҳои номатлуб, ба таҳсили иловагӣ фаро гирифта мешаванд. Дар давоми солҳои 2011-2013 тақрибан 183 нафар, аз ҷумла 3 нафар кӯдакони маъюб, ба маҳфилҳои омӯзишии марказ фаро гирифта шуданд. Ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои оворагардию қонуншиканӣ толибилмон мувофиқи хоҳишашон барои беҳтар намудани сатҳи дониш ба маҳфилҳои Маркази таҳсилоти иловагӣ ҷалб мегарданд.

3.4. ***Соҳаи фарҳанг.***

Соҳаи фарҳанги ноҳия тамаддуни пурмӯҳтаво ва қадима дорад. Феълан дар ноҳия 79 ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ мавҷуд мебошад. Бисёр ёдгориҳои таърихии асримиёнагӣ аз қабили қалъаи Ҷирӯҷи Ҷавшангоз, Чқарқалъа, Роштқалъа, Қалъаи Дашт мазорҳои Шоҳ Бурҳони Валӣ, Шоҳ Абдоли Валӣ, Фақеъмуҳаммад, остонҳои Хоҷаи Нур, Чилтанон ва ғайраро ба ин қатор шомил намуд. Ҷиҳати муҳофизат ва нигоҳдории ёдгориҳои таърихӣ бо супориши роҳбарияти ноҳия ҷамоатҳое, ки дар ҳудуди онҳо ёдгориҳои таърихӣ ҷойгиранд, ӯҳдадоранд, ки нигоҳубини онҳоро таъмин намоянд. Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин норасогии воҳидҳои корӣ оиди нигоҳубини ин ёдгориҳои таърихӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ноҳия 1 мактаби санъати бачагона, 12 хонаи фарҳанг ва клуби деҳотӣ, 1 китобхонаи марказӣ ва 15 филиалҳои китобхонаҳо, 2 китобхонаи бачагона фаъолият менамоянд. Шумораи умумии кормандон дар муассисаҳои фарҳангӣ 76 нафарро ташкил дода, аз ин 21 нафар дорои маълумоти олӣ, 17 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 38 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд. Соли 2013 теъдоди фарогирӣ дар муассисаҳои фарҳангӣ 15900 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2012 тақрибан 101,7 фоиз зиёд мебошад.

Яке аз масъалаҳои ҳалталаби соҳаи фарҳанги ноҳияи Роштқалъа дар марказ ва ё ҳудуди ноҳия мавҷуд набудани боғи фарҳангу фароғатӣ барои дар сатҳи баланд гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ – фарҳангӣ ва фароғатӣ мебошад.

*Маълумот оиди муассисаҳои фарҳангии ноҳияи Роштқалъа*

| *Номгӯи муассиса* | *Шумораи кормандон* | *Шумораи хонандагон/ меҳмонон* | *Мушкилот* |
|---|---|---|---|
| *Мактаби санъати бачагона* | 16 | 140 | *Нокифоя будани базаи моддию техникӣ ва асбобҳои мусиқӣ* |
| 6 *хонаи фарҳанг ва* 6 *клуби деҳот* | 18 | | *Норасоии таҷҳизотҳои замонавӣ (талабот:* 7 *адад асбоби баландкунандаи овоз, курсиҳо барои* 700 *ҷои нишаст)* |
| 1 *китобхонаи марказӣ ва* 15 *филиали китобхона,* 2 *китобхонаи бачагона* | 42 | 15900 | *Ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доштани биноҳои китобхонаҳои ҷамоатҳои деҳот, нарасидани рафҳои китобмонӣ, муҷаҳаз нагардидан бо компютер ва пайваст набудани китобхонаи марказӣ бо интернет.* |

3.5. **Варзиш ва сайёҳӣ**

Дар ноҳияи Роштқалъа дар самти пешбурди сиёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ва дар ин замина гузаронидани чорабиниҳои дахлдори соҳа Бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, фаъолият менамояд. Дар ноҳияи Роштқалъа 5 иншооти варзишӣ мавҷуд мебошад. Дар соҳаи варзиши ноҳия 17 нафар мураббиён, аз ҷумла 3 нафар зан фаъолият менамоянд. Аз ин шумора 3 нафар дорои маълумоти олӣ ва 14 нафари дигар дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд.

Дар мактабҳои бачагон ва наврасони ноҳия 34 муаллими варзиш, ки аз онҳо 15 нафарашон дорои маълумоти олӣ 18 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 1 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ ҳастанд, фаъолият мекунанд. Шумораи хонандагон 192 нафарро ташкил медиҳад.

Муассисаҳои варзишии ноҳия дар бисёр ҳолатҳо ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ набуда, ба таъмир эҳтиёҷ доранд. Бояд зикр намуд, ки ҷамоати Сежд, ки дар масофаи бештар аз 47 км аз маркази ноҳия ҷойгир шудааст, ягон иншооти варзишии муосир дадошта, имконияти дар ягон чорабинии варзишӣ иштирок карданро надорад.

***Сайёҳӣ***. Дар чорчӯбаи татбиқи Барномаи рушди ноҳияи Роштқалъа барои рушди сайёҳӣ таваҷҷӯҳи хоса дода шуда, мусоидат ба иҷрои як қатор ташаббусҳо оиди ташкил намудани инфрасохтори муосири сайёҳӣ пешбинӣ гардидааст. Рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳияи Роштқалъа ба соҳаи сайёҳӣ алоқаманд буда, сайёҳи яке аз соҳаҳои афзалиятнок маҳсуб меёбад. Ба ноҳия аз давлатҳои хориҷӣ сайёҳони зиёде баҳри саёҳату фароғат ва осоишу табобат ташриф меоранд. Дар соли 2013 теъдоди 71 нафар сайёҳон аз кишварҳои хориҷӣ аз ноҳия дидан карда аз табиати мафтункунандаи он ба ваҷд омадаанд. Маблағи умумии аз ҳисоби ба сайёҳон пешниҳод намудани хизматрасонӣ 17,6 ҳазор сомониро ташкил намудааст.

Рушди минбаъдаи соҳа барои хизматрасонӣ ба меҳмонону сайёҳони хориҷӣ ва дар ин замина ташкил намудани инфрасохтори сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, фароғатгоҳҳо, метавонад, махсусан барои ҷавонони ноҳия дар муҳаё сохтани ҷойҳои нави корӣ заминаи воқеӣ гузорад. Дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия марказҳои тиҷоратӣ, ошхонаҳо ва нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ барои хизмат расонидан ба меҳмонону сайёҳон фаъолият менамоянд.

Расму оини хоссаи меҳмоннавозии мардуми ноҳияи Роштқалъа, мавқеи хоси ҷуғрофӣ, мавҷудияти чашмаҳои шифобахши Нарзан, Кук ва Вездара, захираҳои табиию фароғатии ноҳия, мавҷудияти ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, фарқиятҳои этникӣ, қуллаҳои аз 3000 метр боло, дарёҳои кӯҳии Шоҳдара, Вездара, Тусиёндара ва гиёҳҳои нодиру шифобахш, имконият медиҳад, ки дарояндаи наздик дар ҳудуди ноҳия навъҳои гуногуни саёҳӣ, аз қабили саёҳат бо асп, куҳнавардӣ, туризми пиёдагардии кӯҳию варзишӣ, туризми экологӣ, туризми таърихию маърифатӣ ва этникӣ беҳтар рушд намояд.

***Мушкилиҳои асосии соҳа***: набудани толори варзишӣ дар ҳудудди ҷамоати Сежд, норасогии таҷҳизотҳои муосири варзишӣ, норасогии воситаҳои молиявии барои варзиш ҷудошаванда.

## БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

### 4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ.

**Таъмини оби нӯшокӣ**. Дар ноҳия ягон ташкилоти давлатӣ ба масъалаи таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ машғул нест. Тақрибан 51,5 % (13645 нафар) аҳолии ноҳияи Роштқалъа бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин мебошанд, вале қисмати боқимондаи аҳоли (48,5%) ба оби тозаи ошомидании марказонидашуда дастрасӣ надоранд. Дар маркази ноҳия ҳамагӣ 3 км хати оби нӯшокӣ гузаронида шудааст, ки аз он 49,2% аҳолӣ истифода мебаранд. Аҳолии боқимонда ба ҳайси сарчашмаҳои обтаъминкунӣ аз оби дарёчаҳои кӯҳии Шоҳдара, Риҷез, Дударгӣ, Шошбувад, Снез, Чандин, Бодомдара, Вездара, Тусёндара, Шарвдара ва Бодомдара истифода мебаранд.

*Таъмини оби нӯшокӣ дар ноҳия дар аввали соли* 2013.

| *Ҷамоатҳо* | *Аҳолӣ (нафар)* | *Ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд* | *Бо фоиз* | *Ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд* | *Бо фоиз* |
|---|---|---|---|---|---|
| *Қ.Гадолиев* | 7750 | 4032 | 52% | 3718 | 48% |
| *Тусиён* | 3135 | 2194 | 70% | 941 | 30% |
| *М.Миршакар* | 5444 | 2776 | 51% | 2668 | 49% |
| *Роштқалъа* | 3417 | 2323 | 68% | 1094 | 32% |
| *Барвоз* | 3245 | 2119 | 65% | 1126 | 34,6% |
| *Сежд* | 3470 | 201 | 5,8% | 3269 | 94,2% |
| *Ҳамагӣ* | 26461 | 13645 | 51,5% | 12816 | 48,5% |

Дар солҳои 2009-2012 дар маҳаллаҳои гуногуни ноҳия аз тарафи ташкилоти байналмиллалии Фонди Оғохон хатҳои оби нӯшокӣ сохта ва мавриди қарор дода шуданд. Назорати онҳо мувофиқи қарордод ба мақомотҳои худфаъолиятии ҷамъиятии деҳаҳо ва ҷамоатҳои деҳот вогузор шуд, вале ин механизм дар аксари маҳаллаҳо ҳалли худро пайдо накардааст. Ҳолати аз ҳама вазнине, ки ба таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ вобаста аст, дар ҷамоатҳои Сежд ва Қ.Гадолиев ба назар мерасад.

*Намудҳои асосии сарчашмаҳои обтаъминкунӣ дар ноҳияи Роштқалъа*




Дар ҳудуди маркази ноҳия танҳо қисми аҳолӣ (72%) бо оби нӯшокӣ таъмин мебошанд. Азбаски муассисаи «Ҳоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Роштқалъа» ба таъминоти оби нӯшокӣ машғул нест, ягона хатти оби нӯшокии маркази ноҳия – деҳаи Медон (бо дарозии 3 км) ҳам дар тавозуни муассисаи мазкур ё ягон ташкилоти дигар қарор надорад. Дар ноҳияи Роштқалъа зиёда аз 525 обмилаи ҷамъиятӣ вуҷуд дорад, ки 88%-и онҳо ҷумак надоранд.

Мушкилоти асосӣ дар ин самт набудани воситаҳои техникии корхона, таҷҳизот ва техникаи зарурӣ (дастгоҳҳои кафшергарӣ, экскаватор, трактор) мебошад. Мутаассифона, на ҳама сарчашмаҳои оби нӯшокӣ ба талаботи санитарию-гигиенӣ ҷавобгӯ ҳастанд. Барои безарар гардонидани оби нӯшокӣ тавассути маркази назорати давлатии санитарию эпидемологӣ (МНДСЭ) ташхиси обҳои нӯшокӣ гузаронида мешавад, вале чанд соли охир бо сабаби касод будани буҷет ва ҷудо нагардидани маблағ барои корҳои ташхисӣ, болоравии нархи сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва реактивҳо ташхисҳои безараргардонии оби нӯшокӣ дар ноҳия кам гузаронида мешавад, ки он метавонад боиси афзоиши бемориҳои сироятӣ гардад.

***Хадамоти рифоҳӣ***. Корхонаи давлатии фаръии «Ҳоҷагии манзилию коммуналӣ» бо баровардани ПСМ (партовҳои сахти маишӣ) машғул аст. Корхона танҳо дар маркази ноҳия фаъолият мекунад ва ҳамаги ба 86 муштарӣ, аз ҷумла ба 41 ташкилоту корхона ва 45 хоҷагиҳои аҳолӣ (411 нафар) хизмат мерасонад.

Дар корхонаи мазкур 1 автомобили ЗИЛ–130 барои ҷамъоварӣ ва баровардани ПСМ мавриди истифода қарор дорад, ки айни замон ниҳоят кӯҳнаву фарсуда гардидааст. Аз сабаби норасоии техника ва таҷҳизоти ҳозиразамон корхона дар баровардани партовҳо бо мушкилот рӯ ба рӯ мегардад, зеро партовгоҳ дар масофаи 6 км аз маркази ноҳия ҷойгир шудааст.

Дар соли 2013 сатҳи ҷамъоварии воситаҳо барои ПСМ ҳамагӣ 92 %-ро ташкил дод. Корхонаи давлатии фаръии Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Роштқалъа инчунин ба кабудзоркунӣ, чароғонкунӣ, тозагии санитарии кӯчаҳои марказӣ ва ороиши маркази ноҳия машғул мебошад.

Корхона ба техникаи ҳозиразамон, аз ҷумла ба мошинаҳои партовбарорӣ, ассенизатсионӣ, трактори ядакдори ЮМЗ-80 ва таҷҳизоти кафшергарӣ эхтиёҷ дорад.

Дар ноҳия шабакаи канализатсия ва иншооти тозакунанда умуман вуҷуд надорад ва ин ҳолат ба ҷамъшавии ҳаҷми зиёди партовҳо ва ифлос шудани муҳити зист оварда мерасонад. Ҳатто ягона хонаи истиқоматии якошёна (18-хуҷрадор), ки дар маркази ноҳия ҷойгир шудааст, системаи канализатсия надорад. Шароити географии ҷойгиршавии ноҳия барои ташкил намудани истироҳатгоҳҳо, иншоотҳои сайёҳӣ ва осоишгоҳҳо мусоид мебошад, вале набудани хизматрасони рифоҳӣ ба ин раванд таъсири манфӣ мерасонад.

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия ва дар асоси нақшаи генералии маркази ноҳияи Роштқалъа, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №649 аз 30 декабри соли 2011 тасдиқ гардидааст, барои ҳалли масъалаи номбаршуда сохтмони 6 км хатти ташноб бо пайвастшавии 19 иншоот ва бунёди хати таъминоти оби нӯшокӣ ба масофаи 6,5 км бо пайвастшавии 14 иншоот, ки аз мавзеи Анҷиндара кашида мешавад, дар маркази ноҳия пешбинӣ шудааст. Инчунин, барои беҳтар намудани сифати хизатрасонии рифоҳӣ дар давраи солҳои 2014-2019 ташкил намудани муассисаи коммуналӣ дар маркази ҷамоатҳо пешбинӣ гардидааст.

Дар тавозуни муассисаи КВД-и «Хоҷагии манзилию коммунали»-и ноҳияи Роштқалъа 7 қуттии партовҷамъкунӣ мавҷуд аст, ки 3 адад дар кӯчаҳо ва 4 адад дар ташкилоту муассисаҳо гузошта шудаанд.

Партовгоҳи марказии ноҳияи Роштқалъа дар ҳудуди 3 га дар масофаи 6 км дуртар аз маркази ноҳия дар қисмати поёнии дашти деҳаи Анҷин воқеъ гардидааст. Дар маркази ноҳия ва ё ҳудуде, ки бо хизматрасонии ХМК фаро гирифта шудааст зиёда аз 1893 нафар аҳолӣ истиқомат менамояд.




Дар соли 2013 ҳаҷми партовҳои сахти маишии (ПСМ) воқеан баровардашуда аз ҳисоби аҳолӣ 832 м$^3$, аз ҳисоби муассисаҳои буҷавӣ ва ташкилотҳои дигар 439 м$^3$ -ро ташкил медиҳад, ки ба як нафар аҳолии маркази ноҳия тахминан 0,14 м$^3$ рост меояд. Меъёри ҷамъшавии партовҳо ба сари ҳар оила бошад ба 0,4 м$^3$ рост меояд. Дар маҷмӯъ дар ноҳия дар як шабонарӯз 7,11 м$^3$ партовҳо кашонида мешаванд.

Мутобиқи меъёрҳои муайяншуда, ҳаҷми ПСМ-и баровардашуда дар ноҳия ба ҳисоби миёна ҳар сол 1271 м$^3$-ро ташкил медиҳад.

Дар ноҳия ҳаҷми зиёди партовҳоро партовҳои сахти маишӣ ташкил менамоянд. Дар ҷамоатҳо ҷамъ карда баровардан ва безарар намудани партовҳои сахти маишӣ ба роҳ монда нашудааст. Муассисаи коммуналии ноҳия, ки бевосита ба ин корҳо мутасаддӣ мебошад, айни ҳол иқтидори дар сатҳи ҷамоатҳо ҳал намудани ин мушкилиро надорад. Дар доираи Барномаи рушди ноҳия барои ҳалли масъалаи

зикргардида ҷудо намудани қитъаҳои алоҳидаи замин ҷиҳати ташкил намудани партовгоҳ пешбинӣ мегардад. _ Корхонаи давлатии фаръии Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Рошткалъа инчунин ба кабудзоркунӣ, чароғонкунӣ, тозагии санитарии кӯчаҳои марказӣ ва ороиши маркази ноҳия машғул мебошад. Корхона ба техникаи ҳозиразамон, аз ҷумла ба мошинаҳои партовбарорӣ, ассенизатсионӣ, трактори ядакдори ЮМЗ-80 ва таҷҳизоти кафшергарӣ эҳтиёҷ дорад.

***Мушкилоти асосии соҳа***: талафоти зиёд аз офатҳои табиии марбут ба об дар мавсими боришот, иқтидори пасти техникӣ ва эҳтиёҷ доштани КВД “Хоҷагии манзилию комуналӣ”-и ноҳия ба техникаҳои партовкашонӣ, обпошдиҳанда, экскватор, асенизатор ва техникаи боркунанда, мавҷуд набудани хати оби нӯшокӣ дар аксарияти деҳаҳои ноҳия, дар тавозуни ҷамоатҳо қарор надоштани хатҳои обгузар ва масъалаҳои вобаста ба таъмири онҳо, минтақаи муҳофизати санитарӣ надоштани манбаъҳои об ва хатҳои оби нӯшокии мавҷуда, мавҷуд набудани ҳавзи бо маҳлули хлор тоза ва коркард намудани оби нӯшокӣ, сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешаванд ва ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ нестанд.

### 4.2. **Таъмини барқ**.

Дар ноҳия ба таъминоти барқ муассисаи «Шабакаҳои барқии ноҳияи Роштқалъа» машғул буда, зертобеи ҶСК «Помир энерҷӣ» мебошад. Дар комплекси энергетики минтақавии ноҳия 29 нафар фаъолият дошта, аз ин 15 нафарашон кормандони муҳандисию техникӣ мебошанд. Шабакаи барқии мазкур ба 160 ташкилоту муассисаҳои буҷетию ғайрибуҷетӣ ва 2860 нафар муштариёни (хоҷагиҳои оилавӣ) ноҳия хизмат мерасонад.

Миқдори умумии зеристогоҳҳои барқӣ дар қаламрави ноҳия 109 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин 107 адад дар тавозуни идораи мазкур ба қайд гирифта шудаанд ва 2 адади дигар дар тавозуни дигар муассисаҳои истифодабарандагон мебошад. Миқдори зериистгоҳҳои барқӣ 35/10 кВ - 1 адад бо иқтидори 4100 кВа ва зеристгоҳҳои барқии 35/04 кВ 1 адад бо иқтидори 160 кВА мебошад. Дарозии умумии хатҳои интиқоли барқ 480 км-ро ташкил медиҳад. Талаботи умумии ноҳия ба нерӯи барқ дар фасли зимистон 4,8 МВт ва дар фасли тобистон 1,8 МВт мебошад.

Айни ҳол дар ноҳия 3 адад НОБ-ҳои хурди «Вездара 1», «Вездара 2» ва НОБ-и «Тусиён» бо иқтидори умумии 560 кв/с бунёд гаштаанд. Ҳамаги дар ноҳия дар як сол 485 кВт/соат нерӯи барқ истеҳсол мегардад. Аҳолии ноҳия аз соли 2010 инҷониб бо нерӯи барқ дар тамоми фаслҳои сол шабонарӯзӣ таъмин мебошанд.

Дар панҷ соли оянда дар доираи Барномаи мазкур ва тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 феврали соли 2009 №73 «Дар бораи барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2009-2020» бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ сохтмони якчанд адад НОБ-ҳои дигар, (аз ҷумла НБО-и Себзор бо иқтидори 10 МВт, НОБ-и Андарстез бо иқтидори 70 кВт ва НОБ-и Сорж бо иқтидори 55 кВт) пешбинӣ мегардад.

*Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи барқрасонӣ дар ноҳияи Роштқалъа*

| *№ б.т* | *Нишондодҳо* | *Воҳиди ченак* | *Соли* 2011 | *Соли* 2012 | *Соли* 2013 | *Соли* 2013 *дар қиёс бо соли* 2012 *бо*% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | *Маблаги умумии аз фурӯши қувваи барқ ба дастомада* | *Ҳазор сомонӣ* | 1362235 | 1544564 | 1714105 | 111 |
| 2 | *Ҳаҷми умумии фурӯши қувваи барқ* | *Млн.кВТ/с* | 13238338 | 14190426 | 14255394 | 100,5 |
| 3 | *Аз ҷумла, аз аҳолӣ* | *Ҳазор сомонӣ* | 1053348 | 1167935 | 1309665 | 112,1 |
| | *Ҳаҷми умумӣ* | *Млн.кВТ/с* | 11989744 | 12657628 | 12610249 | 40 |
| 4 | *Ба ташкилотҳои буҷетӣ ва гайрибуҷетӣ* | *Ҳазор сомонӣ* | 308886 | 376628 | 12610249 | 3,35 |
| | *Ҳаҷми умумӣ* | *Млн.кВТ/с* | 1308594 | 1532798 | 1645145 | 107 |
| 5 | *Нархи* 1 *кВт/с* (*ба* | | 15,47 | 15,6 | 15,8 | 101 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *ҳисоби миёна)* | | | | | |
| | *-ба аҳолӣ* | *дирам* | 13,09 | 13,2 | 13,4 | 101 |
| | *-ба ташкилотҳои буҷетӣ ва гайрибуҷетӣ* | *дирам* | 24,56 | 24,77 | 25,07 | 101 |
| 6 | *Қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз ҷумла:* | *Ҳазор сомонӣ* | 99849 | 20387 | 49687 | |
| | *-ба аҳолӣ* | *Ҳазор сомонӣ* | 95030 | 20387 | 7883 | |
| | *Ба ташкилотҳои буҷетӣ ва гайрибуҷетӣ* | *Ҳазор сомонӣ* | 4819 | _ | 41804 | |
| 7 | *-талафоти умумӣ* | % | 16,3 | 14,86 | 14,52 | 38 |

Қарздорӣ аз ҳисоби истифодаи қувваи барқ дар соли 2013 20387 сомониро ташкил медиҳад, ки дар қиёс бо соли 2012 ба маблағи 1387 сомонӣ камтар мебошад. Омили асосии боқӣ мондани қарзи муштариён дар назди корхона, ин фарсуда будани хатҳои интиқоли барқ ва зиёд будани талафоти он ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар ин ба бадшавии қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ вобаста аст.

Дар ноҳия бо сабаби мавҷуд набудани гази табиӣ аҳолӣ аз қувваи барқ аз меъёр зиёд истифода мебаранд ва дар натиҷа ин ҳолат ба корношоям гардидани трансформаторҳо, хатҳои барқӣ ва шабакаҳои тақсимотӣ оварда мерасонад. Ин вазъият аксар фасли тирамоҳу зимистон ба мушоҳида мерасад. Бинобар баланд будани нархи ангиштсанг аҳолӣ дарахтон ва дигар бутаҳоро ҳамчун сӯзишворӣ истифода мебаранд, ки ба раванди муқаррарии мувозинати табиат ва муҳити зист зарари зиёди барқарорнашаванда мерасонанд. Бинобар ин, дар ноҳия бунёд намудани силсилаи НОБ-ҳои хурду миёнаи барқӣ обӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Мушкилиҳои соҳаи барқрасонии ноҳия, ҷамъоварии нокифояи маблағи пардохти истифодаи нерӯи барқ, нокифоягии шумораи мавҷудаи трансформаторҳо, фарсудаю корношоям ва таъмирталаб гаштани 57% ХИБ ва симчӯбҳои барқӣ, сарбории зиёди истгоҳхои трансформаторӣ мебошад ва таъмир кардани онҳо бо маблағҳои худии ширкати «Помирэнерҷӣ» дар назар гирифта шудааст.

## 4.3. **Нақлиёт ва хоҷагии роҳ**

Робитаи ноҳия бо маркази ҷумҳурӣ, вилоят ва ноҳияҳои ҳамсоя тавассути роҳи автомобилгарди Роштқалъа-Хоруғ сурат мегирад. Ба воситаи ин роҳ маҳсулоти кишоварзӣ аз нуқтаҳои истеҳсол ва коркард ба маркази вилоят бароварда мешавад. Шабакаи роҳҳои маҳаллӣ дар хизматрасонии нақлиётии ноҳия нақши муҳимро мебозад ва талаботро дар кашонидани маҳсулот байни хоҷагиҳо ва мусофиркашонӣ таъмин менамояд.

Дар ноҳия «Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард» ба нигоҳубин ва истифодабарии роҳҳои ноҳия машғул аст, ки тобеи Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳоло дар ин муассиса 45 нафар кор ва фаъолият мекунанд. Муассисаи мазкур 8 адад техникаи роҳсозӣ ва таҷҳизотро дар ихтиёр дорад, ки аз инҳо 5 ададаш коршоям буда, боқимонда фарсуда гардидаву таъмирталабанд ва барои таъмири онҳо маблағи зиёд зарур аст. Барои беҳтар намудани базаи моддию техники МДНРА ноҳия ва дар ин замина беҳтар намудани фаъолияти он дастрас намудани 2 адад автогрейдер, 1 адад булдозер, 2 адад боркунаки фронталӣ (LW-321), 2 адад автомашинаҳои боркаш, 2 адад автосамосвали МАЗ ва таҷҳизоти кафшергарии дизелӣ зарур аст.

Дар тавозуни муассисаи мазкур 199,4 км роҳи автомобилгард барои истифодаи умум қарор дорад, ки аз ин 154,5 км роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидошта ва 44,9 км роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллидошта мебошад. Роҳҳои маҳаллӣ дар ҳолати бад қарор дошта, солҳои тӯлонӣ дар онҳо таъмири асосӣ гузаронида нашудааст. Дар солҳои 2011-2013 барои нигоҳубини роҳҳои маҳаллӣ тавассути буҷетӣ маҳаллӣ 82 ҳазор сомонӣ ва буҷети ҷумҳуриявӣ 721 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуда бошад ҳам,

кифоя нест. Зеро тибқи меъёри мавҷуда барои нигоҳубини роҳҳои маҳаллӣ 8,4 ҳазор сомонӣ барои як километр муайян шудааст.

Роҳҳои автомобигарди ноҳия аз рӯи намуди фарши асфалт ҳамагӣ 63 км буда, роҳҳои боқимонда ягон намуд рӯйпӯш надоранд. Роҳҳои мошингарди маҳаллии ноҳия, ки маркази ноҳияро бо ҷамоатҳои деҳот ва дигар деҳаҳо пайваст мекунанд, 80% ба таъмир ва азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд. Дар ин минтақа инчунин 22 купрук, ки дарозии умумиашон 374 метрро ташкил медиҳад, вуҷуд доранд. Соли 2011 сохтмони купрук дар километри 42-и роҳи Хоруғ-Роштқалъа-Туқузбулоқ ба малағи 6 млн. сомонӣ маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҷониби Вазорати нақлиёт оғоз ёфта сохтмони он идома дорад.

Бояд қайд намуд, ки сохтмону азнавсозии роҳи автомобилгарди Хоруғ-Рошткалъа-Туқузбулоқ ба масофаи 199,4 км яке аз афзалиятҳои сатҳи миллӣ буда, лоиҳаи он аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Барномаи давлатии инвеститсионӣ, грантҳо ва сохтмонӣ асосӣ ворид карда шуда, Барномаи номбурда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст. Яке аз афзалиятҳои дигари миллӣ ва худи ноҳия сохтмони нақби автомобилгарди Советобод-Вранг (ноҳияи Ишкошим) ба дарозии 36км мебошад, ки дар оянда дар сурати амалӣ гаштани бунёди нақби мазкур ноҳия аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфта, роҳ тавассути даҳлези Вахон ба давлати Покистон кушода хоҳад шуд.

Соли 2013 ба Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Рошткалъа аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои таъмиру нигоҳдории роҳҳо 598367 сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст, ки он пурра азхуд карда шудааст, аммо он барои иҷрои пурраи корҳои азнавсозии роҳу купрукҳо кифоя нест. Ҳолати техникии роҳҳои мавҷудаи ноҳия ба меъёрҳои роҳсозӣ ва ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯ нестанд ва дар давоми 20 соли охир ягон маротиба таъмири асосӣ нашудаанд (махсусан роҳҳои маҳаллӣ).

*Нишондодҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳ дар ноҳияи Рошткалъа*

| № | *Нишондодҳо* | *Воҳиди ченак* | *Соли* 2011 | *Соли* 2012 | *Соли* 2013 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | *Гардиши савдои чакана* | *Ҳазор сомонӣ* | 2509,7 | 4013,5 | 1642,3 |
| 2 | *Ҳаҷми хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ* | *Ҳазор сомонӣ* | 3045,8 | 4611,5 | 1113,6 |
| 3 | *Ҳаҷми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ* | *Ҳазор сомонӣ* | 588,8 | 2548,8 | 715,7 |
| 4 | *Ҳаҷми боркашонии нақлиётӣ* | *Ҳазор тонна /км* | 18,7 | 22,4 | 27,8 |
| 5 | *Ҳаҷми мусофиркашонии нақлиётӣ* | *Ҳаз.мусофир/км* | 395,0 | 413,0 | 413,4 |
| 6 | *Таъминоти хонаводаҳо бо нақлиёти сабукрав* | *Ба* 1000 *нафар/адад* | 80 | 150 | 200 |

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия таъмир ва барқарорсозии роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявию маҳаллидошта ва харидорию навсозии техникаи нигоҳубинии роҳҳо пешбинӣ мегардад, зеро барои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳои мошингарди ноҳия дар солҳои 2014-2019 тақрибан 41 млн. сомонӣ маблағ зарур мебошад.

Мусофиркашонӣ ва боркашонии ноҳия тавассути нақлиёти шахсии соҳибкорон амалӣ карда мешавад. Дар ин соҳа 362 мошин, аз ҷумла 36 адад мошини боркаш, 2 автобус ва беш аз 324 нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат мерасонанд. Инчунин, дар соҳаи мазкур зиёда аз 25 нафар соҳибкорони инфиродӣ фаъолият доранд, ки аз ин 6 нафар ба боркашонӣ, 2 нафар тариқи автобусҳо ва 17 нафар бо нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат расонида, талаботи аҳолии ноҳияро ба қадри ҳол қонеъ мегардонанд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳ***: дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ ва пулҳо, норасогии техникаҳои ҳозиразамон барои корҳои таҷдид ва азнавсозии роҳҳо, норасогии воситаҳои молиявӣ барои гузаронидани таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо махсусан роҳҳои маҳаллӣ, таъмирталаб будани техникаи мавҷуда, аз офати табиӣ хароб гаштани қисми кӯпрукҳо ва таъмирталаб будани онҳо, фарсуда гаштани фарши қисми асосии аксарияти роҳҳои ноҳия, таъмирталаб будани роҳҳои маҳаллӣ, корношоям шудани воситаҳои техники ва набудани техникаи ҳозирзамон дар МДНРА-и ноҳия.

4.4. **Алоқа ва фазои иттилоотӣ**

Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии алоқа дар ноҳия филиали ҶСК "Тоҷиктелеком" фаъолият менамояд, ки дар заминаи он 1 адад дастгоҳи рақамии дорои 1000 рақамаи гуфтугӯи байнишаҳрӣ васл карда шудааст (дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ 45 км ва шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ 420 адад). Дар он 4 корманд ва 1 мутахассис фаъолият мекунанд. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2013 таъминоти аҳолӣ бо дастгоҳҳои телефонӣ (ба ҳазор нафар) 4,2 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2012 - 60 адад ё худ 116% зиёд мебошад. Бо вуҷуди ин ва бархурдор будан аз бинои маъмурию таҷҳизоти ҳозиразамон рақобатпазирии корхона дар сатҳи паст қарор дошта, аҳолӣ фаъолона ба истифодаи алоқаи мобилии ширкатҳои хусусии «ТСелл», «Мегафон», «Билайн» ва «Вавилон» гузашта истодааст. Қарзи дебитории корхона низ дар сатҳи афзоиш қарор дорад.

Дар ноҳия 46 истгоҳи пахши мавҷҳои телевизионӣ амал карда, ба аҳолӣ имконият медиҳад, то барномаҳои «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо» ва «Шабакаи якум»-ро тамошо кунанд. Фарогирии барномаҳои телевизионӣ дар ноҳия чунин аст: «Сафина» - 30,4 % , «Баҳористон»- 2,2 %, «Ҷаҳоннамо»-19,6 % ва «Шабакаи якум»-52,2 %.

Моҳе ду маротиба дар ноҳия рӯзномаи «Шоҳдара» бо забони тоҷикӣ ба теъдоди 1000 нусха нашр мешавад, ки аҳолиро аз муҳимтарин ахбори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ноҳия огоҳ месозад. Мутаассифона, аз сабаби набудани бинои матбаа ва таҷҳизоти чопӣ рӯзномаи «Шоҳдара» дар шаҳри Хоруғ интишор мегардад, ки ин арзиши аслии рӯзномаро ба аҳолии деҳот гаронтар мекунад. Мушкилоти дигар барои матбааи ноҳия надоштани технологияи муосир ва асбобҳои сабти овозу симо мебошад.

Аз сабаби дурдаст будани ноҳия аҳолӣ ба алоқаи интернет дастрасии маҳдуд дорад. Дар ноҳия дастрасӣ ба интернет асосан тавассути хизматрасонии Телеком сурат мегирад. Айни ҳол 30 идораву муассиса ба интернет пайваст карда шудаанд.

## БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА.

### 5.1. Ҳифзи муҳити зист.

Дар ноҳия оиди масъалаҳои ҳифзи муҳити зист "Бахши муҳити зисти ноҳияи Роштқалъа" фаъолият менамояд, ки аз 2 нафар корманд (сардор ва нозири давлатӣ) иборат аст. Вазифаи асосии бахши мазкур назорат ва ҳифзу истифодаи дурусти захираҳои табиӣ (об, замин, ҳаво, партовҳо, шикор, моҳидорӣ ва дигар захираҳо) мебошад. Масъалаҳои ҳалношудаи соҳа хеле зиёданд, аз ҷумла, бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо, дарахтзорҳо ва ҷангалзорҳо, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон ва қӯруқшиканӣ, ифлосшавии мавзеъҳои кӯҳсор бо партовҳои сахти маишӣ, азхудкунии заминҳои наздикӯҳӣ бе назардошти релефи он, бад шудани ҳолати чарогоҳҳо, азхудкунии ғайриқонунии канданиҳои фоиданоки табиӣ, аз ҷумла хок, қуму санг, шағал ва ғайраҳо.

Ноҳияи Роштқалъа яке аз ноҳияҳои кӯҳиии кишвар буда, кишоварзӣ асоси иқтисодиёти онро ташкил медиҳад, аз ин лиҳоз проблемаҳои экологии минтақа дар алоқамандии зич бо фаъолияти кишоварзӣ вобаста мебошад. Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, иқлими мӯътадил ва релефи кӯҳӣ дар минтақа баҳри инкишофи ҷангалзор ва нашъунамои он мусоидат менамояд. Қисми зиёди масоҳати ноҳияро кӯҳҳо иҳота намуда, замини обии ноҳия ҳамагӣ 1516 гектарро ташкил медиҳад.

Таъсири иқтидори саноатии ноҳия ба муҳити зист он қадар зиёд нест. Дар ноҳия 5 нерӯгоҳи хурди истеҳсоли нерӯи барқ, 2 корхонаи хурди дӯзандагӣ, 3 коргоҳи коркарди чӯбу тахта, 12 адад осёби обӣ фаъолият мекунанд ва ба ҳолати экологии ноҳия таъсири антропогении воқеъӣ намерасонанд. Ҳавои атмосфера дар ҳудуди

ноҳия асосан аз ихроҷоти нақлиёти автомобилӣ, ки миқдораш 390 адад мебошад, ифлос мешавад.

Кишоварзони ноҳия аслан ба растанипарварӣ, боғдорӣ ва чорвопарварӣ машғул мебошанд. Зиёда аз 75 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагонӣ дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Мушкилиҳои асосии экологии ноҳия, ки аз онҳо сатҳи некуаҳволӣ (камбизоатӣ)-и аҳолӣ вобаста аст, ба самтҳои зерин дахл дорад:

- норасоии оби полезӣ дар солҳои камбориш ва вазъи ғайриқаноъатбахши мелиоративии 5 гектар заминҳои обӣ аз ҳисоби баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва шӯршавии замин дар деҳаҳои Парзудч ва Синдев, ки сабаби асосиаш тоза карда нашудан ва таъмирталаб гаштани 4 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ мебошад.
- ҳолати ғайриқаноъатбахши чарогоҳҳо дар мавсими камбориш, ки боиси кам шудани алаф ва терескен-хӯроки чорво мегардад,
- ҳифз ва истифодаи самараноки мавзеъҳои ҷангал.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳад, ки майдони заминҳои обӣ ҳамагӣ 0,3%-ро ташкил медиҳанд. Ҳоло дар ноҳия 5 га замин дар ҳолати ғайри мелиоративӣ қарор дорад. Сабабаби дигари паст шудани ҳосилнокӣ замин ин сари вақт таъмин нашудани нуриҳои минералию захрхимикатҳо, тағйирёбии иқлим, паҳн шудани ҳаргуна ҳашароти заррасон ва касалиҳо мебошад.

Дар доираи “Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006- 2015” масъалаҳои ҳалталаби соҳаи ҷангал ва самтҳои асосии он бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва беҳбуд бахшидан ба ҳолати муҳити зист пешбинӣ шудааст. Тибқи Барномаи мазкур дар ҳудуди ноҳия тӯли солҳои 2013-2015 зиёд намудани шумораи дарахтони сояафкан ва то 14 гектар зиёд намудани майдони ҷангалзор пешбинӣ шудааст. Ҳамасола дар мавсими обхезӣ майдони зиёди ҷангалро ҷараёни босуръат ва баланди об шуста мебарад, ки он боиси кам шудани майдони ҷангалзор мегардад. Аз ин лиҳоз ҷиҳати бартараф намудани ин ҳолатҳо ва барқарорсозии майдони ҷангал бояд дар мавзеъҳои Бидез, Занудч, Синдев, Бидевч, Оҷатга, Шохрез, Сеинез, Советобод, Нимоз ва Шошбувади ҷамоатҳои деҳоти Барвоз ва Сижд ба дарозии тақрибан 10-15 км бояд корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ гузаронида шаванд.

Майдони чарогоҳҳои ноҳия 66532 га буда, дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад 39739 гектар чарогоҳ, аз он 454 гектараш обӣ, қарор дорад. Шумораи умумии чорво 72839 сар (соли 2013) мебошад, аз ҷумла 13598 сар чорвои калони шохдор (аз ҷумла 572 сар қутос) ва 59558 сар бузу гӯсфанд ба қайд гирифта шудааст. Дар ноҳия 93 фоизи саршумори чорво ба сектори аҳолӣ ва 7 фоиз ба сектори хоҷагии деҳқонӣ рост меояд.

Аз ҳолати чарогоҳҳо сатҳи некуаҳволии сокинон сахт вобаста буда, деградатсияи он боиси кам шудани даромади аҳолӣ аз чорводорӣ ва боло рафтани сатҳи камбизоатӣ мегардад. Тибқи меъёри муқарраргардидаи чорвопарварӣ барои 5 сар моли майда 1 га чарогоҳ зарур мебошад, дар ноҳияи Роштқалъа ин нишондод дар нисбати чарогоҳҳои тобистона 3,31 гектарро ташкил медиҳад, яъне аз меъёр 2,31 гектар зиёд мебошад. Аммо нисбати чарогоҳҳои зимистона (6291,27 гекта) бошад ин нишондод ба 0,52 гектар баробар мегардад, ки аз меъёри муқараргардида 0,48 гектар кам мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳими экологии ноҳия, ин сари вақт ҷамоварӣ нагаштани партовҳо мебошад. Партовгоҳи марказӣ дар дар деҳаи Анҷин, дар масофаи 3 км дур аз маркази ноҳия ҷойгир шудааст. Бинобар боришоти зиёд каналу ҷӯйҳои обпарто ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Мавҷуд набудани хадамоти коммуналӣ дар ҷамоатҳо боиси пайдо шудани партовгоҳҳои сершумори ғайрирасмӣ, ифлос шудани замин, соҳилҳои иншооти об ва афзудани хатари сар задании касалиҳои сироятӣ мегардад.

Манбаъи дигар ташаккули партовҳо муассисаҳои тиббии ноҳия ва хадамоти байтории ноҳия мебошанд. Муассисаҳои тиббӣ бояд бо печҳо барои сузонидани партовҳои хатарнок, барои чорвои аз касалиҳо фавтида ташкили чоҳҳои Бейкер зарур аст. Дар айни замон дар ноҳия чунин таҷҳизоти ба ҳифзи табиат мусоидаткунанда

мавҷуд нест. Ҳамаи ин ба зиёд шудани касалиҳо миёни аҳолӣ, афзудани хароҷоти онҳо барои табобат, коҳиши сатҳи дарозумрӣ ва баланд шудани сатҳи камбизоатӣ меоварад.

Барои ҳалли ин масъалаҳо лозим аст, ки дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳия барои ташкил намудани партовгоҳ қитъаҳои алоҳидаи замин ҷудо карда шуда, ҷиҳати ташкил намудани муассисаҳои коммуналии хусусӣ ё давлатӣ ва дар соҳаи мазкур ба хизматрасонӣ машғул гардидани онҳо, мусоидат намудан зарур аст. Дар ноҳияи Рошткалъа хатти ташноб (канализатсия) вуҷуд надорад, ки ин ба сохтмон ва ба истифода додани хонаҳои бисёрошёна дар ноҳия монеъ мегардад. Мавҷуд набудани хатти ташноб (ба хусус дар нуқтаҳои аҳолинишин) метавонад боиси ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ гардад. Мушкилии дигар ин нокифоягии дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ мебошад. Дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ бошад, ба таври умумӣ 66 фоизро ташкил дода, 34 фоизи аҳолӣ аз норасоии об танқисӣ мекашанд. Дар маркази ноҳия ҳамагӣ 2 км хати оби нӯшокӣ гузаронида шудааст. Аҳолии боқимондаи ноҳия ба сифати оби нӯшокӣ аз сарчашмаҳои обтаъминкунии обҳои рӯизаминиву зеризаминӣ ва чашмаю дарёчаҳо истифода мебаранд.

Манбаъҳои оби нӯшокӣ минтақаи муҳофизати санитарӣ надоранд, ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ набуда, ҳавзхои такшинкунии хок ва ҳавзи тозакунӣ бо маҳлули хлор надоранд ва ягон сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешаванд. Барои безарар гардонидани оби нӯшокӣ табассути маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (МНДСЭ) ташхиси обҳои нӯшокӣ гузаронида мешавад, вале чанд соли охир бо сабаби касод будани буҷет ва ҷудо нагардидани маблағ барои корҳои ташхисӣ, болоравии нархи сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва реактивҳо ташхисҳои безараргардонии оби нӯшокӣ дар ноҳия кам гузаронида мешавад.

### 5.2. **Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода, пешгирӣ ва паст кардани хатари пайдоиши онҳо**.

Ноҳияи Рошткалъа дар қисмати шарқии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойгир шудааст. Масоҳати ноҳия 4,2 ҳазор километри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар ҳамаи ҷамоатҳои деҳоти ноҳия минтақаҳои хатарнок мавҷуд мебошанд. Аз 107 деҳаи дар ноҳия мавҷудбуда, 32 деҳа мувоҷеҳи офатҳои табиӣ мебошанд, ки 30% нуқтаи аҳолинишинро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои хонагии ноҳия, 375 хоҷагӣ ё 12,4%, дар минтақаи хатарнок ҷойгиранд. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хатарнок 1846 нафар ё 9,7 % аҳолӣ зиндагӣ мекунанд.

*Таносуби умумии шумораи деҳоти дар минтақаҳои хатарнок ҷойгирифтаи ноҳия.*

| **№ б.т** | **Номгӯи ҷамоатҳо** | **Шумораи деҳаҳо дар ҷамоат** | **Шумораи деҳаҳо дар минтақаҳои хатарнок** | **Шумораи деҳаҳо дар минтақаҳои хатарнок (%)** |
|---|---|---|---|---|
| 1 | *Қ.Гадолиев* | 24 | 11 | 45,8 |
| 2 | *Тусиён* | 13 | 2 | 15,4 |
| 3 | *М.Миршакар* | 20 | 6 | 30 |
| 4 | *Рошткалъа* | 11 | 7 | 63,6 |
| 5 | *Барвоз* | 17 | 5 | 29,4 |
| 6 | *Сежд* | 22 | 1 | 4,5 |
| | *Ҳамагӣ* | 107 | 32 | |
| **№ б.т** | **Номгӯи ҷамоатҳо** | **Шумораи хоҷагиҳо, дар ҷамоат, ҳамагӣ** | **Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хатарнок** | **Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хатарнок (%)** |
| 1 | *Қ.Гадолиев* | 970 | 185 | 19 |
| 2 | *Тусиён* | 381 | 22 | 5,8 |
| 3 | *М.Миршакар* | 665 | 54 | 8,1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4 | *Рошткалъа* | 467 | 61 | 13 |
| 5 | *Барвоз* | 409 | 40 | 9,8 |
| 6 | *Сежд* | 410 | 13 | 3,2 |
| | *Ҳамагӣ* | 3302 | 375 | 11,3 |
| ***№ б.т*** | ***Номгӯи ҷамоатҳо*** | ***Шумораи аҳолӣ*** | ***Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хатарнок*** | ***Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хатарнок*** (%) |
| 1 | *Қ.Гадолиев* | 7750 | 844 | 11 |
| 2 | *Тусиён* | 3135 | 143 | 4,6 |
| 3 | *М.Миршакар* | 5444 | 265 | 4,9 |
| 4 | *Рошткалъа* | 3417 | 299 | 8,7 |
| 5 | *Барвоз* | 3245 | 211 | 6,5 |
| 6 | *Сежд* | 3470 | 84 | 2,4 |
| | *Ҳамагӣ* | 26461 | 1846 | 7,0 |

Тамоми ҳудуди ноҳия бо офатҳои табии, монанди боронҳо, сармо ва барф мувоҷеҳ мебошанд.




*Номгӯи офатҳои табиие, ки деҳотро таҳдид мекунанд.*

| ***Ҷамоат*** | ***Деҳа*** | ***Намуди ҳараёни таҳдидкунанда*** | ***Ҷамоат*** | ***Деҳа*** | ***Намуди ҳараёни таҳдидкунанда*** |
|---|---|---|---|---|---|
| *Ба номи Қ. Гадолиев* | *Хабост* | *Сангчарх* | *Рошткалъа* | *Анҷин* | *Сел, сангчарх* |
| | *Кулев* | *Сангчарх* | | *Тингхон* | *Сел, сангчарх* |
| | *Шикуш* | *Ярҷ, сангчарх* | | *Пастарез* | *Зериобмонӣ, сангчарх* |
| | *Сумҷев* | *Ярҷ, сангчарх, сел* | | *Рождара* | *Сел* |
| | *Андарв* | *Ярҷ, сел* | | *Савир* | *Зериобмонӣ,* |
| | *Риҷист* | *Ярҷ, сангчарх, сел* | | *Трайд* | *Сангчарх* |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | *Кайонен* | *Зериобмонӣ, сангчарх* | | *Римвоҷ* | *Сел, сангчарх* |
| | *Хидорҷев* | *Сангчарх* | | | |
| | *Тавдем* | *Сангчарх* | | | |
| | *Бодоми поён* | *Сангчарх* | | | |
| | *Пиш* | *Сангчарх* | | | |
| *Тусиён* | *Лангар* | *Ярҷ, сел* | *Барвоз* | *Миденвед* | *Сел, ярҷ, сангчарх* |
| | *Жирпор* | *Зериобмонӣ, сангчарх* | | *Сорҷ* | *Ярҷ, зериобмонӣ* |
| | | | | *Амбав* | *Зериобмонӣ,* |
| | | | | *Вездара* | *Сел, зериобмонӣ,* |
| | | | | *Оҷатга* | *Зериобмонӣ,* |
| *Ба номи М.Миршакар* | *Миденшарв* | *Сангчарх* | *Сежд* | | |
| | *Парзудҷ* | *Сел* | | *Сежд* | *Сел* |
| | *Занинс* | *Сел, сангчарх* | | | |
| | *Бидизи поён* | *Сел, ярҷ, сангчарх* | | | |
| | *Бароҷ* | *Ярҷ, сангчарх* | | | |
| | *Тирбар* | *Зериобмонӣ,* | | | |
| | | | | | |

Дар санадҳо ҳисороти умумии дар натиҷаи офатҳои табии тайи ин солҳо ба вуқӯъ омада нишон дода шуда, шумораю намудҳои офатҳои табии ба қайд гирифта нашудаанд. Инҳо асосан боронҳои шадиду давомнок, селҳо, бориши барфи зиёд ва хунукиҳо мебошанд.

*Таносуби буҷети ноҳия ва зарарҳои расонидаи ҲФ.*




Дар натиҷаи офатҳои табии тӯли се соли охир (солҳои 2011-2013) ҳамагӣ 1268800 сомонӣ зарар расонида шудааст, ки ин 3,9 фоизи буҷети сесола ва 7,2 фоизи буҷети яксолаи ноҳияро ташкил медиҳад. Зарари аз ҳама калон ба соли 2012 рост омад, ки дар натиҷа қисми хароҷоти буҷети ноҳия ба 7,1 % афзуд. Сабабгори асосии он боришоти зиёди барфу боронҳо буд, ки боиси омадани сел гардид. Ҳисороти бештар аз боришоти барф, хунукиҳо ва селҳо ба соҳаи инфрасохтор, кишоварзӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ ворид шудааст.

*Зарарҳое, ки ҲФ ба инрасохтори ноҳия расонид.*

| ***Иншоотҳои зарардида*** | ***Маблаги зарар, сомонӣ*** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | *с.* 2011 | *с.*2012 | *с.*2013 | ***Ҳамагӣ дар солҳои*** 2011-2013 |
| *Хонаҳои истиқоматӣ* | 44,4 | 50,0 | 48,1 | 142,5 |
| *Мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ* | - | - | - | |
| *Муолиҷахона ва беморхонаҳо* | 100,0 | --- | 40,0 | 140,0 |
| *Иншоотҳои маданию маишӣ* | 19,0 | -- | --- | 19,0 |
| *Роҳҳо* | 10,0 | 186,3 | 310,0 | 506,3 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| *Пулҳо* | | | | |
| *НИБ (ЛЭП)* | 40,0 | | | 40,0 |
| *Хатҳои алоқа* | 22,0 | 23,0 | | 45,0 |
| *Хатҳои обгузар* | | 20,0 | | 20,0 |
| *Кишоварзӣ* | | 277,0 | | 277,0 |
| *Иншоотҳои дигар* | | 33,0 | 46,0 | 79,0 |
| *Ҳамагӣ* | 235,4 | 589,3 | 444,1 | 1268,8 |

Дар давраи мазкур хисороти зиёдтар аз қиёси фоизӣ ба соҳаи кишоварзӣ расидааст. Ин ҳисорот беш аз 2,3 маротиба аз қисми хароҷоти буҷети ноҳия, ки ба ин соҳа равона шудааст, афзунтар аст (251,6 ҳаз  сомонӣ ё 0,008 % аз қисми хароҷоти буҷети ноҳия).




***Сохтори омодабошӣ ва эътино ба ҲФ дар ноҳия***. Айни замон, дар ноҳияи Роштқалъа 9 хадамот вуҷуд дорад, ки бевосита ба пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд.

*Маълумот оиди нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷот*

| ***Хадамоти хабаррасонӣ ва алоқа (ҶШСК «Тоҷиктелеком»*** | | |
|---|---|---|
| ***Неру ва воситаҳои мавҷуда*** | ***Захираҳои мавҷуда*** | ***Эҳтиёҷот*** |
| *Маркази огоҳкунанда ва алоқа 1 адад*<br>*Муҳаррик (генератор) 1 адад* | *Ноқил п-274 2 км* | *Маводҳои сузишвории дизелӣ 2 тонна.* |
| ***Хадамоти таъмини тартибот (ШКД)*** | | |
| ***Неру ва воситаҳои мавҷуда*** | ***Захираҳои мавҷуда*** | ***Эҳтиёҷот*** |
| *Ҳайҳати шахсӣ- 35 нафар*<br>*Нақлиёти автомобилӣ-- 3 адад* | *Вуҷуд надорад* | *Масолеҳи сузишворӣ ва дигар лавозимотҳои зарурӣ* |
| ***Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ*** | | |
| ***Неру ва воситаҳои мавҷуда*** | ***Захираҳои мавҷуда*** | ***Эҳтиёҷот*** |
| *Нав таъсис дода шудааст*<br>*Автомашинаи сӯторхомӯшкунӣ 1 адад* | *Вуҷуд надорад* | *Дастпӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 77 мм-600 м 6 адад*<br>*Даспӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 51 мм – 600 м 6 адад*<br>*Даспӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 66 мм – 600 м 10 адад*<br>*Дастпӯшаки обии диаметраш 125 мм 6 дона*<br>*Дастпӯшаки обии диаметраш 77 мм 12 дона*<br>*Ниқоби муқобили газ 6  дона*<br>*Халтаи боргирӣ 12 дона*<br>*Дастгоҳи ҳавои тоза 12 адад* |
| ***Хадамоти нақлиёт ва роҳсозӣ*** | | |
| ***Неру ва воситаҳои мавҷуда*** | ***Захираҳои мавҷуда*** | ***Эҳтиёҷот*** |
| *Ҳайати шахсӣ 45 нафар*<br>*Булдозер Т-130 1 адад* | *ГСМ- 20л.*<br>*Сузишвории дизелӣ- 600 л.* | *Булдозер 1 адад*<br>*Мошини боркашонӣ 1 адад* |

| | | |
|---|---|---|
| *Булдозер Д*-21 1 *адад*<br>*Трактор ЛВ*-321 1 *адад*<br>*Автогрейдер* 1 *адад* | | *Дигар лавозимоти зарурӣ* |
| ***Хадамоти коммуналӣ*** | | |
| ***Неру ва воситаҳои мавҷуда*** | ***Захираҳои мавҷуда*** | ***Эҳтиёҷот*** |
| *Техникаи автомобилӣ*:<br>*ЗИЛ* – 130 1 *адад*<br>*Кормандон* 19 *нафар* | *бензин* - 200*литр*<br>*Сузишвории дизелӣ* - 100 *литер* | *МСМ* (*ГСМ*) 2,5 *тонна*<br>*Автомашинаи АСМ* 1*адад*<br>*Автомашинаи партовбарорӣ* 1 *адад*<br>*Трактори Т* 28 1 *адад*<br>*Эксаватор боркунак* 1 *адад* |
| ***Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемологӣ*** | | |
| ***Неру ва воситаҳои мавҷуда*** | ***Захираҳои мавҷуда*** | ***Эҳтиёҷот*** |
| *Ҳайати шахсӣ* 16 *нафар*<br>*Автомашинаи сабукрав*1 *адад*<br>*Лабораторияи паразитология* 1 *адад*<br>*Яхдон* 1 *адад*<br>*Микроскоп* 1 *адад* | *Вуҷуд надорад* | *Маводи безараркунанда* 200*кг*<br>*Бино ва ташхисгоҳи бактералогӣ*<br>*Камераи сайёр* 1*адад*<br>*Муҳаррик* 1*адад*<br>*Дистиллятор* 2 *адад*<br>*Либосҳои махсус* 6 *ҷуфт*<br>*Пироҳани муқобили чума* 2 *адад*<br>*Автомашина санитарӣ* 1 *адад* |
| ***Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот*** | | |
| ***Неру ва воситаҳои мавҷуда*** | ***Захираҳои мавҷуда*** | ***Эҳтиёҷот*** |
| *Автомобил УАЗ*-469 – 1 *адад* | 40% *маводҳои дорувории лозимӣ* | *таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, бунгоҳҳои қабул ва аз нав кор карда баромадани пашму пӯст.*<br>*Таъмири асосии бинои маъмурӣ.*<br>*чойҳои махсус барои гӯронидан ва сӯзонидани чорво* |
| ***Хадамоти энергетикӣ*** | | |
| ***Неру ва воситаҳои мавҷуда*** | ***Захираҳои мавҷуда*** | ***Эҳтиёҷот*** |
| *Ҳайати шахсӣ* 28 *нафар*<br>*Автомашинаи УАЗ* 1 *адад*<br>*Зеристгоҳи* 35/10 *кв* 1 *адад*<br>*Зеристгоҳи* 35 / 0/4 *кв* 1 *адад*<br>*Зеристгоҳи* 10 /04- 109 *адад*<br>*ХИБ*- 04 -35*АБ* —620*км* | *Сими алюминии намуди*:<br>*А*-50-250 *кг*<br>*А*-35-70 *кг*<br>*А*-70-40 *кг*<br>*Изолятори ШФ*-10*кв* 70 *адад*<br>*Изолятори ТФ*- 20 60 *адад*<br>*Муҳофизаткунандаи ПН*-400*А*-30 *дона*<br>*Изолятори ИП* – 10 *кв* 20 *дона* | *Симчӯбҳо* 12 *дона*<br>*Сӯзишворӣ* 0,6 *тонна*<br>*Равгани техникӣ* 15*л*<br>*Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД* 1 *воҳид*<br>*Ноқили барқии А*-50- 0,5 *т*<br>*Трансформаторҳо* – 160*кв* 1 *адад*<br>*Трансформаторҳо* – 250 *кв* 1 *адад*<br>*Ноқили АПВ*-35-50.70- 800 *м*<br>*Фулузоти варақагӣ* (*катанка*) 50 *кг*<br>*Гӯшаи оҳанӣ* (*уголок*)-63.63 40 *кг*<br>*Электрод* 5 *кг* |
| ***Хадамоти тиббӣ*** | | |
| ***Неру ва воситаҳои мавҷуда*** | ***Захираҳои мавҷуда*** | ***Эҳтиёҷот*** |
| *Мошинҳои ёрии таъҷилӣ* 4 *адад* | 40 % *аз эҳтиёҷоти маводҳои дорувори тиббӣ.*<br>*Сузишворӣ дизелӣ* 100*л* | *МСМ* (*ГСМ*) 2 *тонна*<br>*Маводҳои зарурияти аввалиядоштаи тиббӣ ҳангоми рух додани ҲФ*<br>*Дефлиблирятор* 1 *адад*<br>*Дизкамера*1 *адад*<br>*Дастгоҳи ИВЛ*-6 1 *адад*<br>*Хайма* 6 *дона* |

Дар сурати ба вуқӯъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодда, сохтори омодабошӣ ва эътинои ноҳияи Роштқалъа чунин пешбинӣ шудааст:

**Сохтори омодабошӣ ва эътино ба *ЫI*Ф дар ноҳияи Роштқалъа**




*Мушкилиҳои асосӣ* оид ба паст кардани сатҳи офатҳои табии дар ноҳия. набудани маблағҳои пулӣ дар буҷет барои низоми огоҳсозӣ/эътинои офатҳои табии, барои таъсиси системаи огоҳкунии пешакӣ ва барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ дар мавзеи осебпазиртари ноҳия, самаранок набудани фаъолияти хадамотҳои ноҳиявӣ оид ба мудофиаи шаҳрвандӣ, мавҷуд набудани харитаи мавзеъҳои хатарноки ноҳия.

## БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

***Нерӯи ташкилӣ ва зеҳнии ноҳия***. Идоракунии давлатии ноҳия аз ҷониби мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал амалӣ мегардад.

Мақомоти намояндагии маҳаллӣ – Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 30 нафар (8 нафар зан) иборат мебошад. Илова бар ин, 4 нафари дигар аъзои Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ аз ҳудуди ноҳия ба ҳисоб мераванд, ки аз ин 1 нафараш зан мебошад. Ҷаласаҳои Маҷлис ҳар 3 моҳ гузаронида мешаванд ва дар ҳолатҳои зарурӣ метавонад ҷаласаҳои ғайринавбатӣ баргузор гардад. Дар ин ҷаласаҳо намояндагон буҷетҳои маҳаллиро тасдиқ намуда, дар бораи иҷроиши онҳо ҳисоботро мешунаванд, меъёрҳои

андоз ва боҷи маҳаллиро муайян, барномаҳои рушдро тасдиқ менамоянд ва ҳисоботи мақомоти иҷроияи ҳокимиятро гӯш мекунанд.

Аз ҷониби Маҷлис 5 комиссияи доимӣ дар зеромада ташкил шудаву фаъолият мебаранд:

- оид ба масоили қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ
- оид ба масоили иқтисодиёт ва буҷет,
- оид ба кори ҷавонон фарҳанг ва варзиш
- оид ба масоили кишоварзӣ ва муҳофизати муҳити зист
- оид ба соҳаи маориф, тандуруства ҳифзи иҷтимоӣ

Айни замон, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 37 нафар, (аз ҷумла 6 нафарашон занҳо) фаъолият мекунанд. Ба ҳолати 1 сентябри соли 2014 ҷои кори холӣ мавҷуд нест. Дар дастгоҳи раиси ноҳия бошад 15 нафар, ки 5 нафарашон зан аст, кор мекунанд

***Сохтори ташкилии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Роштқалъа***






Иқтидори техникии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва идораву муассисаҳои давлатии ноҳия 21 компютер, 19 принтер, 6 адад нуқтаи ба интернет пайвастшуда ва 2 факс буда, норасогии техникӣ 18 компютер, 10 принтер ва 9 факс (бо назардошти ҷамоатҳои деҳот) - ро ташкил медиҳад.

***Таъминоти буҷетӣ ва молиявӣ.*** Маблағгузории «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Роштқалъа барои солҳои 2015-2019» аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояҳои дохилӣ (соҳибкорони ватанӣ) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- *Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома*;
- *Қарзҳои бонкӣ*;
- *Маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ*;
- *Сармояи инвесторҳои хориҷӣ, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё ҷорабиниҳои алоҳидаи онҳо*;
- *Сармояи муҳоҷирони меҳнатии берунмарзие, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.*

Буҷети маҳаллӣ дар амалӣ шудани Барномаи мазкур нақши калон мебозад, вале таҳлил нишон медиҳад, ки барои рушди ноҳия тавассути буҷети маҳаллӣ маблағ кам ҷудо карда мешавад.

Сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷет - ин андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андози ягона, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз аз амволи ғайриманқул ва ғайра маҳсуб меёбад. Аз ин бар меояд, ки дар ноҳия ҷойҳои нави корӣ таъсис гардида, ҳаҷми пешниҳоди хизматрасониҳо зиёд ва инчунин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш меёбад. Таи солҳои 2011 – 2013 даромадҳои худии ноҳия ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 8,5%-и қисми хароҷоти буҷетро мепӯшонанд, ки дар ин робита барои пӯшонидани касри буҷет субвенсия ҷудо мегардад.

Буҷети ноҳияи Роштқалъа аз сметаи ягонаи даромаду хароҷот иборат аст. Қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳия аз ҳисоби 12 намуди андоз ташаккул меёбад. Сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷет-ин андоз аз даромад, ААИ (НДС) ва андози ягона маҳсуб меёбад. Аз ин бар меояд, ки дар ноҳия ҷойҳои нави корӣ таъсис гардида, ҳаҷми пешниҳоди хизматрасониҳо зиёд ва инчунин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш меёбад. Даромадҳои худии ноҳия ба ҳисоби миёна 10%-и қисми хароҷоти буҷетро мепӯшонанд ва дар ин робита барои пӯшонидани касри буҷет

субвенсия ҷудо мегардад, ки дар се соли охир ба ҳисоби миёна 90 %-и маблағи умумии хароҷотро ташкил дод.

*Даромади ноҳияи Роштқалъа дар давоми солҳои 2011-2013 (сомонӣ)*




Дар сохтори қисмати даромадии буҷети ноҳия андоз аз даромад, андози ягона ва дигар андозҳо дорои аҳамияти бештаранд.

*Сохтори қисмати даромадии буҷети ноҳияи Роштқалъа*




Соли 2013 дар сохтори даромад 3,5 % камшавии ҳиссаи ААИ ба назар мерасад. Аммо дар ҳаҷми 15,7% зиёдшавии андоз аз даромад мушоҳида мешавад, ки ба рушди бахши БХМ ва афзоиши шумораи соҳибкорон алоқаманд аст. Инчунин, ҳамасола аз меъёр зиёд иҷро гардидани нақшаи вазифаи муқарраргардида аз рӯи сарчашмаҳои дахлдор дар қисмати даромад ба назар мерасад. Аммо, қайд кардан зарур аст, ки маблағи ҷамънашуда бо намудҳои ҷудогонаи андоз дар соли 2013 - 5858 сомониро ташкил медиҳад.

Чи хеле, ки қаблан қайд карда шуд ноҳия субвенсионӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин бар меояд, ки қисмати хароҷоти ноҳия асосан хусусияти иҷтимоӣ дорад, зеро аз ҳамаи хароҷотҳо ба ҳисоби миёна 60 % ба соҳаи маориф ва 17 % ба соҳаи тандурустӣ ҷудо карда мешавад.

*Сохтори қисмати хароҷотии буҷети ноҳияи Рошткалъа*




| | Идоракунии давлати | Мудофиа | Маориф | Тандурусти | Хифзи ичтимои | ХМК | Фарханг, варзиш | Кишоварзи | Дигар харочотхо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2011 | 10,1% | 2,3% | 60% | 16,9% | 0,9% | 2,3% | 6,0% | 0,9% | 0,4% |
| 2012 | 12,7% | 2,2% | 56,9% | 17,8% | 0,9% | 20,4% | 6,2% | 0,8% | 0,3% |
| 2013 | 9,6% | 1,9% | 61,6% | 17,2% | 0,8% | 1,5% | 6,3% | 0,7% | 0,3% |

Нақшаи даромади буҷет ҳамасола барзиёд иҷро гардида, иҷроиши қисми хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо таъмин карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки дар муддати чандин сол аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои рушди ноҳия аз ҳисоби афзоиши даромадҳо ва бақияҳои озод маблағҳои буҷетӣ ҷудо карда мешаванд. Дар давоми 3 сол барои рушди ноҳияи Рошткалъа ҳамагӣ 496,8 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст. Аз ҳисоби ин маблағҳо барои азнавсозии бинои маъмурии МИМҲД- и ноҳия 420 ҳазор сомонӣ ва таъмири муассисаҳои таълимӣ 25,6 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст.

***Кӯмаки беруна.*** Имконияти ноҳия аз ҷиҳати дороии захираҳои молӣ маҳдуд аст. Маблағҳои буҷетии ноҳияи Рошткалъа барои таъмини рушди ноҳия ниҳоят каманд. Ноҳия дотатсионӣ буда, барои таъмини буҷети он аз буҷетҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ субсидияҳо (90,2%) ҷудо карда мешаванд. Дар ноҳия якчанд ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналхалқӣ, аз ҷумла, Барномаи ҷонибдории манотиқи кӯҳистон (МСДСП), Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид (UNDP), Маркази татбиқи лоиҳаҳо оид ба бехтар намудани сатҳи зиндагӣ дар ВМКБ, ташкилоти байналхалқии «ФОКУС», DIPECHO, SDC, MCF, TCF, PSAKFE, Crose Border ва 6 ташкилоти ҷамъиятии деҳотӣ фаъолияти худро пеш мебаранд, ки барои рушди ноҳия саҳми арзандаи худро мегузоранд. Тавассути ташкилотҳои номбурда дар ноҳияи Рошткалъа ба маблағи 168898,5 доллари ИМА корҳо иҷро гардидаанд.

*Лоиҳаҳое, ки дар ноҳияи Рошткалъа бо сармояи хориҷӣ татбиқ гашта истодаанд.*

| № | *Номи лоиҳа ё барнома* | *Манбаи маблаггузорӣ* | *Маблаги умумӣ, (доллари ИМА)* | *Мӯҳлати иҷро* | *Самти стратегӣ* |
|---|---|---|---|---|---|
| | *Дар соли 2013* | | | | |
| 1 | *Сохтмони хатти оби нӯшокии д.Шод* | SDC | 13851 | *Май-июл* | *ПТМ* |
| 2 | *Сохтмони хатти оби нӯшокии д.Себзор* | SDC | 35386 | *Май-июл* | *ПТМ* |
| 3 | *Сохтмони хатти оби нӯшокии д.Бидизи боло* | SDC | 21059 | *Май-июл* | *ПТМ* |
| 4 | *Мустаҳкамкунии деворҳои се синфхонаи мактаби №5 бар зидди зилзила* | DIPECHO | 15000 | *Июл-сентябр* | *ПТМ* |
| 5 | *Дастгирӣ тавассути таъмини таҷҳизот ба ГММ Йихс* | MCF | 600 | *Май-июн* | *РИД* |

|  |  |  |  |  |  |
|---|---|---|---|---|---|
| 6 | *Сохтмони таҳхонаҳо барои нигоҳдории картошка* | MCF | 5000 | *Сентябр-ноябр* | *РИД* |
| 7 | *Барномаи коркарди якҷояи технология дар соҳаи богдорӣ* | TCF | 1000 | *Июл-сентябр* | *ПТМ* |
| 8 | *Барномаи коркарди якҷояи технология дар соҳаи картошкапарварӣ* | TCF | 1000 | *Июл-сентябр* | *ПТМ* |
| 9 | *Барномаи коркарди якҷояи технологияи зиёд намудани тухмиҳои сабзавоти сорти маҳаллӣ* | TCF | 1000 | *Июл-сентябр* | *ПТМ* |
| 10 | *Барномаи парвариши гӯсфандҳои дагалпашми зоти Туркӣ* | TCF | 1000 | *Июл-сентябр* | *ПТМ* |
| 11 | *Барномаи кишти галла бо барномаи коркарди якҷояи технология* | TCF | 1000 | *Июл-сентябр* | *ПТМ* |
|  | ***Ҷамъ дар соли*** 2013 |  | 95896 |  |  |
|  | *Дар соли* 2014 |  |  |  |  |
| 1 | *Зинакунонии заминҳои нишеби МХҶ Парзудҷ* | PSAKFE | 8032 | *Январ-май* | *БИЗТ* |
| 2 | *Зинакунонии заминҳои нишеби МХҶ Бидизи поён* | PSAKFE | 10796 | *Январ-май* | *БИЗТ* |
| 3 | *Бунёди ҷангалзорҳо дар МХҶ Бармев* | PSAKFE | 14390 | *Январ-май* | *БИЗТ* |
| 4 | *Бунёди ҷангал дар МХҶ Сумчеви поён* | PSAKFE | 8628 | *Январ-май* | *БИЗТ* |
| 5 | *Дастгирии ГММ «Мадад» тавассути таъмини таҷҳизот* | MCF | 3750 | *Апрел-июн* | *БРИД* |
| 6 | *Дастгирии ГММ «Неъмат» тавассути таъмини таҷҳизот* | MCF | 5089,5 | *Апрел-июн* | *БРИД* |
| 7 | *Дастгирии ГММ «Дӯстӣ» тавассути таъмини таҷҳизот* | MCF | 4739 | *Апрел-июн* | *БРИД* |
| 8 | *Дастгирии ГММ «Хиромон» тавассути таъмини таҷҳизот* | MCF | 3390 | *Апрел-июн* | *БРИД* |
| 9 | *Дастгирии ГММ «Хайр» тавассути таъмини таҷҳизот* | MCF | 2890 | *Апрел-июн* | *БРИД* |
| 10 | *Дастгирии ГММ «Алов» тавассути таъмини таҷҳизот* | MCF | 7330 | *Апрел-июн* | *БРИД* |
| 11 | *Кишти картошкаи беҷирм дар ГММ «Нимоси»* | Crose Border | 3968 | *Апрел-июн* | *БИЗТ* |
|  | ***Ҷамъ дар соли*** 2014 |  | 73002,5 |  |  |
|  | ***Ҳамагӣ дар солҳои*** 2013-2014 |  | 168898,5 |  |  |

## БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии татбиқи "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Роштқалъа барои солҳои 2015-2019" , низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад.

Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии ноҳия). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро Раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад.

Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия - сардори бахши рушди иқтисод ва савдо шахси масъул таъин карда мешавад.

Раиси ноҳия фармоиши махсус мебарорад, ки нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои дар БРН дохилшуда барои ҳисобот ба бахши рушди иқтисод ва савдо пешниҳод шавад. Муҳим аст, ки давра ба давра малака ва дониши аъзои гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ баланд бардошта шавад.

**Сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ**. Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур мебошад:

- то кадом андоза ҳадафҳои Барнома амалӣ шуда истодаанд;
- дар доираи Барнома, лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои нақша (дар ин ҷо сухан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, на натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва мониторинги ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

***Мониторинги натиҷаҳои нақша*** бо роҳи ченкунии аҳамияти индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои нақшаро аз рӯи он мулоҳиза намудан мумкин аст, ки то кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи маълумотҳои бахши омори ноҳия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

***Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо*** дар доираи Барнома, тавассути параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо барнома. Дар ин маврид ҷадвали электронӣ бо формати Excel таҳия мешавад ва бояд ҳар семоҳа ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо тасҳеҳ карда шавад.

Азбаски сатҳи коркарди лоиҳаҳои БРН гуногун аст, он дар таҳияи низоми мониторинг ба назар гирифта шудааст. Лоиҳаи ба Барнома дохилкардашуда метавонад 5 ҷойгоҳ дошта бошад. Инчунин, он метавонад тамоман таҳия нашуда ва ҳоло дар марҳилаи таҳия қарор дошта бошад, лекин дар Барнома номи он зикр гардидааст. Лоиҳаҳое низ ҳастанд, ки пурра таҳия шудаанд, вале аз сабаби набудани маблағ ё дигар омилҳо татбиқи онҳо оғоз нагардидааст. Инчунин лоиҳаҳое ҳастанд, ки дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд ва лоиҳаҳое мавҷуданд, ки онҳо аллакай иҷро шудаанд.

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон/экспертҳо), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.